**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ
ҶОМИИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН**

***Бо ҳуқуқи дастнавис***

**ТДУ 371+376
ТКБ 74.00+74.2 тоҷик.
Н – 47**

**НЕМАТУЛЛОЕВ МУРОДБЕК МУЗАФАРОВИЧ**

# УСУЛҲОИ ПЕДАГОГИИ РУШДИ ҚОБИЛИЯТИ ЗЕҲНИИ ХОНАНДАГОН ТАВВАСУТИ ДАРСҲОИ ИЛОВАГӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ КОР БО ХОНАНДАГОНИ БОЛАЁҚАТ

**(дар мисоли Муассисаи таълимии давлатии “Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе”)**

**Диссертатсия
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ
аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ
(13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)**

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон
Азизӣ Муҳаммадалӣ Миралӣ

**ДУШАНБЕ – 2023**

МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА....................................................................... 3-15**

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ДАРЁФТ ВА РУШДИ ҚОБИЛИЯТИ ЗЕҲНИИ ХОНАНДАГОНИ БОЛАЁҚАТ..................................................................... 16-80**

1.1. Масъалаи лаёқатмандии хонандагон дар низоми муосири таҳсилот............................................................................................. 1637

1.2. Усулҳои инноватсионии психологӣ ва педагогии дарёфти хонандаи болаёқат. Навъҳои лаёқатмандӣ .................................... 38-61

1.3. Принсипҳои асосии таълими хонандагони болаёқат......... 62-80

Хулосаҳои боби I........................................................................ 81-85

**БОБИ 2. ТАЪЛИМИ ИЛОВАГӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ РУШДИ ЗЕҲНИИ ХОНАНДАГОНИ БОЛАЁҚАТ.......................... 86-155**

2.1. Низоми банақшагирии таълими иловагӣ барои хонандагони болаёқат дар Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе.................................................................. 86-115

2.2. Такмили донишу маҳорати хонандагони болаёқат дар ҷараёни таълими иловагӣ ...................................................... 116-128

2.3. Низоми омодасозии хонандагон ба олимпиадаҳои фаннӣ ва озмунҳои зеҳнӣ тавассути таълими иловагӣ дар Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе............................. 129-140

2.4. Корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба самаранокии ташкили раванди таълими иловагӣ ва арзёбии натиҷаҳои он.......................... 141-155

Хулосаҳои боби II........................................................................ 156-159

**ХУЛОСА ВА ТАВСИЯҲО ........................................................ 160-167**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА......................... 168-184**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Рушди босуботи ҳар як давлати пешрафта аз рушди соҳаи маориф ва илм вобастагии амиқ дорад. Яке аз ҳадафҳои муҳиматрини давлати соҳибистиқлоли тоҷикон бунёди маорифи миллӣ ва ворид гардидан ба фазои байналмилалии таҳсилот ба ҳисоб рафта, он ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат муайян гардидааст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати худ ба соҳаи маориф аҳамияти махсус дода, барои беҳтар намудани сифати таълиму тарбия ва дар ин замина баланд бардоштани сатҳи дониҳи хонандагон иқдомҳои назаррасеро амалӣ намуда истодааст. Дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ бо мақсади ислоҳот ва рушди соҳаи маориф даҳҳо стратегия ва барномаҳои давлатӣ қабул карда шуданд, ки ба ташаккули заминаҳои ҳуқуқӣ, бунёду азнавсозӣ ва таҳкими моддӣ-техникии муассисаҳои таълимӣ мусоидат намуданд.

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди соҳаи маориф ва татбиқи барномаҳои ислоҳоти соҳаи маориф таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2022 қайд мекунанд, ки: “Мо мактабро ба ҳайси боргоҳи илму дониш, саводу маърифат ва омӯзгорро чун шахси мафкурасозу тарбиятгари насли наврас эътироф карда, ба онҳо арҷу эҳтиром гузоштанро аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин медонем. Зеро агар мактаб ва омӯзгор набошад, сатҳи маърифатнокии мардум паст мегардад, миллат бесавод мемонад, ҷомеа ба ҷаҳолат гирифтор мешавад ва дар натиҷа оромиву сулҳу субот, амнияту осоиш ва муҳимтар аз ҳама, рушди давлат сахт халалдор мегардад.

Вобаста ба ин бори дигар таъкид менамоям, ки бунёди миллати мутамаддин аз маориф оғоз меёбад.

Бинобар ин ғамхорӣ кардан ба илму маориф, яъне ҳалли масъалаҳои дар ин самт ҷойдошта – сармоягузорӣ ба хотири рушди неруи инсонӣ мебошад.

Маҳз ба ҳамин хотир мо дар сиёсати иҷтимоии давлату Ҳукумат рушди бонизоми соҳаи маориф, мақому манзалати омӯзгор ва фароҳам овардани шароити мусоиду беҳтарро барои наврасону ҷавонон яке аз самтҳои афзалиятнок донистa, барои рушди ин соҳаи муҳимми низоми иҷтимоӣ ҳамаи чораҳои заруриро роҳандозӣ карда истодаем.

Мақсад аз амалӣ сохтани тамоми иқдомот дар самти рушди илму маориф баланд бардоштани сатҳи саводнокиву маърифатнокии миллат, мунтазам беҳтар гардонидани сатҳу сифати таълим ва тарбияи кадрҳои ба талаботи замона ҷавобгӯй мебошад.

Фаромӯш набояд кард, ки пешрафти давлат ва ояндаи ободи Ватан ба сатҳи донишу маърифатнокии мардум вобастагии мустақим дорад, зеро бесаводӣ, ҷаҳолат ва хурофот ба инсон танҳо бадбахтӣ меоварад ва боиси ақибмонии ҷомеа ва касодии давлат мегардад.

Ба туфайли дастгириҳои пайвастаи Сарвари давлат ва ислоҳоту татбиқи барномаҳои давлатӣ то ба имрӯз ҳазорҳо муассисаҳои таълимӣ бунёду азнавсозӣ гардида, бо шароити муосири таълимӣ таъмин карда шуданд ва ин раванд то ҳол идома доранд. Ҳамзамон, дар ин давра дар мамлакат садҳо муассисаҳои типи нав таъсис ёфт, ки бешубҳа ба болоравии сатҳу сифати таълим таъсири мусбат расонида, барои пешрафти минбаъдаи соҳаи маориф рушди тафаккури зеҳнии хонандагон ва бедор намудани шавқу рағбати онҳо ба донишомӯзӣ мусоидат намуд.

Бо шарофати татбиқи сиёсати маорифпарваронаи Пешвои Миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори аввал дар таърихи ҷумҳурӣ муассисаҳои махсусгардонидашудаи таълимӣ барои хонандагони болаёқат, аз қабили Литсей ва мактабҳои Президентӣ, гимназияву листейҳои равиявӣ барои хонандагони болаёқат таъсис дода шуданд. Ин муассисаҳо вобаста ба таъминоти моддӣ-техникӣ ва шароити таълиму тарбия ҷавобгӯи

стандартҳои байналмилалӣ буда, барои пешрафти дигар муассисаҳои таълимӣ такони ҷиддие доданд.

Ташаккули шахсияти донишманд, дорои қобилияти баланди зеҳнӣ ва малакаю маҳорати зарурӣ маҳз аз кӯдакистону мактаб ибтидо мегирад ва дар раванди дарсҳои иловагӣ тақвият меёбад. Дар шароити муосири таълиму тарбия таҳсилоти иловагӣ  дар баробари дарсҳои асосӣ дарсҳои иловагӣ ҳам аҳамияти хеле муҳим доранд, зеро дарсҳои иловагӣ ба хонандагон имкон медиҳанд, ки мавзуъҳои таълимиро, ки дар дарсҳои асосӣ гузаштанд  боз ҳам пурратару мукаммалтар гардонанд.

Новобаста аз муҳим будани таҳсилоти иловагӣ низоми маорифи кишвар масъалаи истифодаи усулҳои педагогии рушди қобилиятҳои зеҳнии хонандагон тавассути дарсҳои иловагӣ ба таври пурра мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Ҷанбаҳои илмии мавзӯи таҳқиқшаванда аз ҷониби олимону муҳаққиқони зиёд мавриди таҳлилу пажуҳишҳои илмӣ қарор гирифтааст. Дар байни онҳо олимони зеринро қайд намудан ҷоиз аст: В.Абраухова, Н. Артемкина, В.Березина, А.Бруднов, Д.Грибов, Э.Евладова, М.Ковал, Н.Лейтес, А. Матюшкин, В.Панова, А Савенков, В. Скачков, Н. Шумакова, Э Яковлева.

Дар педагогикаи ватанӣ ба масъалаи номбурда бевосита ё бавосита асарҳои олимони тоҷик  У. Зубайдов, М. Лутфуллозода, С. С. Авғонов, С. Н. Алиев, Л. М. Иматзода, И. Х. Каримова, К. Б. Қодиров, Д. Н. Латифзода, Б. Маҷидова, С. Э. Негматов, Ҷ. Файзализода, Ф. Шарифзода, Д. Я. Шарипова, С. Шербоев, А. Шералӣ,  Ш. Каримзода, Г.Ҳошимова, Ҳ. Абдулназаров ва дигарон бахшида шудаанд.

Қайд намудан бамаврид аст, ки таҳқиқотҳои дар боло номбаркардашуда бештар хусусияти умумӣ дошта, диссертатсияи мазкур дар баробари асосҳои назариявӣ ҳамчунин ҷанбаҳои амалии масъалаи рушди қобилиятҳои зеҳнии хонандагонро тавассути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат, дар мисоли фаъолияти Муассисаи давлатии таълимии “Гимназияи №1 барои

хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе” мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар таҳқиқот муаллиф паҳлулҳои гуногуни усулҳои педагогии рушди қобилиятҳои зеҳнии хонандагонро дар дарсҳои иловагӣ дар асоси омӯзиши таҳқиқоти педагогоҳои шинохтаи ватанӣ ва хориҷӣ ба амал баровардааст.

Дар кори мо аҳамияти таҳқиқот аз ихтилофоти зерин, ки дар раванди таълиму тарбия мавҷуданд, бармеояд:

- ҷараёни мукаммал ва ягонагии низоми таълим дар муассисаи таълимӣ;
- тибқи қобилиятҳои хонандагон банақшагирии таълими иловагӣ дар муассисаҳои таълимӣ;
- низоми арзёбии дастовардҳои таълимии хонандагон дар дарсҳои иловагӣ;
- усулҳои ҳамгироии дарсҳои асосӣ ва иловагӣ дар муассисаи таълимӣ.

Коркарди нокифояи назария ва амалияи масъалаи мазкур мавзуи таҳқиқоти моро муайян намуд: “Усулҳои педагогии рушди қобилияти зеҳнии хонандагон тавассути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат (дар мисоли фаъолияти Муассисаи давлатии таълимии Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе)”

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар чорчӯбаи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи педагогика ва психологияи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022 дар мавзуъҳои “Муносибати босалоҳият ба таълим дар таҳсилоти миёнаи умумӣ”, «Асосҳои педагогию психологии ҳамкории мактаб, оила ва ҷомеа дар рафти таълими салоҳиятнок» ва «Ташкили низоми таҳсилоти кӯдакон ва хонандагони талаботи махсусдошта дар шароити муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба роҳ монда шуда, бо мақсади мусоидат ба татбиқи

муқаррароти асосии Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2015-2020 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2014, таҳти №353) ва Барномаи дарёфт ва рушди истеъдодҳо дар шаҳри Душанбе барои солҳои 2021-2025 иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** муайян намудани усулҳои педагогии рушди қобилияти зеҳнии хонандагон тавассути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат ба ҳисоб меравад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил гардидан ва дар амал татбиқ намудани мақсади кори илмӣ-таҳқиқотӣ иҷрои вазифаҳои зерин пешбинӣ шудаанд:

1. Таҳкими асосҳои назариявӣ-методологии шароитҳои педагогии рушди қобилияти зеҳнии хонандагон дар дарсҳои асосӣ ва иловагии муассисаҳои таълимӣ;
2. Муайян намудани хусусиятҳои хоси ҳамгироии дарсҳои асосӣ ва дарсҳои иловагӣ дар асоси нақшаи таълимӣ;
3. Таҳкими самаранокии раванди таълими иловагӣ дар самти ташаккули қобилияти зеҳнии хонандагон;
4. Арзёбии модели банақшагирии дарсҳои иловагӣ ва фаъолияти маҳфилҳои фаннӣ дар Муассисаи давлатии таълимии “Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе”
5. Таҳлил ва баррасии мавқеи дарсҳои иловагӣ дар дарёфт ва рушди истеъдоди хонандагон

**Объекти таҳқиқот** – раванди рушди қобилияти зеҳнии хонандагон тавассути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот** – усулҳои педагогии рушди қобилияти зеҳнии хонандагон тавассути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат.

**Фарзияи таҳқиқот:** қобилияти зеҳнии хонандагон дар дарсҳои иловагӣ ташаккул меёбанд, агар:

- ҳамоҳангии таҳсилоти асосӣ ва иловагӣ дар доираи нақшаву барномаҳои таълимӣ таълимӣ таъмин гардад;

- банақшагирии дарсҳои иловагӣ тибқи талаботи санитариву гигиенӣ таҳия гардида, аз лиҳози педагогиву психологӣ асоснок гардонида шавад;

- ташаккул ва рушди зеҳнии хонандагон ҳамчун ҳадафи махсуси дарсҳои иловагӣ пазируфта шавад;

- шароити мусоиди таълимиву методӣ ва илмиву педагогии раванди дарсҳои иловагӣ фароҳам оварда шавад;

- принсипҳои ихтиёрӣ ва интихоби озоди дарсҳои иловагӣ аз ҷониби хонандагон риоя гардад.

**Марҳилаҳо ва макони таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар се марҳила, аз соли 2020 то соли 2023 гузаронида шуд.

**Дар марҳилаи аввал (солҳои 2020-2021)** таҳлили адабиёти педагогӣ-психологӣ гузаронида шуда, маводи назариявӣ ва амалӣ доир ба мавзуи таҳқиқот ҷамъоварӣ шуд, таҷрибаи васеъи пешқадами педагогӣ омӯхта шуда, маводи илмию амалӣ вобаста ба мавзуи додашуда таҳлил карда шуд, хусусиятҳо ва асосҳои раванди дарсҳои иловагӣ таҳқиқ гардиданд. Сохтори диссертатсия, мавзуъ, мақсаду вазифаҳо, фарзияҳо ва усулҳои таҳқиқот муайян карда шуданд.

**Марҳилаи дуюм (солҳои 2021-2022):** шакл, мундариҷа ва роҳу воситаҳои самарабахши ташаккули қобилиятҳои зеҳнии хонандагон дар дарсҳои иловагӣ хонандагон муқаррар карда шуданд; фарзия, навгонии таҳқиқот муайян карда шуда, кори озмоишӣ ба роҳ монда шуд, ки дар ҷараёни он натиҷаҳои илмии таҳқиқот таҳлил ва ба низом дароварда шуданд, дастурҳои методӣ оид ба рушу такомули қобилиятҳои зеҳнии хонандагон дар раванди дарсҳои иловагӣ коркард ва таҳия карда шуданд, чорабиниҳои гуногуни маърифатию фарҳанги гузронида шуда,

иштироки хонандагон дар олимпиадаҳои фаннӣ ва озмунҳои зеҳнӣ мавриди таҳлил қарор дода шуд.

**Марҳилаи сеюм (солҳои 2022-2023):** натиҷаи корҳои озмоишӣ таҳлил карда шуда, ба низоми ягонаи таҳқиқот ворид карда шуданд, дар ҳамин асос хулосаҳои муҳими таҳқиқот ҳосил карда шуда, санҷишу коркарди нишондодҳо, тавсияҳо ва пешниҳодҳои илмӣ муқаррар карда шуданд, самаранокии истифодаи усулҳои педагогӣ дар рушди қобилияти хонандагон дар дарсҳои иловагӣ муайян карда шуд ва матни пурраи рисолаи диссертатсионӣ ба шакли ягонаи таҳқиқот даровардa шуд.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқотро** осорҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда ташкил медиҳад. Мушкилоти таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асарҳои илмии олимони шинохта ба мисли: А. Бруднов, Б, Ананиев, Қ.Қодиров, П.Торренс, Д.Векслер, И. Каримова, Ф.Ивлева, Н.Шумакова, Г. Мелхорн, М. Лутфуллоев, Ф. Гулмадов, М. Холодная, Р. Амосов, А Матюшкин, Ф. Шарифзода, Ҷ.Рензулли, Ю.Гилбух, ва дигарон мавриди пажуҳишҳо қарор дода шудааст.

Ҳамзамон хусусиятҳои ташкили дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимӣ аз ҷониби муҳаққиқони зерин омӯхта шудааст: А.Абраухова, Ш.Амосов, М. Асмолова, В. Барулин, Ю. Блинов, ОюВихрева, В. Заворин, А. Кулемзина, В Панова, В. Ушаков, В. Юркевич, А. Шералӣ, Ш. Каримзода, Б. Спидзода, М. Саидзода.

**Сарчашмаи маълумотро** осори фалсафию таърихӣ ва психологию педагогӣ, санадҳои меъёрии танзимкунандаи фаъолияти касбию педагогӣ дар соҳаи маориф; санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ аз қабили қонунҳои Ҷмуҳрии Тоҷикистон дар бораи маориф ва таҳсилоти иловагӣ, стандарт ва стратегияҳои давлатии соҳаи таҳсилот, барномаҳои мақсадноки давлатӣ ва дигар санадҳои меъёрӣ, ҳуҷҷатҳои инъикоскунандаи талабот ва тағйирот дар амалияи таълиму тарбия дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгорон ташкил медиҳанд.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот:** Заминаҳои эмпирикии таҳқиқотро муносибати амалии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо объекти таҳқиқшаванда: омӯзиши адабиёти илмӣ-методии марбут ба мавзуъ, омӯхтан ва истифодаи таҷрибаи пешқадами педагогӣ; ба мушоҳида гирифтани раванди истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар ҷараёни таълим; мушоҳидаи педагогӣ, мусоҳибаҳо, усулҳои хударзёбӣ ва арзёбиҳои ташхисӣ, дар асоси маълумоти бадастомада ташаккул додани далелҳои илмие, ки дар натиҷаи истифодаи нишондиҳандаҳои сифатӣ, усулҳои миқдорӣ ва дар шакли маълумоти оморӣ ва коркарди самараноки онҳо ба вуҷуд омадаанд, ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Корҳои асосии таҳқиқотӣ дар заминаи Муассисаи давлатии таълимии "Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе" анҷом дода шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

- усулҳои педагогии рушди қобилияти зеҳнии хонандагон тавассути дарсҳои иловагӣ муайян карда шуданд;
- самаранокии ташкили дарсҳои иловагӣ дар таъмини сифати таҳсилоти хонандагони болаёқат дар шароити гимназия ошкор карда шуд;
- мазмун ва мундариҷаи таҳсилоти иловагӣ дар гимназия бо роҳи ворид намудани компонентҳои нави таълимӣ ғанӣ гардонида шуд;
- ҳамгироии дарсҳои асосӣ ва дарсҳои иловагӣ дар гимназия аз лиҳози илмиву назариявӣ асоснок карда шуд;
- модели таълимии самараноки таъминкунандаи дастовардҳои таълимии хонандагон тавассути омӯзиши амиқи фанҳо дар дарсҳои иловагӣ таҳия ва татбиқ гардад.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Муқаррар карда шуд, ки таҳсилоти иловагӣ қисмати пурраи системаи раванди таълим буда, ҳамчун қисми фаъолияти гимназия дар доираи ҳамон асосҳои методологӣ рушд мекунад. Ҳамзамон модули гимназия асосӣ (системасоз) буда, таҳсилоти иловагӣ системаи таълимии гимназияро пурмазмун менамояд.

2. Собит гардид, ки модели самараноки ҳамгироии дарсҳои асосӣ бо дарсҳои тибқи нақшаву барномаҳои таълимӣ дастовардҳои таълимии хонандагонро афзун намуда, ба беҳтар гардонидани сатҳу сифати таҳсилот мусоидат менамояд.

3. Муайян гардид, ки банақшагирии дурусти дарсҳои иловагӣ дар асоси майлу рағбат ва хоҳишу дархости хонандагон сурат мегирад, дар ташаккул ва рушди қобилияти зеҳнии хонандагон мусоидат менамояд.

4. Ошкор карда шуд, ки истифодаи усулҳои инноватсионии таълим ва баргузории машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ дар баланд гардидани сифати таҳсилоти хонандагон нақши муҳим дорад.

5. Асоснок карда шуд, ташаккул ва рушди қобилияти зеҳнии хонандагон  дар дарсҳои иловагӣ он гоҳ самаранок мегарданд, ки хусусиятҳои синну солӣ ва психологии кӯдакони лаёқатмандро ба инобат гирифта бошанд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки:

- принсипҳои асосии банақшагирии таълимии дарсҳои иловагӣ бо назрдошти малакаю маҳорат ва хусусиятҳои фардии хонандагон таҳия гардид;

- нақши олимпиадаҳои фаннӣ, озмунҳои зеҳнӣ ва чорабиниҳои фарҳангӣ дар рушди истеъдод ва қобилияти хонандагон дар асоси таҳлил ва омӯзиш  муайян карда шуд;

- усулҳои асосноки методӣ ва принсипҳои фаъолияти модели ғанигардонии мазмунии рушди қобилиятҳои зеҳнии хонандагон дар гимназия таҳия мегарданд;

- зарурати такмил додани методикаи таълими хонандагони болаёқатро дар низоми таҳсилоти иловагӣ асоснок менамояд, ки пешниҳоди он бевосита ба раванди омӯзишӣ дар машғулиятҳои таълими иловагӣ назар доштааст;

- низоми ташкили фаъолияти беруназсинфии хонандагони лаёқатманд таҳия мегардад, ки ба талаботи ҷомеа ва ниёзҳои таълимии шахс мутобиқат менамояд;

- модели инноватсионии усулҳои таълимӣ барои кӯдакони лаёқатманд, ки омодагии онҳоро барои фаъолияти касбӣ ва соҳиб шудан ба дастовардҳои баланд таъмин менамояд, таҳия мешавад.

Натиҷаҳои таҳқиқотро дар таҳияи дастурҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, воситаҳои методӣ мавриди истифода қарор додан мумкин аст. Ҳамчунин он ба сифати рисолаи бунёдӣ дар таҳқиқоти дигари дар ин самт таҳияшаванда ва ё масъалаҳои ҷудогонаи он ҳамчун роҳнамо хизмат хоҳад кард.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ** бо ин муайян карда мешавад, ки:

- банақшагирии дарсҳои иловагӣ бо назардошти ғанӣ гардонидани мазмуну мундариҷаи дарсҳои асосӣ сурат гирифта, дар умум фазои ягонаи таълимиро дар гимназия ташкил медиҳад, ки ҳадафаш рушди қобилияти зеҳнии хонандагон мебошад;

- усулҳои инноватсионии ташкили дарсҳои иловагӣ дар гимназия бо назардошти қобилият, шавқу ҳавасмандии хонандагон таҳия карда шуд;

- вобастагии раванди ташаккули донишу маҳорат ва қобилияти зеҳнии хонандагон дар дарсҳои иловагӣ аз сатҳи тахассусмандӣ ва худомӯзии омӯзгорон ошкор гардид;

- бо назардошти сатҳи донишу қобилияти хонандагон ва шавқу рағбати онҳо барои омӯзиши амиқи фанҳои алоҳида ташкил гардидани маҳфилҳои фаннӣ вобаста ба зинаҳои таҳсилот: ибтидоӣ (синфҳои 1-4), асосӣ (синфҳои 5-9) ва миёнаи умумӣ (синфҳои 10-11);

- тавсияҳои методӣ оид ба усулҳои педагогии ташаккули қобилияти зеҳнии хонандагон, ки дар натиҷаи таҳқиқи диссертатсионӣ таҳия гардидаанд, дар рафти корҳои таҷрибавию озмоишӣ аз санҷиш гузаронида шуданд;

- тавсияҳои методӣ барои омӯзгорон оид ба рушди қобилиятҳои зеҳнии хонандагон дар дарсҳои иловагӣ ҷорӣ карда шуданд, ки самаранокии фаъолияти омӯзгоронро хеле баланд мебардоранд;

- дар амалияи гимназия модели пурмазмуни ғанӣ гардонидани қобилиятҳои зеҳнии хонандагон дар дарсҳои иловагӣ ҷорӣ карда шуд;

- дар системаи такмили ихтисоси омӯзгорон ва роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти умумии намудҳои гуногун маводи илмӣ-таҳқиқотӣ оид ба қобилиятҳои зеҳнии хонандагон истифода мешаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо истифодаи усулҳои таҳқиқотӣ, ки ба мақсад, предмет ва вазифаҳои он мувофиқанд, таъмин карда мешавад, ки дар ин миён натиҷаи татбиқи корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ дар амалияи Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе ва самаранокии он исбот мекунанд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 -Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ), аз ҷумла, ба банди 1 - Методологияи таҳқиқи фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ, моҳият, сохтор, вазифа, принсипҳои онҳо; моделсозии равандҳои иҷтимоӣ-педагогӣ дар

муассисаҳои таълимӣ ва банди 4 - Сифати ташкили чорабиниҳои иҷтимоӣ-педагогӣ (технология ва усулҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ; меъёрҳо, нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ) мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот аз инҳо иборат аст:**

- таҳлили амиқи адабиёту сарчашмаҳои илмӣ, баррасӣ ва шарҳу тафсири маълумоти дарёфтшуда ва ба низомдарории онҳо, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда;

- таҳия ва интишори мақолаву дастурҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқот;

- омӯзиш, таҳлил ва арзёбии роҳу усул ва шароити педагогии таълими иловагӣ барои хонандагони болаёқат дар шароити шароити муассисаҳои таълимии типи нав ҳамчун масъалаи педагогӣ дар адабиёти илмӣ, педагогӣ ва равоншиносӣ;

- муайян кардани шароити педагогӣ ва истифодаи усулҳои муосири таълим дар баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва дониши хонандагон дар ҷараёни таълими иловагӣ;

- пешниҳоди тавсияҳои методӣ барои омӯзгорон доир ба такмили низоми таълими иловагӣ дар муассисаҳои таълимӣ.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаҳои асосӣ дар мавридҳои зерин тасвиб ва тасдиқи худро ёфтанд:

- дар раванди ташкили фаъолияти таълимӣ-тарбиявии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

- ҳангоми гузаронидани курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон;

- дар конфронсҳои илмӣ-назариявӣ, семинарҳо доир ба масъалаи назария ва амалияи таълиму тарбия;

- дар гузориш ва муҳокимаҳои мунтазам дар ҷаласаҳо ва семинарҳои илмӣ-амалии шуъбаи педагогика ва психологияи

Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон;

- ҳангоми маъруза ва суханрониҳо дар конфронсҳои илмӣ-амалии донишгоҳӣ ва ҷумҳуриявӣ.

**Интишори натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 16 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 5 номгӯй дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда, ки 184 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳанд, иборат буда, 15 расму диаграмма ва 11 ҷадвалро дар бар гирифтааст. Рӯйхати адабиёт фарогири 173 номгӯй мебошад.

## БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ДАРЁФТ ВА РУШДИ ҚОБИЛИЯТИ ЗЕҲНИИ ХОНАНДАГОНИ БОЛАЁҚАТ

### 1.1. Масъалаи лаёқатмандии хонандагон дар низоми муосири таҳсилот

Даҳсолаҳои охир кишварҳои тараққикарда ба рушди неруи зеҳнӣ ва эҷодии худ ҳамчун захираи стратегӣ диққати аввалиндараҷа медиҳанд. Шурои Аврупо ҳанӯз соли 1994, №1248 Қарори махсусеро дар самти кор бо кӯдакони болаёқат ба тасвиб расонид, ки дар он гуфта мешавад: “Ҳеҷ кишвар наметавонад ба худ иҷозат диҳад, ки истеъдодҳоро нобуд созад. Муайян ва амалӣ накардани усулҳои муосири дарёфти неруи зеҳниро метавон маҳвсозии захираҳои инсонӣ ҳисобид... Ба кӯдакони болаёқат бояд шароити мусоиди таҳсил фароҳам намуд, то онҳо тавонанд имкониятҳои худро ба нафъи хеш ва тамоми ҷамъият истифода баранд” [106; 70].

Ҳолати чандинсолаи буҳронӣ ба сатҳи маърифатнокӣ ва зеҳнияти аҳолӣ таъсири манфӣ расонида, фирори захираҳои зеҳнию эҷодӣ, кам шудани шавқмандӣ ва имкониятҳои воқеии волидон ва омӯзгорон барои дарёфти истеъдодҳо ва иҷтимоишавии кӯдакони болаёқатро ба бор овардааст. Дар шароити бавуҷудомада дарёфт, дастгирӣ ва иҷтимоишавии кӯдакони болаёқат ҳамчун фонди генетикии кишвар аз вазифаҳои афзалиятноки давлат ва ҷомеа боқӣ мемонад.

Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2021, №113 муҳимтарин абзори ҳалли мушкилоти марбут ба таъмини шароити мусоид барои дарёфт ва рушди кӯдакони болаёқат, амалишавии имкониятҳо ва ҳифзи иҷтимоии онҳо маҳсуб мешавад.

Дар Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 қайд карда шудааст, ки “Таълиму тарбияи насли ҷавони боистеъдод яке аз ҳадафҳои асосии соҳаи маориф маҳсуб меёбад. Имрӯз илмҳои дақиқ, тафаккури техникӣ, технологияи

муосир ва ҷаҳонбинии иттилоотӣ ба омили пешбарандаи иктисодиёт ва оядаи ҷомеа табдил ёфтааст. Ҷомеа ба ҷавононе ниёз дорад, ки дорои тафаккури пешрафта ва қобилияти фаъолияти босамар намуданро дар замони муосир дошта бошанд” [12].

Бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” эълон карда шуда, ҳамасола олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ оид ба илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот баргузор мегардад, ки ғолибони озмунҳо аз ҷониби вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз лиҳози моддиву маънавӣ қадрдонӣ ва ҳавасманд гардонида мешаванд [141].

Мавриди қайд аст, ки ташкили корҳо дар самти амалисозии барномаи давлатии зикршуда ҳамчун вокуниши давлат ба талаботи ҷомеа ва шаҳрвандонаш маҳсуб мегардад.

Масъалаи лаёқатмандӣ хусусияти комплексӣ дошта, дар он бархӯрди манфиатҳои давлат, ҷамъият, шахс ва самтҳои гуногуни илмӣ сурат мегирад. Душворӣ ва хусусиятҳои кор бо хонандагони болаёқат ҳамкории намояндагони тахассусҳои гуногун – педагогҳо, равоншиносон, ҷомеашиносон, омӯзгорон, кормандони соҳаи фарҳанг ва варзиш, менеҷерҳои соҳаи маориф ва дигаронро тақозо менамояд.

Ба андешаи Д. Б. Богоявленский кор бо кӯдакони болаёқат набояд танҳо ба таҷрибаи эмпирикӣ асос ёбад. Ин амал бояд ба кашфиётҳои ҷиддии илмӣ ва илмӣ-методие, ки ҳалли мушкилоте чун дарёфт, омӯзиш ва рушди кӯдакони болаёқатро таъмин карда метавонанд, асос ёбад [25; 5-13] . Маҳз ба ҳамин хотир дар Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 таъминоти назариявӣ ва илмӣ-методии он яке аз вазифаҳои муҳим нишон дода шудааст [25; 5-13].

Аз нуқтаи назари равоншиносӣ, лаёқатмандӣ объекти мураккабе мебошад, ки дар он идрок, эҳсос, ирода, ангеза, ҳолати психофизиологӣ ва дигар соҳаҳои шахсияти инсон бо ҳам печидаанд.

Душвории падидаи лаёқатмандӣ хусусиятҳои кор бо кӯдакони болаёқатро муайян мекунад. Дар ин раванд доимо мушкилоти педагогиву психологии мутаносиб бо гуногунии навъҳои лаёқатмандӣ, шумораи бисёри равишҳои мутақобили назариявӣ ва усулҳои муайянсозии он, бисёрчабҳагии таҳсилоти муосир, инчунин шумораи фавқуллода ками мутахассисони махсус барои кор бо кӯдакони болаёқат дар муассисаҳои таълимии шаклҳои гуногун ҷой доранд.

Бо дарназардошти аҳамияти давлатӣ, ҷамъиятӣ ва таҳсилии масъалаи лаёқатмандӣ, зарур аст, ки нақши ҳамаи муассисаҳои таълимӣ, новобаста ба шакл ва сатҳ, боло бурда шавад, зеро субъектҳои кор бо кӯдакони болаёқат на танҳо волидон, мураббиҳо, омӯзгорон, равоншиносон мебошанд, балки муассисаи таълимӣ низ ҳамчун шахси ҳуқуқӣ дар ин ҷода як қатор ҳуқуқ ва уҳдадорӣ доранд.

Дар як қатор матлабҳои муосир гуфта мешавад, ки кор бо кӯдакони болаёқат бояд хусусияти систематикӣ дошта бошад. Ба сифати самтҳои асосии чунин фаъолият нишон дода мешаванд:

- таҳияи меъёрҳо барои рафъи антиинтеллектуализми дар ҷомеа шаклгирифта;
- таъмини шароит барои тарбияи хонандагони болаёқат аз ҳисоби аҳолӣ, ки рушди босуръати ҳамаи соҳаҳоро таъмин карда тавонанд;
- таъмини хизматрасониҳои сифатан нав дар соҳаи маориф, услубҳои созанда барои ҷавонон, авлавияти усулҳои нави рушди имкониятҳои эҷодии инсон ва гурӯҳи инсонҳо;
- рушди доираи таҳсилоти минтақавӣ ва таъмини кор бо кӯдакони болаёқат дар шароитҳои махсус дар минтақаҳои муайян.

Татбиқи самтҳои номбаршуда ба талошҳои дастаҷамъонаи олимон, татбиққунандагон, роҳбарони муассисаҳои соҳаи маориф,

таҳияи базаи захираҳо, омодагии равонӣ ва касб кардани таҷрибаи фаъолияти инноватсионӣ вобаста мебошад.

Таҳлили сарчашмаҳои адабӣ ва таҷрибаи соҳаи маорифи ҷумҳурӣ дақиқан нишон медиҳад, ки то ҳол дастовардҳои муайян дар ташкили кор бо кӯдакони болаёқат ба даст омадаанд:

- муассисаҳои таълимии махсусгарднидашудаи кор бо хонандагони лаёқатманд  аз қабили литсей ва мактабҳои Президентӣ барои хонандагони болаёқат, литсей ва гимназияҳои равиявӣ барои хоандагони болаёқат ва марказҳои таҳсилоти иловагӣ  таъсис ёфтаанд;

- дар тамоми ҷумҳурӣ марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳои ташкил карда шуданд;

- дар сатҳи Ҳукумати мамлакат як қатор санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқӣ қабул гардиданд, ки барои дарёфт ва рушди истеъдодҳо равона гардиданд, ки қабули Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои давраи солҳои 2015-2020 ва 2021-2025 аз зумраи онҳо мебошад;

- курсҳои такмили ихтисос, семинарҳои махсуси методӣ доир ба кор бо хонандагони болаёқат ва ба низом даровардани таълими иловагӣ дар мактабҳо мунтазам ташкил карда мешаванд;

- базаи моддӣ-техники муассисаҳои таълимӣ беҳтар карда шуда, онҳо бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои таълимӣ муҷаҳҳаз гардонида шуда истодаанд;

- ҳамасола ҷудо гардидани маблағҳои муайян барои таъмини иштироки хонандагони болаёқат дар олимпиадаҳои байналмилалӣ ва ҷаҳонӣ;

- дар самти кор бо хонандагони болаёқат ва ташкили таълими иловагӣ омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ барои таҷрибаомӯзӣ ва баланд бардории маҳоррати кабсӣ ба давлатҳои хориҷӣ фиристонида мешаванд;

- бо мақсади дарёфт ва ҳавасмандгардонии хонандагони болаёқат теъдоди олимпиадаҳои фаннӣ зиёд гардида, дар мамлакат зери

сарпарастии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон озмунҳои ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи донӣ китоб аст”, “Илм фурӯғи маърифат”, “Тоҷикистон – ватани азизи ман” ва “Тоҷикон дар оинаи таърих” баргузор карда мешаванд.

Дар баробари ин ҳанӯз яке аз мушкилоти асосӣ роҳи ҳалли худро наёфтааст: таълими кӯдакон ва наврасони болаёқат чӣ гуна амалӣ карда шавад?

Олимон дар ин маврид ду нуқтаи назар изҳор мекунанд. Мувофиқи нуқтаи назари аввал, барои таълими хонандагони болаёқат таъсиси гурӯҳ (синф)-ҳои махсус ё муассисаҳои махсуси таълимӣ лозим мебошад. Дар ин синфҳо ё муассисаҳо фаъолияти таълимӣ ва тарбиявиро педагог ва психологҳои махсусомодашуда бояд пеш баранд. Мувофиқи нуқтаи назари дуюм, кӯдакони болаёқат бояд ҳамроҳ бо дигар ҳамсолони худ, аммо аз рӯи барномаи махсуси таълимӣ дарс хонанд [36; 6-29].

Дар маснавии “Ҷӯйи Бекобод” Тошхӯҷаи Асирӣ омӯхтани илму донишро мувофиқи талаби давру замон меҳисобад. Шоир, чунон ки аз боби “Дар насиҳати фарзанд” бармеояд, тарафдори илмест, ки мардумро “аз банди факр озод намояд” ва “ҳосили он ганҷ” бошад [9; 25]. Дар ҳақиқат, Асирӣ панд медиҳад, ки:

Ба илме кӯш, то зар ҳосил ояд,
Ба касбе соз, то ҷоҳат физояд.

Шоир таълим доданро ба касоне зарур мешуморад, ки онҳо соҳиби ақл ва истеъдоди фитрию фаҳми ҷибиллӣ (зотӣ, табиӣ) мебошанд. Дар акси ҳол таълим суд намебахшад. Ба шахси бефаҳму бефаросат ва ноқобил таълим додан мисли он аст, ки кас ба пеши аблаҳон мусҳаф (китоб, Қуръон) кушояд.

Ҳар он, к-ӯ халқ шуд аспи ҷувозӣ,
Баислоҳаш нашуд Шабдези тозӣ.
Мадеҳ бо аблаҳон дарси қавофӣ,
Нашояд уштуронро шоҳибофӣ.

Абдураҳмони Ҷомӣ дар “Баҳористон” аҳаммияти бузурги илму донишро дар ҳаёти инсоният борҳо қайд намуда, одамонро ба пардохтани илму дониш ҳидоят мекунад. Ӯ нишон медиҳад, ки дарёи илм бепоён буда, фаро гирифтани ҳамаи илмҳо аз имкон берун аст, бинобар ин бояд бо камоли масъулият фақат илми зарууртаринро омӯзад. Аммо илми беамал ҳам фоида надорад, аз ин рӯ ба хонандагон таълим додан даркор аст, ки:

Илме, ки ногузири ту бошад, бад-он гарой,
В-онро, к-аз он гузир бувад, ҷустуҷӯ макун!
В-он дам, ки ҳосили ту шавад илми ногузир,
Ғайр аз амал ба муҷиби он орзу макун! [1; 10]

Дар Шарқ оид ба тафовутҳои ақлонӣ Абунасри Форобӣ навишта буд. Ба андешаи ӯ, зеҳн – қисми наҷибтарини руҳ аст, ки мавҷуди мукаммал мебошад. Ба шарофати он одамон омилҳо ва таъсироти берунаро дуруст дарк намуда, аз онҳо таассур мепазиранд. Аммо на ҳар кас ин лаёқатро дорад. Бачагони болаёқат – файласуфон, хирадмандон, авлиёҳои оянда, ҷавоҳироти зиндаи миллату халқ, ки дорои на танҳо наҷобати руҳ, балки имкони ба даст овардани сатҳи шуури олӣ: дарки томи ҳаёт ҳамчун идомати ниёгон, рушди созгории ақл ва қалб, ҷон ва руҳ мебошанд, ки ба онҳо озодона эҷод карданро бо гирифтани иттилоот тариқи шабакаи фаросатӣ (интуитивӣ) имкон медиҳад [9, 87].

Н. Б. Шумакова таҷрибаи ватанӣ ва кишварҳои хориҷиро дар самти таълими кӯдакони болаёқат хулоса карда, ҳамаи сабабҳои ҷонибдорӣ ва муқобил будан бо ғояҳои таҳсили ҷудогона ва якҷои таълими хонандагони лаёқатмандро таҳлил намуда, чунин натиҷагирӣ кардааст, ки масъалаҳои таълими хонандагони болаёқатро ҳамчун масоили ҷудогона мавриди омӯзиш қарор додан лозим нест, зеро табиатан ҳамаи кӯдакон дар аввал эҷодкор буда, нерӯи рушд кардан доранд.

Агар лаёқатҳои кӯдакон рушд наёбанд, ба ин ҳамаи калонсолон (яъне ҷамъият) гунаҳкоранд, зеро онҳо ё барои рушди лаёқати табиии кӯдакон шароит фароҳам наовардаанд, ё лаёқатҳои онҳоро тавассути истифодаи усулҳои догматикии таълим маҳв сохтаанд. Ба ҳамин хотир муҳим дониста мешавад, ки дар ҳамаи типи муассисаҳои таълимӣ муҳити рушди эҷодӣ сохта шавад [155, 34].

Ба ибораи дигар, барои ниҳодҳои соҳаи маориф ҳар ду нуқтаи назар муҳим мебошанд: ҳам дар муассисаҳои ҳамагонӣ ва ҳам дар муассисаҳои таълимии махсус бояд шароити мувофиқ барои рушди лаёқатмандии кӯдакон таъмин карда шавад. Яке аз чунин шартҳо кашфи саривақтии лаёқатмандии кӯдакон тавассути истифодаи усулҳои психологӣ, дидактикӣ ва психологӣ-дидактикӣ маҳсуб мешавад. Шарти дигар таҳияи маводҳои таълимии гуногун аз рӯи таҷриба ва назарияи кор бо гуруҳҳои гуногуни кӯдакони лаёқатманд дар муассисаҳои таълимии типашон гуногун мебошад.

Бо назардошти гуногуншаклӣ, гуногунрангӣ ва хусусиятҳои аслии падидаи лаёқатмандӣ, интихоби усули кор бо кӯдакони болаёқат ниҳоят муҳим дониста мешавад. Барои интихоби усули кор бо кӯдакони болаёқат бояд донист:

- кор бо кадом навъи лаёқатмандӣ ба роҳ монда мешавад;
- кадом вазифаҳо зимни кор бо кӯдакони болаёқат афзалиятноканд: рушди бештари маҳоратҳои аллакай рушдёфта, ё маҳоратҳои рушднаёфта.

Ба ҳамин сабаб масъалаи ташхиси кӯдакони болаёқат, ки бояд бевосита аз ҷониби мутахассисон – педагогҳо, равоншиносон, кормандони соҳаи тиб ва иҷтимоиёт ва бо ҷалби волидон гузаронида шавад, муҳиммияти бештар пайдо мекунад.

Тибқи андешаи М.А. Холодная, ҳалли масъалаи усулҳои маълумсозии кӯдакони болаёқат ба он вобаста аст, ки зери мафҳуми

лаёқатмандӣ мо чиро мефаҳмем, аз ин рӯ, ба андешаи муҳаққиқ, сараввал лозим аст, ки асоси назариявии кори ташхисӣ муайян карда шавад.

Дар бораи масъалаи хусусиятҳои инструменталии лаёқатмандӣ, ки дар рисолаи мазкур мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, М. А. Холодная барои мониторинги психодиагностикӣ як қатор талаботро муайян кардааст [144, 32-39]:

- давомнокии раванди ташхис, ки имкон медиҳад хусусиятҳои аслии динамикаи нишон додани лаёқатмандӣ, эффектҳои эҳтимолии кристализатсия ва инкубатсияи таҷриба сабт карда шаванд;

- гузаронидани муоинаи бисёркарата бо истифода аз шумораи зиёди равандҳои ченкунӣ, ки мувофиқ ба навъи тахминии лаёқатмандӣ ва хусусиятҳои фардии кӯдак интихоб карда мешаванд;

- арзёбии рафтори кӯдакон дар ҳамон соҳаҳои фаъолият, ки ба шавқмандиҳои онҳо мувофиқ мебошад (доираи салоҳиятнокӣ ва шавқмандиҳои кӯдак дар назар аст;

- ташхис дар шароити муҳити таълимӣ ва умумии предметӣ зимни таҳияи стратегияи инфиродии таълими кӯдак;

- хусусияти диалогии раванди ташхис бо ҳамкории кӯдак;

- гузаронидани муоинаи ташхисӣ танҳо дар ҳолатҳои воқеии рӯзгузаронӣ, аз рӯи шакл ба таҷрибаи табиӣ наздик кардани он;

- истифодаи ҳолатҳое, ки фаъолияти таҳқиқотиро шакл дода, ба кӯдак имкон медиҳанд, ки дар ҳалли масъалаҳо ва интихоби рафтори худ то ҳадди имкон мустақил бошад.

Бояд қайд кард, ки дар ин самт аллакай якчанд нафар мутахассисони дохиливу хориҷӣ кор карда истодаанд. Барои мисол “усули майдони эҷодӣ” (Д.Б. Богоявленская) [26, 42], “усули тренинги психодиагностикӣ” (Ю.Д. Бабаева) [10, 30], принсипҳои интихоб мувофиқи системаи Ҷ. Рензули [116, 107], тавсияҳо барои баҳисобгирии омилҳои ситуативӣ зимни истифодаи тестҳои анъанавӣ

(В.Н. Дружинин) [14, 196], баҳисобгирии накши фаъолияти эҷодии беруназмактабии хонанда ва дигаронро ном бурдан мумкин аст.

Т. Пиязхонов ва Ж.Х. Мавлонов асосҳои консептуалии таҳияи усули ягонаи мантиқӣ-сохтории дарёфти кӯдакони лаёқатмандро муайян карда, муътақиданд, ки роҳи ҳалли нисбатан самарабахши масъалаи ташхиси лаёқатмандӣ – омезиши оқилонаи санҷишҳое, ки интеллект ва қобилиятҳои умумӣ, қобилиятҳои махсус ва дастовардҳои таълимии хонандагонро муайян мекунанд, маҳсуб мегардад. Татбиқи усулҳое, ки ҳамдигарро пурра мекунанд, бо истифода аз компютерҳо имкон медиҳад, ки сатҳи рушди зеҳнӣ ва шахсии хонандагон ташхис карда шавад [51, 65].

Бояд қайд гардад, ки, одатан, ташхиси лаёқатмандӣ вазифаи аввалиндараҷаи равоншинос, аммо таълим дар баробари тарбия ва рушд вазифаи омӯзгорон ва волидайн ҳисобида мешаванд. Раднопазирии нисбии тасаввуроти расман мантиқии мазкур зимни аз мавқеи таҷрибаи педагогӣ баррасӣ намудани он нуқсонҳои муайянро маълум месозад. Магар нафаре, ки зуҳуроти дохилӣ ва берунии лаёқатмандиро дида наметавонад, мумкин аст, ки онро рушд диҳад? Албатта, саволи мазкур риторикӣ буда, роҳи ҳалли онро маълум менамояд, аммо инро як масъалаи ҳалшуда гуфта намешавад.

Одатан, масъалаи лаёқатмандӣ дар равоншиносӣ дар ду сатҳ баррасӣ мегардад: консептуалӣ ва методӣ. Дар натиҷа механизми воқеие, ки дар таҷрибаи педагогӣ амал мекунад, чунин менамояд: дар асоси консепсия методика таҳия шуда, сипас, равоншиносон ташхис гузаронида, натиҷаро ба омӯзгороне, ки бо ин хонандагон сари кор доранд, хабар медиҳанд. Ҳамин тариқ, маълум мешавад, ки ташхис ба таҷриба вобаста нест.

Мантиқан дуруст аст, ки сатҳи сеюми ташхис – сатҳи ташкилӣ ҷорӣ гардад. А. Грабовский низ дар рисолаҳои худ ба ҳамин масъала таваҷҷуҳ намудааст: “Дар раванди ташхис на танҳо мавҷудияти консепсияи лаёқатмандӣ ва воситаҳои методиву ташхисии ба он мувофиқ, балки низоми меъёрҳои ташкилӣ-педагогӣ муҳим аст, зеро тавассути онҳо

ташхис қисми ҷудонашавандаи раванди педагогӣ шуда метавонад” [46, 13-18].

Ба ақидаи Ю. Д. Бабаева ва В. И. Панова, дар баробари ҳалли масъалаи таълими кӯдакони болаёқат, инчунин муайян кардани шакли зуҳури лаёқатмандӣ муҳим аст, зеро, чунон ки қайд гардид, лаёқатмандӣ метавонад дар шаклҳои гуногун зуҳур кунад. Муаллифон дуруст зикр мекунанд, ки аз шакли зуҳури лаёқатмандӣ: асолати мақсадҳои таълим; объекти таълим; хусусиятҳои фаъолияти маърифатии хонандагон, ки аз ҳамдигар аз рӯи тарзи тафаккур, сатҳи зеҳнӣ, зеҳн ва хотира, махсусиятҳои дарккунӣ ва сатҳи азхудкунии маълумот фарқ мекунанд; суръати омӯзиш ва умқи маълумоти азхудшуда ва ғайраҳо вобаста мебошанд [10, 29-35; 107-30-44].

Хуллас, ҷустуҷӯ ва дарёфти кӯдакони лаёқатманд ва ташкили фаъолияти педагогӣ бо онҳо аз мушкилоти асосии илм ва таҷриба дар соҳаи маориф ба ҳисоб мераванд.

Дар воқеъ, дар таҷриба як мушкили дигар низ ҷо дорад: талаботи муассисаҳои таълимӣ ба барнома ва китобҳои дарсӣ, ки дар онҳо дархостҳои инфиродӣ ва манфиатҳои кӯдакони лаёқатманд ба эътибор гирифта шудаанд. Дар барномаҳои таълимӣ айни замон роҳу воситаҳои алтернативии рушди хонандаи лаёқатманд берун аз барномаи таълимии умумӣ дарҷ нагардидаанд. Дар ҳоле, ки навоварӣ дар маорифи миллӣ на танҳо ба азхудкунии донишҳои муайян, балки ба рушди шахсият ва талаботи маърифативу созандагии хонандагон равона гардидааст. Рушди маҳоратҳои таҳқиқотӣ ва эҷодии хонандагон дар ҳамаи зинаҳои таълим дар шароити ҳозира вазифаи асосии маориф мебошад. Маҳз ба ҳамин хотир банақшагирӣ ва сохтани муҳити мусоид барои рушд муҳимтарин бахши фаъолияти муассисаи таълимӣ мебошад.

Дар адабиёти муосири равоншиносӣ ва педагогикаи милливу хориҷӣ чандин консепсияҳои рушди шахсият дар синни кӯдакӣ таҳия гардида, механизмҳо ва қувваҳои ин равандро пешбаранда тавсиф

шудаанд (Л. И. Божович, П. Я. Галперин, В. В. Давидов. Л. В. Занков, В. С. Мухина, Ж. Пиаже, К. Роҷерс, А. Фрейд, З. Фрейд, Э. Фромм, Г. Юнг ва дигарон).

Шумораи зиёди таҳқиқотҳои таҷрибавиии психо-педагогии лаёқатмандии кӯдакон нишон медиҳад, ки дар умум кӯдакони лаёқатманд қариб дар ҳамаи самтҳои рушд пешсафанд:

- хубтар мехонанд ва маводҳои таълимиро ба осонӣ аз худ мекунанд;
- муддати бештар диққаташонро ба таълим равона карда метавонанд, фонди луғавиашон ғанӣ аст;
- конформизмро қабул надоранд, мусобиқа карданро дӯст медоранд.
- нисбатан ҳадафмандона амал мекунанд, кунҷкобанд, ихтироъкоранд, якраванд, эҷодкоранд.

Таҷрибаи муассисаҳои муосири таълимӣ нишон медиҳад, ки рушди кӯдаки лаёқатманд бо сабаби амал намудани системаи вазифаҳои репродуктивӣ ва талаботи расмӣ бозмемонад. Ба ин ҳолат инчунин ба таври интуитивӣ сурат гирифтан ва ба иқдомоти омӯзгорон ва олимони алоҳида ҳавола кардани таълими кӯдакони лаёқатманд таъсиррасон аст. Ҳамзамон барномаи таълимии тағйирёбанда ва бахши мактабӣ дар стандарҳои таълимӣ имкон медиҳанд, ки муҳтавои таълим ба хусусиятҳои кӯдакон ва наврасон мутобиқ карда шавад, аммо имкониятҳои мазкур кофӣ нестанд. Ба ҳамин хотир дар такя ба принсипи ягонагии самтҳои муҳтаво ва раванди таълим, дар тамаркуз ба воқеияти мавҷудаи педагогӣ, аксар муассисаҳои таълимӣ роҳи кор бо кӯдакони болаёқатро, вобаста ба барномаҳои таълим барои кӯдакони болаёқат интихоб мекунанд. Дар ин барномаҳо талаботи асосӣ ба муҳтаво ва ташкили фаъолияти таълимии хонандагони болаёқат нигаронида шудааст: таваҷҷуҳ ба рушди маърифатӣ, ба бартарии имкониятҳои рушддиҳанда нисбат ба ҳаҷми маълумот дар маводи таълимӣ, ба тамаркуз рӯи таҷриба зимни фаъолияти таълимиву маърифатӣ, ба васеъ намудани доираи манфиатҳои хонандагон, ба шаклгирии малакаҳои тафаккури интиқодӣ, ба актуализатсияи имкониятҳои пешсафӣ ва ғайра.

Аммо на дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ шароити ниҳоии мусоид барои рушди зеҳнӣ, ҷисмонӣ ва ахлоқии кӯдакони болаёқат ва рушди фаъолияти эҷодии он фароҳам оварда мешавад.

Ба андешаи В.Г. Боровик, таҳия ва татбиқи курсҳои махсус барои кормандони соҳаи маориф дар системаи такмили ихтисос метавонад роҳи ҳалли мушкил бошад. Ҳадаф аз гузаронидани чунин курсҳо шинос намудани омӯзгорон ва роҳбарони муассисаҳои таълимӣ бо сифатҳои эвристикии шахсият, роҳҳои ташхиси натиҷаҳои таълимиву эҷодӣ, системаи дарсҳои таълимӣ барои рушди кӯдакони болаёқат ва ғайраҳо мебошад. Чунин курсҳо, аз нигоҳи мо, барои рушди бештари кӯдакон тавассути баланд бардоштани савияи дониш ва маҳоратҳои худи омӯзгорон муҳим мебошанд [102, 14-23].

Яке аз мушкилоти муҳим ва рӯзмарраи лаёқатмандии кӯдакон ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо волидон мебошад. Мутобиқи андешаҳои И.В. Калиш, “айни замон, махсусан дар шаҳрҳои калон, волидон аксар маврид кӯшиш мекунанд ба кӯдакон донишҳоеро диҳанд, ки ба имкониятҳои психо-педагогӣ ва физиологии онҳо мувофиқ нестанд. Онҳо ноогоҳона миёни кӯдаконро “мешикананд”. Дар деҳаҳо бошад, баръакс, баъзан лаёқатманд будан ё набудани кӯдакон ба волидон, аслан, муҳим нест” [56, 10-13]. Аз ин ҷо, чунин бармеояд, ки роҳи ҳалли мушкилоти дарёфт ва рушди лаёқатмандии кӯдакон бояд ба сохтан ва мукаммалгардонии системаи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак ва пеш аз ҳама, ёрии моддиву маънавии онҳо асос ёбад.

Модернизатсияи системаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пайи гузариш ба стандартҳои давлатии таълимии насли дуюм ва тамоюл ба тарбияи шахсӣ ва эҳсоси инсондӯстӣ, дар такя ба технологияҳои таълимӣ сурат гирифта, муносибат бо хонандагонеро, ки малакаҳои фавқулода доранд, иваз намудааст. Муассисаҳои таълимӣ, барномаҳои таълимӣ ва иҷтимоӣ, ташкилотҳои ҷамъиятие ба фаъолият пардохтаанд, ки мақсади онҳо дарёфт, таълим ва рушди кӯдакони болаёқат мебошад.

Вобаста ба ин тағйиротҳо дар афкори ҷамъиятӣ андешае шакл гирифтааст, ки гузариш ба асри технологияҳои илмталаб бе ҳифз ва зиёд намудани неруи зеҳнии кишвар ғайриимкон аст.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии муосир шумораи зиёди хонандагони болаёқат маҳфуз аст. Дар дилхоҳ муассисае хонандагонеро вохӯрдан мумкин аст, ки барои хондан ва рушди лаёқатҳои худ шавқманд ва омодаанд, ё баръакс (кӯдакони аз ҷиҳати рушди равонӣ қафомонда ва бо имкониятҳои маҳдуд низ истисно нестанд). Дар байни ин хонандагон қисми асосии хонандагон – аксарият қарор доранд, ки ҳар кадом бо хусусиятҳои инфиродии худ аз ҳамсолон фарқ мекунанд ва ба таваҷҷуҳ ниёз доранд.

Зимни кор бо кӯдакони лаёқатманд ҳамеша мушкилоти педагогӣ ва психологӣ сар мезананд, ки қисми зиёди онҳо бо гуногуннавъии лаёқатмандӣ, аз ҷумла тафовути синнусолӣ ва лаёқатмандиҳои ошкорнагардида, инчунин шумораи зиёди равишҳои назариявӣ ва хусусияти тағйирёбии таҳсилоти муосир алоқаманд мебошанд.

Аз диди назариявӣ душвории масъалаи таълим ва рушди кӯдакони болаёқат аз гуногунии муносибатҳо ба масъалаи лаёқатмандӣ ва рушди он дар кӯдакони дорои нишонаҳои ошкор ва пинҳони лаёқатмандӣ вобаста мебошад. Лаёқатмандӣ тавассути таносуби худ ба шароите, ки фаъолияти аниқи одам сурат мегирад, ошкор мегардад. Дар рушди динамикаи лаёқатмандӣ самарабахш будани сатҳи талабот, масалан, талаботе, ки барномаи таълимӣ муайян мекунад, муҳим аст. Барои мусоидат кардан ба рушди лаёқатмандӣ ин талабот бояд дар сатҳи зарурӣ бошад.

Лаёқатмандӣ омезиши қобилиятҳое мебошад, ки имконияти ноил шудан ба дастовардҳои калон ё хурд зимни иҷрои ин ё он фаъолиятро таъмин менамоянд. Мафҳуми лаёқатмандӣ ба он вобаста аст, ки ба ин ё он намуди фаъолият чӣ гуна муносибат карда мешавад ва зери мафҳуми “иҷрои бомуваффақияти ин ё он фаъолият” чӣ фаҳмида мешавад.

Лаёқатмандӣ ва қобилият аз ҳамдигар фарқиятҳои микдорӣ не, балки сифатӣ доранд. Фарқиятҳои сифатии лаёқатмандӣ на танҳо дар он таҷассум меёбанд, ки як нафар дар як соҳа ва нафари дигар дар дигар соҳа лаёқатманд аст, балки сатҳи шакл гирифтани лаёқатмандӣ низ муҳим аст.

Андешаҳои мутахассисони варзида дар самти лаёқатмандӣ ба ҳамдигар мувофиқ мебошанд: мафҳумҳои "хонандагони болаёқат" ва "кӯдакони истеъдодҳояшон намоён" мафҳумҳои шартӣ мебошанд. Бо ин истилоҳот (дар самти зеҳнияти хонандагон) бештар хонандагонеро ном мебаранд, ки булуғи пешазмуҳлати ақлонӣ доранд, истеъдодҳои махсусашон дар ин ё он самт намоёнанд, нишонаҳои имкони рушди минбаъдаи истеъдоди илмӣ ва фаъолияти таҳқиқотии онҳо мушоҳида мешавад. Аммо бо назардошти он ки сухан дар бораи кӯдакон меравад, ҳамаи гуфтаҳои боло метавонанд тахминӣ бошанд: истеъдодҳои намоёншуда метавонанд амалӣ нагарданд, метавонад рушди дилхоҳ накунанд, ё вобаста ба дигар шавқмандиҳои кӯдакон дар фаъолияти минбаъда истеъдодҳои қаблан кашфшуда "масдуд" шаванд. Ҳамчунин лаёқатмандиҳои воқеии дигар хонандагон метавонанд маҳфуз бошанд ва танҳо баъд аз натиҷаи манфии ташхиси лаёқатмандӣ ошкор гарданд. Дар ин маврид Н.С. Лейтес ба ин андеша аст, ки нишонаҳои додашудаи лаёқатмандӣ метавонанд нишонаи лаёқатмандии ба ном "синнусолӣ" бошанд [76, 109].

Табиист, ки лаёқатмандӣ хусусияти системавӣ, динамикӣ ва инфиродӣ дорад. Қайд кардан ба маврид аст, ки сустхонӣ ва давомоти нохуб дар раванди дарс нишонаҳои лаёқатманд набудани кӯдак нестанд. Лаёқатмандӣ дар ин ҳолат метавонад хусусиятҳои ноаёнӣ ва неруӣ дошта бошад.

Лаёқатмандии инфиродии хонанда ҳамчун маҳорати муайяни табиӣ низ баррасӣ мешавад. Дар чунин ҳол вазифаи омӯзгор аз он иборат аст, ки дар раванди таълим кӯдакро ба ин маҳоратҳо мутобиқ

кунад, онҳоро ҳифз намояд ва лаёқатмандиҳоро ба кор дарорад. Шартҳои амалисозии ин усул дарёфт ва интихоби чунин хонандагон қабл аз рафтан ба мактаб, барои онҳо ташкил намудани дарсҳои махсуси таълимӣ, таҳияи барномаҳои махсуси таълимӣ ва ғайра мебошанд. Меъёрҳои интихоби хонандагони болаёқат ба типи муассисаи таълимӣ ва барномаи таълимӣ, инчунин афзалиятҳои додаи педагог ва равоншиносоне, ки кӯдакони болаёқатро интихоб мекунанд, вобаста мебошанд. Раванди таълим дар ин ҳол ба ноил шудан ба дастовардҳо ба рӯи фанҳое, ки ба ҳамин типи лаёқатмандӣ мутобиқат мекунанд, новобаста ба он ки технологияҳои дар раванди таълим истифодамешуда то чӣ андоза ба рушд ва саломатии кӯдак безараранд, нигаронида шудааст. Рушди ин кӯдакон ба шаклгирии шахсияте, ки лаёқатмандии мазкурро новобаста ба натиҷаҳои манфӣ ва мусбати он татбиқ карда метавонад, нигаронида шудааст. Ҳамин тариқ, барномаҳои таълимӣ ва раванди таълим дар ин ҳолат ба омода кардани мутахассиси варзида дар соҳае, ки ба лаёқатмандии кӯдак мувофиқат мекунад, нигаронида шудааст: математика, физика, мусиқӣ, филология, табиатшиносӣ ва ғайра.

Чунин муносибат қобили қабул аст, агар мушкилот танҳо барои қонеъ кардани ниёзҳои афзояндаи маърифатии чунин кӯдакон кам карда шавад. Инчунин хуб аст, ки масъалаи ҳифзу афзун намудани неруи зеҳнии кишвар, таъмин намудани он бо мутахассисони баландихтисос дар соҳаи муайян дар мадди аввал гузошта шавад. Аммо зимни нигоҳи дигар ба муносибати мазкур, мо мушоҳида мекунем, ки чӣ гуна технологияҳои таълимӣ, ки ба рушди танҳо як навъи истеъдод нигаронида шудаанд, аксаран имкониятҳои инкишофи умумӣ ва шахсии кӯдак – ҷисмонӣ, эмотсионалӣ, зеҳнӣ, иҷтимоӣ ва руҳиро танг мекунанд. Аксар вақт ин кӯдакон дар таҳсил муваффақ бошанд ҳам, мушкилоти ҷиддии равонӣ доранд, ки беэътиноӣ ба масъалаи мазкур оқибатҳои хеле муҳимми иҷтимоӣ низ дошта метавонад.

Яке аз хусусиятҳои инкишофи кӯдакони лаёқатманд ин аст, ки онҳо дар муқоиса бо кӯдакони дигар мутафовит будани худро дарк мекунанд. Дар натиҷа баъзеи онҳо эҳсос мекунанд, ки нисбат ба дигар ҳамсолон ба баъзе корҳо ҳуқуқи бештар доранд, аммо, чунон ки маълум аст, одам ҳар қадар имкониятҳои зиёд дошта бошад, бояд бештар нисбат ба кирдораш масъулиятшинос бошад. Аз ин бармеояд, ки таълим бояд ба рушди истеъдоди фитрии кӯдакон нигаронида шуда, ҳатман рушди махсуси шуури маънавию ахлоқии онҳо, ҳисси масъулият барои худ ва дигарон, таҳаммулпазирӣ ва ғайраро низ дар бар гирад. Маълум мешавад, ки таълими кӯдакони лаёқатманд ҳатман заминаи равонии рушди шахсии онҳоро бояд фарогир бошад.

Муносибати дуюми фардикунонии таълим оид ба масъалаи кӯдакони лаёқатманд бо сохтани нақшаҳои таълимӣ ва ташкили раванди таълим, ки бояд ба имкониятҳои табиӣ ва синнусолии инкишофи мутаносиби кӯдакон дар шароитҳои гуногун мувофиқат кунад, фарқ менамояд. Ин ҷо барои инкишофи ҷисмӣ, эмотсионалӣ ва зеҳнии кӯдак, инчунин барои рушди дарки соҳаҳои иҷтимоӣ ва маънавию ахлоқии ӯ шароит муҳайё карда мешавад. Дар ин сурат аз ибтидо назди омӯзгор ва волидон вазифаи муҳим – рушди шуури кӯдак, рушди ҳисси муҳим ва қисми ҷудонашаванда будан дар ҷомеа, тарбияи шахсе, ки на танҳо дар бораи худ, балки дар бораи “тамоми сайёра” фикр мекунад, гузошта мешавад. Яке аз усулҳои тақвият додани чунин эҳсоси масъулият дар кӯдакон рушд додани тафаккури “ҷаҳонӣ” ё “кайҳонӣ” мебошад. Бо таҳқиқи масъала аз ин нуқтаи назар, барномаҳои таълимӣ ва муҳити таълимӣ дар умум бояд ба хонанда имкон диҳанд, то дар ҳолатҳои гуногун худро ба ҳар тариқ муаррифӣ созад.  Муҳити таълимӣ дар ин ҳолат бояд ба ҳар хонанда имкони худмуаррифӣ ва рушд фароҳам орад.

Дар баробари ин, бояд дар хотир дошт, ки лаёқатмандӣ ҳамчун ҳодисаи психологӣ ба ҳар навъ ошкор мегардад. Лаёқатмандиҳои муайяншуда ва мунтазам, ки ҳамеша зимни фаъолиятҳои гуногун аз худ

дарак медиҳад, вуҷуд доранд. Дар ин маврид беҳуда намегӯянд, ки “одами боистеъдод дар ҳама кор истеъдод дорад”. Чунин ҳолатҳо, ки лаёқатмандӣ барвақт мушоҳида шуда, тамоми умр идома меёбад, бисёр каманд.

Аксар вақт муаллимон ва дигар мутахассисон бо истеъдоди синнусолӣ (муваққатӣ) сари кор доранд, ки он дар як синну сол равшан зоҳир шуда, дар синни дигар ногаҳон нопадид мешавад (ё ногаҳон пайдо мешавад). Дар ин давраи синну соли ҳассос кӯдак ба категорияи боистеъдод дохил мешавад ва пас аз муддате истеъдоди ӯ “ғайб мезанад”.

Лаёқати ниҳонӣ масъалаест, ки камтар омӯхта шудааст ва муайян кардани он душвор аст. Барои муайян кардани чунин лаёқатмандӣ шароити махсус, ё як намуди махсуси фаъолият лозим аст. Вақте сухан дар мавриди лаёқатмандии ошкор меравад, мо бо истеъдод ҳамчун падидаи на танҳо психологӣ, балки иҷтимоӣ низ сари кор дорем, зеро истеъдод тавассути он навъи фаъолиятҳое зоҳир мешавад, ки муҳити иҷтимоӣ ба кӯдак фароҳам меорад. Вақте сухан дар бораи лаёқатмандии ниҳонӣ меравад, он бештар ҳамчун як падидаи табиии равонӣ зоҳир мешавад. Дар навбати худ ин сухан маънои онро дорад, ки ҳар як кӯдак аз рӯи табиат қобилияти рушди эҷодӣ дорад.

Барои зуҳури лаёқатмандӣ ва қобилият ва умуман фардият, муҳити таълимӣ бояд дар нахуст бисёрҷониба бошад ва тавре сохта шавад, ки ба рушди табиии майлҳои равонӣ ва ҷисмонии мактаббачагон зарар нарасонад. Муҳити таълимӣ ҳамчун шарти омӯзиш ва инкишофи хонандагон, аз як тараф, бояд имкони на танҳо масъулгардонӣ, балки кам кардани масъулияти зеҳнӣ, эҳсосӣ ва ҷисмониро дар бар гирад. Аз ҷониби дигар, он бояд на танҳо ҳамчун объекти тарҳрезӣ ва моделсозӣ, балки ҳамчун объекти экспертизаи психологию педагогӣ низ амал кунад, то мутобиқати он ба ҳадафҳо ва вазифаҳои таълим, инчунин мутобиқати

он ба хусусияти ҷисмонӣ ва инкишофи рухии хонандагон таъмин карда шавад.

Кор бо кӯдакони лаёқатманд бояд ислоҳи инкишофи онҳоро низ дар бар гирад. Ҳамин тариқ, масалан, кӯдаки аз ҷиҳати зеҳнӣ боистеъдод ҳатман аз ҷиҳати ҷисмонӣ низ қобилиятнок нахоҳад буд. Гузашта аз ин, мавҷудияти лаёқатмандӣ дар кӯдак маънои онро надорад, ки ӯ барои таҳсил дар муассисаи таҳсилоти умумӣ омода аст. Аксар вақт рушди интенсивии зеҳнӣ дар кӯдакони лаёқатманд метавонад бо ақибмонии қобилияти ихтиёран танзим кардани ҳаракат, ҳолати эмотсионалӣ ва рафтори иҷтимоии онҳоро бо худ дошта бошад. Кӯдаконе ҳастанд, ки «табиатан» ё бо сабабҳои муайян имкониятҳои инкишофи ҷисмӣ ва маърифатии маҳдуд доранд, аз ин рӯ барои рушди онҳо шароитҳои махсус фароҳам овардан лозим аст.

Дар ташаккули эҷодии кӯдаки лаёқатманд, пеш аз ҳама, омӯзгор, ки масъули асосии эҷоди муҳити таълиму тарбия мебошад, мусоидат мекунад. Ин масъулият нисбат ба тайёрии касбӣ ва шахсии омӯзгор талаботҳои махсус мегузорад. Дар ин ҷо сатҳи хуби таълими фаннӣ дигар кифоя нест, зеро таълим бо ин равиш характери инкишофёбанда пайдо мекунад. Технологияҳои анъанавии таълим, ки ба интиқоли дониш, малака ва маҳорат аз рӯи як фанни мушаххас ба хонанда нигаронида шудаанд, бо технологияҳои рушддиҳандае, ки ба рушди қобилияти хонанда ҳамчун субъекти фаъолияти таълимӣ ва раванди рушд дар маҷмуъ (рушди ҷисмонӣ, эҳсосӣ, зеҳнӣ, шахсӣ, руҳонӣ ва ахлоқӣ) нигаронида шудаанд, иваз карда мешаванд.

Бо дарназардошти хусусиятҳои психологӣ, физиологӣ, дидактикӣ ва дигар хусусиятҳои тарбия ва инкишофи кӯдакони лаёқатманд, талаботи асосии омода намудани омӯзгорон барои кор бо онҳо ин тағйир додани шуури педагогӣ мебошад. Тағйир додани шуури педагогӣ гуфта тағйир ёфтани стереотипҳои идрок (фаҳмиш оид ба донишҷӯ, раванди таълим ва касбияти худ), муошırату рафтор ва дар натиҷа

усулҳои таълиму тарбия, ки қаблан ба муаллимон омӯзонида шуда буд, дар назар дошта шудааст [69, 86].

Яке аз принсипҳои асосии психологии кор бо кӯдакони лаёқатманд ин принсипи «эътирофи дигарон» мебошад. Мутобиқи ин принсип, омӯзгор дар аввал хонандаро бояд ҳамчун шахсияте қабул кунад, ки ҳуқуқ дорад феълу рафтори ба худ хос дошта бошад. Яъне муносибатҳои «хонанда ва омӯзгор» дигар дар асоси принсипи таъсири мутақобилаи объект ва субъект барпо карда намешаванд, зеро хонанда ва омӯзгор дар робита ба ҳамдигар ҳамчун шарикони баробарҳуқуқ, яъне субъектҳои фаъолияти муштарак дар раванди таълиму тарбия амал мекунанд. Ҳамин принсип барои педагогикаи ҳамкорӣ, психологияи инсондӯстӣ ва умуман барои парадигмаи таълимии инкишофёбанда асос аст. Маҳз тавассути ин принсип дониш-маҳорат-малака аз ҳадафи чараёни таълим ба воситаи ташаккули қобилиятҳои маърифатӣ, шахсиятӣ, маънавию ахлоқии хонанда мубаддал мегардад.

Шарти зарурии амалӣ гардондани принсипи «эътирофи нафарии дигар» эътирофи худ ва образи «Ман» мебошад. Дар илми равоншиносӣ образи «Ман» аз се чузъ иборат аст: “Мани идеалӣ”, “Мани иҷтимоӣ» ва «Мани оинавӣ», яъне дар навбати худ ин мафҳумҳо: “Ман – ҳамон гунае, ки будан мехоҳам”, “Ман – ҳамон гунае, ки дигарон маро дарк мекунанд ва мебинанд” ва “Ман – ҳамон гунае, ки воқеан ҳастам”-ро ифода мекунанд [72, 34].

Фаъолиятҳои касбӣ (таълимӣ, тарбиявӣ, маъмурӣ ва ғ.) ва таҷрибаи ҳаётии инфиродӣ дар ҳар нафар ба таври муайян тарзҳои такроршавандаи рафторро дар ҳолатҳои стандартӣ ташкил медиҳанд. Ин ҳам ба калонсолон ва ҳам ба кӯдакон ва махсусан ба одамони лаёқатманд дахл дорад. Чунин стереотипҳо дар идрок, тафаккур, рафтор ва муошират мо нохудогоҳ таъсир мегузоранд. Аз як тараф, ин имкон медиҳад, ки тавассути усулҳои анъанавӣ ва аллакай таҳияшуда мушкилоте, ки дар ҳолатҳои стандартӣ, аз ҷумла ҳангоми омӯзиш ба

миён меоянд, зуд ва бе талошҳои зиёдатӣ роҳи ҳалли худро ёбанд. Аз тарафи дигар, дар вазъиятҳои ғайристандартӣ ин қолабҳо имкон намедиҳанд, ки тамоми хусусияти проблемавӣ ва доираи васеи имкониятҳои халли он дида шаванд.

Кӯдакони лаёқатманд аксар вақт бо рафтори худ чунин ҳолатҳои ғайристандартиро ба миён меоранд, ки барои бартараф кардани онҳо қолабҳои қаблан ташаккулёфта на танҳо бесамар мебошанд, балки ҳатто барои худи кӯдак ва омӯзгор хатарноканд. Яке аз стереотипҳои маъмултарини шуури омӯзгори анъанавӣ ин аст, ки хонанда ҳамчун объекти таъсири педагогӣ дониста мешавад, на ҳамчун субъекти раванди муштараки таълим. Омӯзгор ва ҳар роҳнамои дигари кӯдаки лаёқатманд бояд дар хотир дошта бошад, ки доираи васеи вақт ба рушди ҷанбаи “мушкилот-ҷустуҷӯ” мусоидат мекунад. Таваҷҷуҳ ба он нест, ки кӯдак чиро бояд омӯзад, балки ба он аст, ки чӣ тавр бояд омӯзад. Агар ба кӯдаки лаёқатманд имконият дода шавад, ки зимни иҷрои супоришҳо саросема нашавад ва пайдарпайии амалҳоро нигоҳ дорад, ӯ асрори робитаи падидаҳоро беҳтар дарк мекунад ва донишҳои андӯхтаи худро метавонад дар амал татбиқ кунад. Имкониятҳои номаҳдуди таҳлили фикру тахминҳои баёншуда, амиқ омӯхтани моҳияти масъалаҳо ба зуҳури кунҷковӣ ва ҷустуҷӯи табиӣ, инкишофи тафаккури таҳлилӣ ва интиқодӣ мусоидат мекунанд. Бисёр муҳим аст, ки омӯзгорон истеъдоди кӯдакро дида, нагузоранд, ки раванди ташаккули қобилиятҳои ӯ мустақилона идома кунад, умед накунанд, ки кӯдак дар самти рушд роҳи худро меёбад. Зарур аст, ки инкишофи максималӣ таъмин карда шавад. Хонандаи лаёқатмандро зимни фаъолият вохӯрдан, воқеан, ҳам барои омӯзгор ва ҳам барои ҳар як мутахассиси дигар як навъ имтиҳон дар муносибатҳои касбӣ, шахсӣ ва ҳатто маънавию ахлоқист. Агар муваффақ бошад, он таҷрибаи мусбати беҳамто меорад, дар сурати нокомӣ – таассуроти манфӣ. Аммо дар ҳар ду маврид чунин ҳолат имкон медиҳад, ки дар масири рушди касбӣ ва шахсӣ омӯзгор пешрафт кунад.

Дар Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе барои муайян намудани истеъдоди хонандагон ва бевосита кор кардан бо онҳо усул ва шаклҳои гуногуни корро татбиқ намуда, дар ин самт ба муваффақиятҳои хуб ноил гардидааст. Дар гимназия барномаи комплексии кор бо кӯдакони лаёқатманд тартиб ёфта, марҳила ба марҳила бомуваффақият амалӣ карда мешавад ва натиҷаҳои мусбати худро нишон медиҳад. Дар баробари ин самаранокии татбиқи барномаро дар ҳамаи марҳилаҳои он хеле баланд арзёбӣ кардан мумкин аст. Нишондиҳандаҳои натиҷабахш афзоиши шумораи иштирокчиён дар Олимпиадаи ҷумҳуриявии мактаббачагон, озмуни шаҳрии забоншиносии «Забон донӣ – ҷаҳон донӣ», олимпиада бо забони англисӣ «Speelling Bee»-ро бо худ дорад. То 40% хонандагон дар мусобиқаҳои зеҳнии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ: «Кенгуру», «Хирсаки русӣ», «Эрудит», «Speelling Bee», «Teenagle» ва ғайра фаъолона иштирок мекунанд. Дар доираи татбиқи барномаи мазкур омӯзгорони фаннӣ курсҳои такмили ихтисос оид ба кор бо хонандагони болаёқатро хатм намуданд. Дар гимназия барои кор кардан бо ин категорияи хонандагон тамоми шароит муҳайёст. Омӯзгорони фанҳои алоҳида дар синфҳо мунтазам машғулиятҳои амалӣ мегузаронанд, аз он ҷумла, супоришҳои дорои мазмуни гуногун медиҳанд, дар бораи комёбиҳои соҳаҳои гуногуни илм ва техника маърузаҳо омода мекунанд. Мақсади асосии ин дарсҳо ҷалби диққати хонандагон ба корҳои бузург ва ҷолибе мебошад, ки онҳоро барои интихоби касб омода месозад. Бо истифода аз адабиёти иловагӣ, инчунин захираҳои интернетӣ, хонандагон барои дарс презентатсия ва наворҳо омода карда, тавассути онҳо ҳадафҳо ва вазифаҳои омӯзишро рӯнамоӣ карда, хулосаҳо мебароранд.

Аз байни роҳу усулҳои зиёди баланд бардоштани самаранокии дарс истифодаи технологияҳои иттилоотӣ имрӯз яке аз ҷойҳои аввалро ишғол мекунад. Албатта, маълум аст, ки оянда ба технологияҳои иттилоотӣ тааллуқ дорад. Бо ёрии онҳо бисёр омӯзгорон масъалаҳои дидактикӣ,

ташкилӣ ва методиро ба осонӣ ҳал карда метавонанд. Маҳз технологияҳои компютерӣ имрӯзҳо дар ҳалли масъалаи ташкили кор бо кӯдакони лаёқатманд, худтаълимии хонанда дар ҷои аввал меистанд. Технологияҳои компютерӣ ба татбиқи усулҳои фардикунонӣ ва тафриқавии таълим мусоидат мекунанд. Муҳимтар аз ҳама, бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ қобилият ва малакаи омӯзиш ва худомӯзиро инкишоф додан мумкин аст [91, 59-64].

Мавзуи рисола дар раванди таълими гимназия ва махсусан дар самти кор бо кӯдакони лаёқатманд мавқеи назаррасро ишғол мекунад, ки он, чун қоида, дар доираи як дарси стандартӣ маҳдуд намешавад. Инчунин барои таъсиси гурӯҳҳои манфиатдор, таҳкими дастгирии ҳамдигар ва кумаки мутақобила шароит фароҳам мебошад. Ниҳоят, имконияти истифодаи на танҳо маводи таълимӣ, балки васеъ намудани фазои иттилоотӣ берун аз доираи он (инкишоф додани малакаҳо дар самти дарёфти маълумоти зарурӣ) ва қобилияти муаррифӣ кардани самараи фаъолияти худ (презентатсия) бо имкони иштироки минбаъда дар конференсияҳои илмию амалӣ ва озмунҳои таҳқиқотии хонандагон таъмин аст.

Дар натиҷаи тағйир ёфтани парадигмаи таълимии кишвар – гузариш ба низоми салоҳиятнокӣ, низоми кор дар мактаби муосир ва махсусан кор бо хонандагони болаёқат ногузир тағйир ёфт. Ин гузариш боиси тағйироти динамикии системаи кори омӯзгорон, равоншиносон ва маъмурияти муассисаи таълимӣ гардид. Бо вуҷуди ин натиҷаҳои баланд дар самти кор бо хонандагони болаёқат дар мактаби муосир танҳо дар сурате ба даст меояд, ки агар консепсияи ягонаи кор дар ин самт аз ҷониби ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим таҳия ва амалӣ карда шавад.

Ҳамин тариқ, мураккабии масъалаи лаёқатмандии хонандагон ба як қатор омилҳо вобаста буда, бартараф кардани мушкилоти он ба иҷрои шартҳои ташкилӣ, кадрӣ, илмию методӣ, моддию техникӣ, хавасмандгардонӣ, меъёрӣ ва молиявӣ вобаста аст.

## 1.2. Усулҳои инноватсионии психологӣ ва педагогии дарёфти хонандаи болаёқат. Навъҳои лаёқатмандӣ

**Модели бисёромилаи лаёқат**

Андеша дар мавриди он ки кӯдаки болаёқат – кӯдаки пурангеза ва дорои хотираи хуб аст, асоси таҳияи модели муайянсозӣ, дастгирӣ ва роҳнамоии кӯдакони лаёқатманд дар раванди таълим ба ҳисоб меравад. Бояд қайд намуд, ки модели таҳияшудаи мазкур, пеш аз ҳама, ба кор бо кӯдакони дорои имкониятҳои зеҳнии кашфношуда нигаронида шудааст (расми 1).




**Расми 1. Намудҳои лаёқатмандии кӯдакон**

Ба андешаи ағлаб, дастрасӣ пайдо намудан ба намудҳои гуногуни фаъолият хоси аксари кӯдакон мебошад, аммо натиҷаҳои ҳақиқии ғайриоддӣ нишон медиҳанд, ки қисми ками кӯдакон дастрасӣ доранд.

Дар Муассисаи давлатии таълимии “Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе” дар ин самт ғояи машҳур ва аз ҷониби бештари мутахассисони муосир қабулшуда – консепсияи иқтидори инсонӣ ҳамчун асос дониста шуд, ки мувофиқи он, лаёқатмандӣ се хусусияти муштараки зеринро дар бар мегирад:

1. Қобилияти зеҳнӣ (қобилиятҳои нисбатан баландтар)

2. Эҷодкорӣ (неруи эҷодӣ)

3. Устуворӣ (ангезаи ба иҷрои вазифа нигаронидашуда)

Бо истифода аз консепсияҳо модели 5-омилаи лаёқатмандӣ PARADIGMA-5G) таҳия шудааст. Мо вобастагии функсионалии лаёқатмандиро вобаста ба нишондодҳову сохтори иқтидори он ва лаёқатмандии мубрамро ҳамчун вазифаи интегралӣ муайян менамоем [22, 39-44]:

P=f(k1*A+k2*C+k3*S+k4*E),

дар ин ҷо P (Potential) – лаёқатмандии иқтидорӣ;

A (Abilities) – қобилиятҳои умумӣ;

C (Creative) – саводнокӣ;

S (Self) – хусусиятҳои шахсӣ;

E (Environment) – омилҳои муҳити атроф буда, дар ин ҷо k – коэффисиенти коррелятсионии аз 0 то 1 ва вобаста ба синни хонанда мебошад, зеро дар синну соли гуногун ба ташаккули лаёқатмандии иқтидорӣ омилҳои пешниҳодшуда таъсири гуногун мерасонанд.

Дар ин маврид дар амал татбиқ гардонидани иқтидори лаёқатмандӣ бо вобастагии зерин инъикос меёбад:

RG=f(P*M),

дар ин ҷо RG (RealGiftedness) – лаёқати зарурӣ

M (Motive) – омили таҳрикдиҳанда.

Ҳамин тавр, мо фарз мекунем, ки агар ташаббускории кӯдак ба сифр баробар бошад, он гоҳ қобилиятҳои лаёқатмандӣ татбиқ намегарданд ва танҳо ҳамчун неру боқӣ мемонанд.

Дар асоси вобастагиҳои функсионалӣ сохти лаёқатмандиро дар шакли зерин пешниҳод менамоем, ки дар расми 2 таҷассум ёфтааст.

Дар расми 2 омилҳои асосии лаёқатмандӣ, ҳамчун сифати интегралии шахсият оварда шудаанд. Ҳамаи бахшҳои модели мазкур

байни ҳам алоқаманд ва вобаста буда, дар ташаккули лаёқати хонанда таъсири комплексӣ мерасонанд.




**Расми 2. Модели консептуалии 5-омилаи лаёқатмандӣ (PARADIGMA-5G)**

Омилҳои когнитивӣ хусусиятҳои таҳрикдиҳанда ва инфиродӣ мебошанд, вале омили таҳрикдиҳанда бо сабаби он ки зимни кашф кардани неруи лаёқатмандӣ аҳаммияти ҳалкунанда дорад, ҷудо шудааст.

**Моделҳои муайянсозӣ, дастгирӣ ва роҳнамоии кӯдакони лаёқатманд дар раванди таълим**



**Расми 3. Модели кор бо кӯдакони лаёқатманд дар муассисаи таҳсилоти умумӣ**

Модели кор бо кӯдакони лаёқатманд, ки дар расми 3 оварда шудааст, дар раванди таълим бо се системаи бо ҳам алоқаманд инъикос мегардад: муайянсозӣ, дастгирӣ ва роҳнамоӣ.

Дар ин маврид, чунон ки таҷрибаи корҳои озмоишӣ нишон доданд, шарти зарурӣ барои амалӣ гардонидани модели пешниҳодгардида системаи мукаммали омода намудани омӯзгорон мебошад. Барои муваффақият дар самти кор бо кӯдакони лаёқатманд бояд дар навбати аввал омӯзгороне ҷалб карда шаванд, ки дорои сифатҳои муайяни зерин бошанд:

- Нисбат ба фаъолияти худ шавқманд будан;
- Қобилиятҳои илмӣ ва эҷодӣ;
- Заковатмандӣ, хушахлоқӣ;
- Донистани хусусиятҳои равонии хонанда ва ғайра

Ҳамин тавр, системаи **такмили ихтисоси омӯзгорон,** ки дар расми 4 нишон дода шудааст, **дорои ду самти асосӣ** мебошад.

**Такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ**




**Расми 4. Модели такмили ихтисоси омӯзгорон**

Пеш аз ҳама, омӯзгор бояд равонан ва сипас бо азхудкунии усулҳои таълим барои кор бо кӯдакони лаёқатманд омода карда шавад. Барои ин ба роҳ мондани омодасозӣ тариқи усулҳои омӯзиши корпоративӣ, роҳбаладӣ ва тюториву илмӣ-методӣ лозим аст.

Ҳамин тариқ, ҳамчун бузургӣ (параметр)-и оптимизатсияи кор бо кӯдакони лаёқатманд салоҳияти касбии омӯзгор, ки омодагиҳои зеринро дар бар мегирад, интихоб гардид [101, 41-43]:

- Омодагии равонӣ барои кор бо кӯдакони болаёқат;
- Омодагии методологӣ (инструменталӣ) барои кор бо кӯдакони болаёқат.

Барои татбиқи ин параметр барномаҳои коучинг ва барномаи омӯзиши корпоративӣ таҳия шудаанд.

Барномаҳои пешниҳодшуда оид ба такмили ихтисоси омӯзгорон дар раванди таълим аз модули ибтидоии “Санҷиши омодагии равонии педагог барои кор бо кӯдакони лаёқатманд” сарчашма мегиранд [101,41-43].

Фаъолият ҷиҳати таҳияи модели кор бо кӯдакони болаёқат зина ба зина амалӣ мешавад. Бинобар ин ҳар як бахши моделҳои пешниҳодшуда сохтори махсуси худро доранд.

Кор бо кӯдакони лаёқатманд бояд аз санҷиши муфассал оғоз карда шавад. **Модели муайянсозии лаёқатмандии кӯдакон** дар раванди таълим, ки дар расми 5 нишон дода шудааст, аз маҷмуи иттилооти ибтидоӣ дар бораи хонанда иборат буда, он аз санҷиши равонӣ ва равонӣ-педагогӣ мегузарад [34, 35-38].




**Расми 5. Модели муайянсозии лаёқатмандӣ дар кӯдакон**

Инкишофи бомуваффақияти лаёқатмандии хонандагон аз ташхис ва муайян намудани аломатҳои лаёқатмандии онҳо вобастагии хеле зиёд дорад ва дар ин самт ҳалли вазифаҳои зеринро тақозо менамояд:

- коркард намудани методикаи самараноки ташхиси лаёқатмандии хонандагон;

- муайян намудани вазъи ибтидоии сатҳи лаёқатмандии хонандагон ҳангоми қабул ба муассисаи таълимӣ

- муқаррар намудани вобастагии байни сифати таълим ва сатҳи инкишофи лаёқатмандии хонандагон;

- таҳияи методикаи кори инфоиродӣ бо хонандагоне, ки аломати лаёқатмандӣ доранд.

Ҳалли ин вазифаҳо ташкил ва баргузор намудани санҷиш ва озмоиши мунтазамро ҷиҳати муайян намудани сатҳи инкишофи лаёқатмандии хонандагон талаб менамояд.

Бо ин мақсад барои мукаммал гардонидани фаъолияти омӯзгор ва равоншинос зимни санҷиши лаёқатмандии хонандагон, дар маҷмуаи барномаи шабакавии "Худро бисанҷ" системаи санҷиши электронии рушди интеллектуалии хонанда тартиб дода шудааст. Дар системаи автоматикунонидашудаи "Худро бисанҷ", масалан, тести санҷиши мактабии ташаккули аҳлонии хонанда ҷойгир карда шудааст. Истифода бурдани системаи автоматикунонидашудаи "Худро бисанҷ" фосилаи вақти коркарди натиҷаҳоро ба таври назаррас кӯтоҳ намуда, инчунин барои гузаронидани санҷиши тестӣ тайёр намудани маводҳои чопиро талаб намекунад.  Дар заминаи коркарди иттилооти ибтидоӣ, профили когнитивии хонанда тартиб дода шуда, доираи рушди ӯ муайян карда мешавад ва ба волидайн тавсияномаҳо пешниҳод мешаванд.

Дар ин маврид тавсияҳо ба омӯзгорон оид ба ин ё он стратегияи омӯзишии хонанда хусусияти инфиродӣ дошта, дар байни ин тавсияҳо «Усули лоиҳавӣ», «Стратегияи фардикунонӣ», «Стратегияи суръатбахшӣ», «Стратегияи рушди босуръат», омӯзиши тадқиқӣ ва проблемасозӣ ҷой доранд, вале бо дарназардошти он ки модели пешниҳодшудаи кор бо кӯдакони лаёқатманд дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба рушд додану дастгирӣ кардани хонандагон равона гардидааст, нақши асосиро дар ин маврид **"Стратегияи омӯзиши тафаккур"**, ки фаъолияти мақсаднокро барои рушди қобилияти зеҳнӣ-эҷодии кӯдак пешбинӣ менамояд, мебозад.

**"Омӯзиши тафаккур"** самти фаъолиятест, ки барои мақсаднок инкишоф додани қобилиятҳои зеҳнӣ-эҷодии кӯдак равона шудааст. Дар раванди таълим истифодаи усулҳои зерин ҷой дошта метавонад:

- усули коркарди стратегияҳои маърифатӣ;
- усули рушди малакаҳои фикрронӣ;
- машқҳо барои такмил додани диққат, хотир ва тафаккур.

Стратегияҳои омӯзишии хонандагон ба таври муфассал дар мақолаи В.В. Поликарпова ва А.С. Дюкарева “Чӣ гуна бо кӯдакони лаёқатманд кор кардан лозим аст?” шарҳ дода шудаанд [61, 31].

Корро барои рушд додан ва дастгирӣ намудани хонандагони лаёқатманд дар фазои зеҳнӣ ба ду самти асосӣ ҷудо кардан мумкин аст: фаъолияти дохилӣ ва фаъолият бо шарикони иҷтимоӣ.

**Модели таҳияшудаи дастгирии кӯдакони лаёқатманд** дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ки дар расми 6 нишон дода шудааст, бо фаъолияти дохилии муассисаи таълимӣ, ки **дар он ҷо мақсади асосӣ – рушди мукаммали зеҳнӣ дар шароити таълими босифати мактабӣ мебошад,** алоқаманд аст.




**Расми 6. Модели дастгирӣ кардани кӯдакони лаёқатманд дар раванди таълим**




Модели мазкур дорои якчанд самтҳои асосии фаъолият оид ба дастгирӣ намудани кӯдакони лаёқатманд мебошад. Пеш аз ҳама, ин тренингҳои равонӣ барои ташкил намудани фазои мусоид дар ҷамъият ва ҳал намудани масъалаҳои ихтилофӣ аст, зеро дар бисёр мавридҳо кӯдакони болаёқат бештар дорои мушкилот дар раванди омӯзиш мебошанд (онҳо намехоҳанд, ба талаботҳои умумии мактаб тобеъ бошанд, балки мехоҳанд дар раванди дарс ба онҳо диққати махсус дода шавад, на ҳамеша онҳо гӯш кардан мехоҳанд, ҳолатҳои "нокомӣ"-ро вазнин паси сар мекунанд) [5, 187].

Ҳамчунин модели пешбинишуда ҳам фаъолиятҳои дарсӣ ва ҳам ғайридарсиро дар бар мегирад. Дарсҳо дар ин модел тарзе сохта мешаванд, ки дар заминаи онҳо такмили захираҳои равонии кӯдак, ба монанди диққат, хотира ва тафаккур амалӣ гарданд. Барои ноил гардидан ба мақсадҳои иброзгардида мумкин аст, ки бозии инкишофдиҳандаи метамавзуии "Курсии тафсон", ки аз ҷониби омӯзгорони таъриху ҳуқуқ таҳия шудааст, истифода бурдан мумкин аст.

Қайд кардан зарур аст, ки модели дастгирии кӯдакони лаёқатманд истифодабарии намудҳои гуногуни роҳбаладиро дар доираи инкишофи зеҳнӣ пешбинӣ менамояд. Барои хонандагони болаёқат ҳама гуна

имкониятҳои нишон додани қобилияти худ, на танҳо берун аз муассисаи таълимӣ дар доираи озмунҳои гуногун, балки дар синфи худ, синфҳои ҳамрадиф ва ғайра хеле муҳим аст.

Зимни кор бо кӯдакони лаёқатманд бештар аз рӯи ин модел кор мекунанд. Тайи солҳои охир омӯзгорони гимназия лоиҳаҳоеро таҳия кардаанд, ки ба рушди қобилиятҳои маърифатии хонандагон мусоидат мекунанд. Дар байни ин лоиҳаҳо – «Риёзӣ барои гурӯҳҳои гуманитарӣ бидуни гиря», «Бозиҳои зеҳнӣ» ва «Бозӣ-тренажёр барои рушди тафаккури хонандагон» ҷой дода шудаанд.

Яке аз ҷузъҳои модели дастгирии кӯдакони лаёқатманд – мавҷудияти барномаҳои махсуси таҳсилоти иловагӣ ва фаъолиятҳои беруназсинфӣ мебошад, ки ба рушди қобилиятҳои зеҳнии хонандагон нигаронида шудаанд. Ҳамзамон ин барномаҳо ҳам ба таври рӯзона ва ҳам ба таври фосилавӣ дар системаи Moodle амалӣ карда мешаванд.

Модели рушд ва дастгирии кӯдакони лаёқатманд дар раванди таълим истифодаи васеи системаи таълими иловагӣ ва барномаи корҳои беруназсинфиро пешбинӣ менамояд. Барои муассисаи таҳсилоти умумӣ пешниҳод карда шудааст, ки базаи барномаи маҳфилҳо ва дарсҳои иловагӣ аз рӯи самтҳои зерин ба истифода дода шавад:

- Курси «Рушди зеҳнӣ» ба ташаккули таваҷҷуҳ, хотира ва тафаккури хонандагон ҳамчун шартҳои зарурии рушди зеҳнӣ нигаронида шудааст.
- Курсҳои равоншиносии «Ман ва мо» ва «Худ ва дигаронро дарк намо» – барои рушди хусусиятҳои инфиродӣ ва ҳавасмандии хонандагон.
- Маҳфили «Рӯзноманигорӣ» барои хонандагонест, ки ба забон ва адабиёт шавқмандӣ зоҳир мекунанд. Натиҷаи фаъолияти ин маҳфил тавассути нашри мунтазами газетаи мактабӣ шинохта мешавад.
- Курси «Муҳаққиқи ҷавон» ба ташаккули малака ва маҳорат дар фаъолияти амалӣ, малакаҳои фаъолияти таҳқиқотӣ дар соҳаи экология ва биология нигаронида шудааст.
- “Ҷамъияти таърихдонҳои мактаб” барои бештар ошкор намудан ва амалӣ сохтани нерӯи эҷодии кӯдакони соҳибистеъдод дар соҳаи

таърих шароити мусоид фароҳам меорад.

- Маҳфили “Ҳуқуқшиноси ҷавон” барои бештар ошкор намудан ва амалӣ сохтани қобилияти зеҳнӣ ва шуури ҳуқуқии хонандагони болаёқат дар соҳаи ҳуқуқ ва шиносоӣ бо асосҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои байналмилалии дар соҳаи ҳуқуқи инсон қабулгардида шароити мусоид фароҳам меорад.
- Озмуни «Бозиҳои зеҳнӣ» – дар шакли мубоҳиса барои хонандагоне, ки нисбат ба фанҳои таърих, ҷомеашиносӣ ва равоншиносӣ қобилият ва шавқу рағбати зиёд доранд, гузаронида мешаванд.
- Барномаи маърифатӣ дар соҳаҳои гуногуни дониш – «Брейн Ринг». Дар шакли чорабинии зеҳнӣ-маърифатӣ барои ташаккули қобилиятҳои эҷодӣ ва инкишофи нутқу маҳорати суханварӣ равона карда шудааст.
- Фестивали сурудҳо бо забонҳои хориҷӣ, ки ҳадафи он ошкор намудан ва дастгирӣ кардани кӯдакони бомаҳорату лаёқатманд дар соҳаи омӯзиши забонҳову мусиқии хориҷӣ мебошад.

Самти мавзуии системаи таҳсилоти иловагӣ ва системаи корҳои беруназсинфӣ дар расми 7 нишон дода шудааст.




**Расми 7. Мавзуъҳои системаи таҳсилоти иловагӣ дар муассиса**

Модели мазкур масъалаҳои ташкили кор дар самти рушд ва дастгирии ҳамаи хонандагони болаёқатро дар бар намегирад. Маҳз барои ҳамин модели пешниҳодшуда оид ба рушд ва дастгирии кӯдакони

лаёқатманд дар раванди таълим, **ҳамкории фаъол** бо муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ барои кӯдаконро пешбинӣ менамояд.

**Модели роҳнамоии кӯдакони лаёқатманд** дар муассисаи таҳсилоти умумӣ дар расми 8 нишон дода шудааст.




**Расми 8. Модели роҳнамоии кӯдакони болаёқат дар муассисаи таълимӣ**

Ин модел ба навъҳои зерини роҳнамоӣ нигаронида шудааст: **равонӣ-педагогӣ, маъмурӣ ва тиббӣ.** Дар асоси натиҷаҳои санҷиши такрорӣ ва муайян намудани мушкилот ва монеаҳои рушди кӯдаки болаёқат қарорҳои муайяни идоракунӣ қабул карда мешаванд. Ҳама гуна кор бо кӯдакони лаёқатманд –сарбории иловагӣ барои ин кӯдакон маҳсуб мегардад ва аз ин сабаб барои пешгирии сарбории аз меъёр зиёд ва паст шудани дараҷаи солимии ҷисмонию равонӣ ба онҳо **дастгирии тиббӣ** зарур аст.

Ҳамин тариқ, **модели пешниҳоднамудаи кор бо кӯдакони лаёқатманд** дар муассисаҳои таълимӣ модели мураккабест, ки тамоми ҷиҳатҳои фаъолияти муассисаи таълимиро дар бар мегирад, аз ҷумла: санҷиш, ташкили раванди таълим, қабули қарорҳои идоракунӣ, фаъолияти иттилоотӣ-ташвиқотӣ, такмили ихтисоси омӯзгорон ва ҳамкории мунтазам бо волидон.

## Навъҳои лаёқат

Истилоҳи «лаёқат» дар давоми асри XX тағйироти ҷиддиро аз сар гузаронид. Дар аввал ин консепсия танҳо ба калонсолоне, ки дастовардҳои барҷаста доштанд, рабт дода мешуд. Сипас, он нисбат ба кӯдакон, бо дарназардошти рушди зеҳнӣ ва муваффақияти истисноӣ дар раванди омӯзиши онҳо мавриди истифода қарор гирифт. Ба гурӯҳи кӯдакони лаёқатманд кӯдаконе шомил буданд, ки дар байни чанд дарсади кӯдакон айни санҷишҳои зеҳнӣ натиҷаҳои баланд нишон медоданд. Бо вуҷуди ин бо гузашти вақт маълум гашт, ки пешгӯиҳое, ки аз натиҷаи санҷишҳои тестӣ бармеомаданд, амалӣ намешаванд: нишондодҳои баланди рушди зеҳнӣ кафолати муваффақияти касбӣ ва дастовардҳои барҷастаи эҷодиро намедоданд. Дар баробари ин кӯдакони дорои IQ-и пасттар аз ҷумлаи одамоне буда метавонанд, ки ба пешрафти соҳаҳои гуногун таъсир мерасонанд ва ҳаёти ҷомеаро тағйир медиҳанд. Чунин кунҷковӣ моро водор сохт, ки гаштаву баргашта ба муҳтавои истилоҳи «лаёқат» ва бахусус, ба саволи он, ки кадом навъҳои лаёқат аз доираи назари муҳаққииқону олимон дур мондаанд, рӯ орем [6, 138].

Аллакай дар тули солҳои 20-ум равоншиносон шахсони ба истилоҳ махсусан моҳирро ҷудо карда буданд. Ба онҳо ҳамчун шахсони дорои маҳорати «техникӣ, тиҷоратӣ, академӣ, бадеӣ, иҷтимоӣ” муносибат карда мешуд. Дар солҳои 30-юм эътирози мутахассисон нисбат ба истифодаи истисноии санҷишҳои зеҳнӣ барои муайян кардани лаёқатмандии кӯдакон шунида шуд. Воқеият ин буд, ки таваҷҷуҳ ба рушди зеҳният ниҳоят кам ба назар мерасид. Масалан, дар мавриди комёбиҳои эҷодӣ муносибати ғайристандартӣ ва воқеӣ талаб карда мешавад. Санҷишҳои иктишофи зеҳнӣ вазифаи ошкоркунии ташаккули равандҳои зикршударо надоранд.

Бо мурури замон ва андӯхтани таҷриба мафҳуми лаёқат боз ҳам васеътар мегардад. Ҳамин тариқ, лаёқат ҳамчун қобилияти дастовардҳои барҷаста дар соҳаҳои муҳимми фаъолияти инсон ҳисобида шуд.

Хонандагони лаёқатманд ва бомаҳорат онҳое маҳсуб мегарданд, ки аз ҷониби шахсони аз ҷиҳати касбӣ омодашуда ҳамчун ашхоси дорои неруи зеҳнии ба дастовардҳои баланд мусоидаткунанда, муайян карда мешаванд. Чунин кӯдакон ба нақшаҳои таълимии фарққунанда ва ё кумаке, ки аз доираи таҳсилоти муқаррарӣ берун мебошад, ниёзманданд. Онҳо бояд имконияти дар амал татбиқ намудани тавоноии худро дошта бошанд ва дар ташаккули ҷомеа саҳм гузоранд. Кӯдакон тамоюлҳои худро ба дастовардҳои баланд дарҳол зоҳир карда наметавонанд, аммо барои татбиқи лаёқатмандиҳои худ дар соҳаҳои зерин муваффақ шуда метавонанд (дар як ё якчанд соҳа) [105, 66]:

- қобилиятҳои умумии зеҳнӣ;
- қобилиятҳои мушаххаси таълимӣ;
- тафаккури эҷодӣ ё самаранок;
- қобилиятҳои роҳбарӣ;
- маҳорати бадеӣ ва иҷроишӣ;
- қобилиятҳои психомоторӣ.

Таҳқиқоти амиқи солҳои минбаъда ба он оварда расонд, ки навъҳои аллакай эътирофшудаи лаёқат ба таври дифференсиалӣ баррасӣ карда шаванд. Ин нуқта дар пайдоиши мафҳумҳои нави лаёқати зеҳнӣ ва эҷодӣ зоҳир гардид. Яке аз назарияҳои эътирофшудаи маъмултарин ин назарияи гуногунии намудҳои зеҳни Ҳовард Гарднер мебошад [52, 106-120].

Тибқи ин назария, зеҳни ягона вуҷуд надорад. Ба андешаи ӯ, ҳадди аққал ҳафт намуд зеҳн вуҷуд дорад. Ҳар кадоми онҳо мустақил буда, мувофиқи қоидаҳои худ ҳамчун системаи алоҳида амал мекунанд. Ҳар як зеҳн аз рӯи пайдоиши худ мақоми махсус дорад. Масалан, дар инкишофи эволютсионии инсоният дарки мусиқӣ нисбат ба дигар намудҳои заковат қадимитар аст.

Қобили тазаккур аст, ки ба масъалаҳои лаёқатмандӣ дар таълифоти педагог ва маорифпарвари барҷаста Аҳмади Дониш таваҷҷуҳи зиёд дода шудааст. Ба ақидаи ӯ, «инсон махлуқи дараҷаи олист. Ӯ аз лаҳзаи ба дунё

омаданаш ба эҷодкорӣ, ба ҳунари муайян таъйин мегардад. Яъне ҳар кас ба ягон чизи муайян майлу рағбат, истеъдод зоҳир менамояд: яке – ба илм, дигаре – ба мӯзадӯзӣ, севумӣ – ба ҳукмронӣ, касе – ба чорводорӣ, касе – ба косибӣ, касе – ба қаламкашӣ, касе – ба табибӣ, касе – ба тиҷорат, касе – ба сухангӯӣ» [71,63].

Ҳамин тариқ, дар осори ӯ мавҷудияти лаёқатмандӣ таъкид мегардад, ки онро муайян намуда, дар давоми зиндагӣривоҷу равнақ додан мумкин аст, бинобар ин дар ин самт нақши муҳим ба мактаб тааллуқ дорад. «Маҳз мактаб бояд дар ҳар як кӯдак рағбату кӯшишро ба санъат бедор намояд, қобилияти эҷодии ӯро инкишоф диҳад… Он заминаҳои фаъолияти мустақилонаи эҷодиро гузошта, барои зоҳир намудани қобилияту лаёқатмандии фитрӣ, машғул шудан бо кори дӯстдошта имконияти густурда фароҳам меорад. Маҳз омӯзгор бояд қобилият ва майлу рағбати ҳар як хонандаро ошкор намояд. Агар ӯ хонандагонашро хуб донад, он гоҳ самт бахшидани фаъолияти онҳо дар дарс ва вақти фориғ аз он душвор нахоҳад буд» [71, 65].

Ба андешаи мо, муҳим он аст, ки М.Лутфуллоев зимни кор бо бачагони лаёқатманд аз омӯзгор умедҳои зиёд дорад: «Чизеро, ки дар кӯдак ошкор мекунанд, ҳамон сифатҳо ва қобилиятҳо инкишоф хоҳанд ёфт. Бинобар ин вазифаи омӯзгор – ошкорсозӣ ва такмил додани сифату қобилияти мусбат ва бартараф намудани хислатҳои манфӣ мебошад» [83 , 61].

Бо ин ақида педагоги маъруф Ф. Шарифзода низ розӣ аст: «Омӯзгор барои хонандагонаш ҷавобгар аст. Агар кӯдак беморнамо ва заиф бошад, ин на ба худи ӯ, балки ба мураббӣ вобаста аст; агар кӯдак ақлан суст бошад, ин на гуноҳи ӯ, балки гуноҳи омӯзгор аст; агар дар кӯдак истеъдодҳо ошкор нагарданд, ӯ гунаҳкор нест, балки боз ҳам омӯзгор ва мураббӣ» [150, 109].

**Лаёқати бадеӣ**

Ин намуди лаёқат дар мактабҳои махсус, маҳфилҳо ва студияҳо сайқал дода мешавад. Таҳти ин мафҳум комёбиҳои баланд дар соҳаи эҷодиёти бадеӣ ва маҳорати иҷрои мусиқӣ, наққошӣ, ҳайкалтарошӣ, маҳорати актёрӣ дар назар дошта мешавад. Яке аз масъалаҳои асосӣ дар самти мазкур ин аст, ки ин қобилиятҳо дар муассисаи таҳсилоти умумӣ бояд эътироф карда шаванд. Ин кӯдакон барои ноил шудан ба сатҳи баланди касбият вақт ва неруи зиёдеро сарф мекунанд. Барои бомуваффақият таҳсил кардани онҳо имкониятҳо кам буда, ин қабил хонандагон аксар вақт ба барномаҳои инфиродӣ аз фанҳои мактабӣ ниёз дошта, мехоҳанд, ки омӯзгорону ҳамсолонашон онҳоро дарк кунанд.

**Лаёқати умумии зеҳнӣ ва академӣ**

Дар бораи лаёқатмандии умумии зеҳнӣ болотар ибрози назар карда шуд. Муҳим он аст, ки кӯдакони дорои ин навъи лаёқатмандӣ мафҳумҳои бунёдиро зуд аз худ мекунанд, маълумотро ба осонӣ дар хотир медоранд ва ҳифз мекунанд. Қобилияти баланди коркарди иттилоот ба онҳо имкон медиҳад, ки дар бисёр соҳаҳои дониш бартарӣ пайдо кунанд.

Лаёқати академӣ хусусияти андаке дигар дорад, ки он бо муваффақ шудан дар омӯзиши фанҳои алоҳида зоҳир гардида, бештар ҷузъӣ ва интихобӣ мебошад.

Ин кӯдакон метавонанд дар фанни риёзӣ ё забонҳои хориҷӣ, физика ва ё биология бо суръати баланд пеш раванд ва натиҷаҳои хуб нишон диҳанд, вале аз дигар фанҳое, ки барои онҳо на он қадар осон мебошанд, қафо мемонанд.

Интихоби доираи на он қадар васеъи фанҳо боиси пайдоиши мушкилот дар мактаб ва оила мегардад. Волидайн ва омӯзгорон аз он қаноатманд намешаванд, ки кӯдак баъзе фанҳоро меомӯзад ва баъзе фанҳои дигарро не. Аз эътироф намудани лаёқати ӯ худдорӣ мекунанд ва барои дастгириву рушди лаёқати махсуси кӯдак имконият фароҳам намеоранд.

Ба сифати мисоли лаёқати академӣ лаёқатмандии зиёд ба риёзиётро метавон ном бурд.

### Сохтори қобилиятҳои математикӣ

Равоншинос В.А.Крутетский кӯдакони дорои ин намуди лаёқатро ҳамаҷониба омӯхта, сохтори қобилияти математикиро ошкор кардааст. Сохтори қобилиятҳои математикӣ ҷузъҳои зеринро дар бар мегирад [95, 6-13].

1. **Қабул кардани иттилооти математикӣ**. Қобилияти ба расмият даровардани дарки маводҳои математикӣ, фаҳмидани сохтори расмии масъала.

2. **Коркарди иттилооти математикӣ**. Ба ин мансуб мебошанд:

а) қобилияти тафаккури мантиқӣ дар соҳаи муносибатҳои микдорӣ ва фазоӣ, рамзҳои рақамӣ ва нишонавӣ; қобилияти фикрронӣ бо рамзҳои математикӣ;

б) қобилияти ҷамъбасти фаврӣ ва густурдаи объектҳо, мутаносибият ва амалҳои математикӣ;

в) маҳдуд намудани раванди мулоҳизаҳои математикӣ ва системаи амалҳои мувофиқ; қобилияти фикр кардан оид ба сохторҳои печида;

г) ноустувории равандҳои фикрӣ дар фаъолияти математикӣ;

д) осон, сода, сарфакорона ва оқилона ҳал намудани масъалаҳо;

в) қобилияти зуд ва озодона аз нав тартиб додани самти фикрронӣ, гузаштан аз тафаккури мустақим ба баръакс (бозгаштпазирии раванди фикр дар тафаккури математикӣ).

3. **Захира намудани иттилооти математикӣ.** Хотираи математикӣ – хотираи умумӣ барои мутаносибиятҳои математикӣ, хусусиятҳои хос, схемаҳои муҳокимаву исбот, усулҳои ҳалли масъалаҳо ва принсипҳои муносибати онҳо мебошад.

4. **Ҷузъи умумии синтезӣ**. Тафаккури математикӣ.

### Лаёқати эҷодӣ

Чунин намуди лаёқат, яъне лаёқати эҷодӣ (ё эҷодкорӣ, истеҳсолӣ, фикрӣ), ба таври махсус алоҳида ҷудо карда шудааст. Лаёқати эҷодӣ,

санҷиш ва рушди он қисман дар ин рисола тавсиф шудааст. Дар ин ҷо фақат сари чанд нуқта таваққуф кардан лозим аст. Пеш аз ҳама, баҳсҳо дар бораи зарурати ҷудо кардани ин навъи лаёқатмандӣ то ҳол идома доранд. Моҳияти ихтилофи назарҳо чунин аст. Бархе аз коршиносон бар ин назаранд, ки эҷодкорӣ як ҷузъи ҷудонашавандаи тамоми намудҳои лаёқат мебошад ва онро аз ҷузъи эҷодӣ ҷудо кардан мумкин нест. А.М. Матюшкин таъкид мекунад, ки танҳо як намуди лаёқат вуҷуд дорад – эҷодкорӣ: агар эҷодкорӣ набошад, дар бораи лаёқат сухан гуфтан маъно надорад [87, 13-20]. Муҳаққиқони дигар қонунияти мавҷудияти лаёқати эҷодиро ҳамчун як намуди алоҳида ва мустақил дифоъ мекунанд. Яке аз нуқтаҳои назар ин аст, ки лаёқат ё тавассути эҷод кардан, пешниҳод намудани ғояҳои нав ва ихтироъ кардан, ё тавассути қобилияти дар сатҳи хуб иҷро кардани ягон амал ва истифода бурдани чизҳои аллакай сохташуда инъикос меёбад.

Дар баробари ин таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки кӯдакони қобилияти эҷодидошта аксар вақт бо доштани як қатор хусусиятҳои рафторӣ аз дигарон фарқ мекунанд. Мутаассифона, ин хусусиятҳо ба ҳеҷ ваҷҳ эҳсосоти мусбатро дар омӯзгорон ва атрофиён ба вуҷуд намеоранд. Ба ин хусусиятҳо дохил мешаванд:

- таваҷҷуҳ надоштан ба қолабҳо ва шахсони обрӯманд; мустақилияти бештар дар раванди муҳокима; табъи нозук дар ҳаҷв;

- ба тартиб ва ташкили “ҳатмии” кор эътибор надодан;

- болидаруҳӣ.

Ба ҷузъҳо ҷудо кардани лаёқати эҷодӣ ба он хотир мувофиқи мақсад аст, ки барномаҳои таълимии стандартӣ ва раванди таълим барои ташаккул ва зоҳиршавии лаёқат имконият фароҳам меоранд.

Айни замон тафриқаи лаёқати зеҳнӣ ва эҷодӣ аз рӯи ҷанбаҳо идома дорад. Вобаста ба ин нуқтаи назари Б.М.Тепловро зикр кардан лозим аст. Ба ақидаи ӯ, лаёқати баланд дар як соҳа боиси коҳиш ёфтани

лаёқатмандӣ дар соҳаҳои дигар мегардад. Вай таъкид кардааст, ки «лаёқат чизи бисёрҷанба мебошад» ва чунин ҳисобидааст, ки сухан бояд на дар бораи якҷоягии лаёқатмандии гуногун, балки дар бораи ҷузъҳои лаёқат равад.

Ӯ навиштааст: «Имконияти бомуваффақият фаъолият кардан дар соҳаҳои гуногун, пеш аз ҳама, ба мавҷудияти баъзе ҷузъҳои умумии лаёқатмандӣ, ки барои намудҳои гуногуни фаъолият муҳиманд, вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ лаёқати бисёрҷониба масъалаи марказии илмӣ аст» [136, 55].

Дар илми равоншиносии муосир консепсияи К.Тейлор ба бисёрҷониба будани лаёқат бахшида шудааст. Дар консепсияи мазкур барои муайян намудани навъҳои нави лаёқат кӯшиш ба харҷ дода нашудааст, балки диққати асосӣ ба роҳҳои ба таври мушаххас ифода намудани он равона карда шудааст. Дар ибтидо дар консепсияи К.Тейлор ду самт ҳамчун қутб – лаёқати академӣ ва эҷодӣ вуҷуд дошт [106, 70].

Дар навбати худ лаёқати эҷодӣ ба ҳашт навъ тақсим карда шудааст, ки он метавонад дар тафаккури натиҷабахш, қабули қарорҳо, пешбинии масъала, муошират, банақшагирӣ, амалӣ намудан ё иҷрои қарорҳо, ташкил намудани муносибатҳо ва имкониятҳои ихтиёрӣ зоҳир шавад. Се намуди охирини лаёқат (дар истилоҳоти К. Тейлор) барои амалӣ кардани ҳамагуна ғояҳо муҳим мебошанд. Зуҳуроти лаёқат ба таври хеле маҳдуд шарҳ дода мешавад. Масалан, муошират қобилияти баён кардани фикр ва эҳсосоти худ тавре мебошад, ки дигарон низ онро фаҳманд.

Мувофиқи консепсияи гуногунҷанба будани маҳорат, ҳамаи истеъдодҳо метавонанд хоси як шахс бошанд. Аз сабаби дараҷаҳои гуногуни зоҳиршавӣ доштанашон онҳо профили такрорнашавандаи ӯро тартиб медиҳанд. Дар баробари ин ҳар як маҳорати кашфшуда метавонад, барои ошкорсозӣ ва рушди қобилиятҳои дигари инфиродӣ замина гузорад.

Бояд гуфт, ки консепсияи мазкур инчунин ба зарурати сохтори таълиму тарбия тавре таваҷҷуҳ дорад, ки ягон истеъдодро аз даст намедиҳад ва ё рад намекунад.

**Лаёқати роҳбарӣ/Лаёқати иҷтимоӣ**

Ниҳоят, дар бораи лаёқати роҳбарӣ (мафҳумҳои «лаёқати иҷтимоӣ», «шуури ҷамъиятӣ», «маҳорати ташкилотчигӣ" низ истифода бурда мешаванд) сухан меронем.

Кӯшишҳои муайян кардан, ба ҷузъҳо ҷудо кардан ва чен кардани заковати иҷтимоӣ тақрибан таърихи якасра доранд. Намунаҳои аввалини қобилиятҳои иҷтимоиро дар ҷадвали Бинет-Симон, ки соли 1905 навишта шудааст, метавон пайдо кард. З. Фрейд барои одамоне, ки бо дақиқияти худ дар муҳити атроф фарқ мекунанд, истилоҳи махсусро истифода намуда буд.

Яке аз аввалин кӯшишҳои ченкунии заковати иҷтимоӣ ба Т.Ҳант (1928) тааллуқ дорад, ки ӯ барои «муайян кардани қобилияти муомила бо одамон» усули санҷиши махсусеро таҳия кардааст [90, 160].

Санҷиши мазкур аз шаш ҷадвал иборат мебошад: «Муҳокима дар бораи вазъиятҳои иҷтимоӣ», «Хотира барои ном ва шахсият», «Шиносоӣ бо ҳолати ботинӣ аз зуҳуроти чеҳра», «Мушоҳида намудани рафтори инсон» (барои дарки ангезаҳои рафтор нигаронида шудааст), «Иттилооти иҷтимоӣ», «Дарк намудани ҳолати ботинӣ, ки бо калимаҳо ифода меёбанд».

Ба гуфтаи Т.Ҳант, заковати иҷтимоӣ то синни 17-18-солагӣ инкишоф ёфта, нишондоди тахминии хуб барои муваффақият дар омӯзиш аст [90, 160].

Мувофиқи яке аз таърифҳои лаёқати иҷтимоӣ, он қобилияти истисноӣ барои барқарор кардани муносибатҳои комил ва созанда бо дигарон аст. Чунин таъриф, ки моҳияти интегралӣ дошт, дер давом накард, зеро табиати мураккаби ин қобилият аён гашт. Чунин унсурҳои сохтории лаёқати иҷтимоӣ, аз ҷумла дарки иҷтимоӣ, рафтори

просотсиалӣ, муҳокимаҳои ахлоқӣ, малакаҳои ташкилотчигӣ ва ғайра фарқ карда мешаванд.

Лаёқати иҷтимоӣ чун шарти муҳим барои муваффақиятҳои баланд дар чанд самт амал мекунад. Он қобилияти дарк кардан, ҳамдардӣ намудан ва муоширaт кардан бо дигаронро тахмин намуда, ба шумо имкон медиҳад, ки омӯзгори хуб, равоншинос, равоншифо ва корманди иҷтимоӣ бошед. Ҳамин тариқ, мафҳуми лаёқати иҷтимоӣ доираи васеи зуҳуротеро дар бар мегирад, ки ба таъсисдиҳии осон ва сифати баланди муносибатҳои байнишахсӣ алоқаманд мебошанд. Ин хусусиятҳо ба шумо имкон медиҳанд, ки роҳбар бошед, яъне лаёқати роҳбариро нишон диҳед.

Гарчанде таҳқиқотҳо нишон доданд, ки лаёқати иҷтимоӣ инкишофи ақлонии нисбатан баландтарро талаб мекунад, вале он аз лаёқати зеҳнӣ фарқ дорад.

**Шахсони дорои лаёқати иҷтимоӣ**

Хусусиятҳои хоси одамони дорои лаёқати иҷтимоӣ:

- онҳо, одатан, аз ҷиҳати ҷисмонӣ ҷозибанок ва аз ҷиҳати намуди зоҳирӣ озодаанд;
- аксарияти одамони шинос онҳоро ба чеҳраи кушод қабул мекунанд;
- онҳо, одатан, ба корҳои гуногун машғул шуда, дар раванди он саҳми мусбат мегузоранд;
- дар гурӯҳ онҳо ҳамчун ҳакамон ё ҳамчун «сиёсатмадор» қабул карда мешаванд;
- ба ҳамсолони худ ва калонсолон баробар муносибат мекунанд, ба муносибатҳои беинсофона, сунъӣ ё фармонравоёна муқовимат мекунанд;
- рафтори онҳо ошкор аст – онҳо кушиш намекунанд, ки танҳо «зоҳиран» худро нишон диҳанд;

- онҳо аз изҳори эҳсосоти худ наметарсанд, балки онро бамавқеъ иҷро мекунанд;

- бо одамон муносибатҳои тулонӣ ба роҳ монда, ҳиссиёти дӯстонаи худро зуд тағйир намедиҳанд;

- рафтори самараноки дигаронро таъмин мекунанд;

- боғайрат буда, гӯё қобилияти ғайриодиро дар мубориза бурдан нисбат ба ҳар гуна вазъиятҳои иҷтимоӣ таҷассум мекунанд ва ин амалро онҳо бо хушмуомилагӣ, ҳаҷв ва фаҳмонидани моҳияти масъала иҷро мекунанд.

Ба ибораи дигар, он ба тарзи махсуси зиндагӣ монанд аст. Ин одамонро метавон аз рӯи ниҳоят самаранок будани рафтори иҷтимоиашон муайян кард.

**Тавсифи роҳбарӣ**

Лаёқати роҳбариро метавон яке аз зуҳуротҳои лаёқати иҷтимоӣ, ки бештар бо муоширати фаъол бо одамони дигар алоқаманд аст, ҳисоб кард. Мафҳумҳои зиёде оид ба лаёқати роҳбарӣ мавҷуданд, ки дар онҳо хусусиятҳои умумиро метавон мушоҳида кард. Умумияти асосӣ ин аст, маҷмуи муайяни маҳоратҳои роҳбарӣ ба гурӯҳ имкон медиҳад, ки ба мақсадҳои худ бо қаноатмандии тарафайн ва ҳисси қаноатмандии шахсӣ ноил гарданд. Мувофиқи таъриф, малакаҳои роҳбарӣ, асосан, байнишахсӣ буда, устуворӣ, ошкорбаёнӣ ва малакаҳои ташкилотчигиро дар бар мегиранд. Роҳбарӣ мавҷудияти чунин хислатҳои шахсият, ба монанди эҳтироми худ, сифатҳои баланди ахлоқӣ ва сайқал додани эҳсосоти мукаммалро талаб мекунад.

Ба роҳбарони муваффақ, одатан, чунин хусусиятҳо хос мебошанд:

- заковати фарқкунанда;

- қобилияти қабул намудани қарорҳои қатъӣ;

- қобилияти кор кардан бо мафҳумҳои абстрактӣ, банақшагирии оянда, бо маҳдудиятҳои вақт;

- дарки мақсад, самти ҳаракат;

- устуворӣ, мутобиқшавӣ;

- ҳисси масъулият;

- эътимод ба худ ва худшиносӣ;

- истодагарӣ;

- таҳаммулпазирӣ ва сабр дар раванди ҳамкорӣ бо дигарон;

- шавқмандӣ;

- қобилияти возеҳ баён кардани фикрҳои шифоҳӣ ва/ё хаттӣ.

Рӯйхати боло хусусиятҳои лаёқати роҳбариро дар муқоиса бо лаёқати иҷтимоӣ равшан мекунад ва ҳам барои муайян кардану такмил додани онҳо мусоидат менамояд.

Дар илми равоншиносии иҷтимоӣ ва дар назарияҳои роҳбарӣ оид ба инкишоф додани лаёқати роҳбарӣ маводи зиёде ҷамъ оварда шудаанд.

**Рушди лаёқати роҳбарӣ**

Зуҳурот ва хислатҳои роҳбариро аллакай дар кӯдакони синни томактабӣ дидан мумкин аст. Мушоҳидаҳо нишон доданд, ки волидайни кӯдаконе, ки майли сарварӣ доранд, муносибатҳои худро бо онҳо ба таври махсус барқарор мекунанд. Падару модарон бо истифода аз воситаҳои гуногуни зерин бо чунин кӯдакон бисёр муошират мекунанд:

- ифодаи чеҳра, имову ишора, нутқ;

- онҳо тавре ба тарафи кӯдак майл мекунанд, ки гуё бо ӯ дар як сатҳ суҳбат мекарда бошанд. Онҳо аз кӯдакон мепурсанд, ки чӣ кор кардан мехоҳанд;

- гӯш мекунанд, ки кӯдакон ба онҳо чӣ мегӯянд;

- ба ҳар як амалиёти мустақилона иҷронамудаи онҳо диққат медиҳанд. Онҳо фарзандони худро таҳдид намекунанд ва нисбат ба онҳо хашмгин нестанд, вале ҳамзамон онҳо ба муҳофизат намудани аз ҳад зиёди кӯдаконашон майл надоранд.

Онҳо инчунин бо устувории пайдарпаии рафтори худ аз дигарон фарқ мекунанд. Муайян кардан ва инкишоф додани лаёқати роҳбарӣ барои ҳаёти ҷамъият дар тамоми ҷабҳаҳо аҳаммияти калон дорад. Дар

сиёсату истеҳсолот, илму маориф,  хулоса, дар ҳама ҷо шахсоне лозим мебошанд, ки ба дигарон роҳбарӣ карда, бо онҳо ҳамкорӣ ташкил карда, муносибат ба роҳ монанд ва роҳҳои амалӣ гардонидани муносибатҳоро муайян намоянд.  Ин қобилиятҳоро дар хонандагон мушоҳида намуда, барои рушди онҳо имконият фароҳам овардан лозим аст.

Ин навъи  нисбатан «дерина»-и (аз нуқтаи назари эътирофи мутахассисон) лаёқат таваҷҷуҳи махсуси мутахассисонро ба худ ҷалб карда аст ва барои рушди он як қатор барномаҳои самаранок таҳия карда шудаанд. Дар тули солҳои 70-ум дар ҷадвали илмии Л.И.Уманский таҷрибаи арзишманд оид ба ташаккули малакаҳои ташкилотчигӣ ҷамъоварӣ карда шуд, ки барои бахшҳои дахлдори таълимӣ замина фароҳам оварда метавонанд [17, 48-53].

Дар баробари таҳқиқи қобилияти педагогӣ ва фаъолияти омӯзгорӣ (сохтори қобилиятҳои педагогии дар натиҷаи ин таҳқиқотҳо ошкоршуда ба сохтори лаёқати иҷтимоӣ шабоҳат дорад) маводҳои зиёде, ки бо масъалаҳои лаёқати иҷтимоӣ алоқамандии зич доранд, гирд оварда шудаанд.

### 1.3. Принсипҳои асосии таълими хонандагони болаёқат

Ҳама гуна раванди таълим ҳадди ақал дорои ду мақсад мебошад. Аз як ҷониб, мо ба кӯдак маҷмуи донишҳои барои дарки ҳаёту касби ӯ заруриро медиҳем ва аз ҷониби дигар, ба ӯ фикр карданро меомӯзонем.

Ташаккули ақлонии наврас ё кӯдак на танҳо аз рӯи нақшаи такмил додани имкониятҳои шуурии вай, балки аз рӯи нақшаи афзоиш додани масъулиятҳои ӯ дар соҳаҳои гуногун: риёзӣ, илмҳои гуманитарӣ, санъат ва ғайра сурат мегирад. Масъалаҳои бо кӯдакони лаёқатманд алоқаманд талаботҳои махсуси онҳоро дар бар мегиранд. Онҳо нисбат ба дигар ҳамсолони худ метавонанд зуд маводҳоро азхуд намоянд, аммо дар баробари ин, ба якчанд усулҳои дигари таълим эҳтиёҷ доранд.

Қобили зикр аст, ки ба ошкорсозии лаёқатмандии хонандагон дар мактаб академик М.Лутфуллозода аҳаммияти махсус медод. «Мактаб – ибтидои ҳамаи оғозҳо, аз ин ҷо роҳ на танҳо ба саҳроҳо ва сеҳҳо, на танҳо ба санъат, балки ба лабораторияи олимон сар мешавад, дар ин ҷо майлу рағбатҳои Менделеевҳо ва Ломоносовҳои оянда тавлид мешаванд. Чӣ қадар муҳим аст дар хотир доштан, ки ба хонандагони имрӯза лозим меояд, то фардо асрори қаъри заминро кушоянд, ба оламҳои нав парвоз кунанд, технологияи комилан нави истеҳсолотро бунёд ва аз худ намоянд! Инро бояд онҳое дар хотир доранд, ки китобҳои дарсӣ менависанд, барномаву нақшаҳо таҳия мекунанд ва онҳое, ки меомӯзонанд. Аз ин ҷо, дар мактаби муосир шароитеро фароҳам овардан зарур аст, ки дар онҳо бачагони мо истеъдоду қобилияти хешро вусъат бахшида тавонанд» [83, 48].

Омӯзиши таърихи афкори ниёгон далолат бар он мекунад, ки қофиласолори назми аҷам устод *Рӯдакӣ дар синни ҳафтсолагӣ «Қуръон»*-ро азбар кардаву шоир *Мирзо Абдулқодири Бедил дар даҳ солагӣ шеър эҷод* мекард. Яъне гуфтан мумкин аст, ки аломат ва нишондиҳандаҳои қобилияти эҷодӣ дар синни 7-10 солагӣ камубеш зоҳир гардида, дар синни 17-18 – солагӣ ташаккул меёбад [134, 56].

Одатан, ду усули асосиеро, ки дар раванди таълими кӯдакони лаёқатманд қобили қабул дониста шудаанд, фарқ мекунанд: такмилдиҳӣ (en-richment) ва суръат бахшидан (acceleration).

Дар шароити мактабҳои муқаррарӣ суръат бахшидан тавассути аз синфи якум дарҳол ба синфи дигар гузаронидани он амалӣ мешавад. Дар натиҷа наврасони синнашон 13-15 – сола метавонанд, дар синфҳои хотимавӣ таҳсил намоянд ё ба донишгоҳ дохил шаванд.

Суръат бахшидан ба раванди таълими хонандагони болаёқат ҷиҳатҳои мусбат ва манфии худро дорад. Аз як тараф, кӯдаки лаёқатманд сарбории барои худ мувофиқро қабул мекунад ва аз мавзуъҳои таълимии дилгиркунандаи суст ҷараёнгиранда, ки барои ҳамсолони нисбатан суст инкишофёфтаи ӯ таҳия шудаанд, халос мешавад. Баъзе кӯдакони лаёқатманди 13-15-сола аллакай метавонанд аз рӯи барномаҳои донишгоҳӣ дарс омӯзанд. Аммо, аз тарафи дигар, сарбории вазнин ва вазъиятҳои иҷтимоии ба синну сол номувофиқ баъзан барои наврасони барвақт камолёфта хеле душвор аст. Дар синни 13-15-солагӣ бисёр кӯдакони лаёқатманд (махсусан писарон) ҳанӯз аз ҷиҳати иҷтимоӣ ба камол нарасидаанд ва дар байни хонандагони 17-18 – сола барои худ мавқеъ ёфта наметавонанд. Мушкилоти иловагии суръатбахшӣ ин ба истилоҳ «нобаробарии инкишоф» мебошад, ки аллакай дар боби 1 баррасӣ шуда буд.

Усули дигари дастгирӣ намудани кӯдакони лаёқатманд дар самти таълим – ғанигардонӣ мебошад, ки дар мамлакати мо бештар дар шакли машғулиятҳои иловагӣ дар маҳфилҳои илмии гуногун (аз математика, физика, амсиласозӣ ва ғайра), бахшҳо ва мактабҳои дорои равияи махсуси фаннӣ (мусиқӣ, рассомӣ ва ғайра) зоҳир мегардад. Дар ин гуна маҳфилҳо, одатан, имкони муносибати инфиродӣ ва кор бо кӯдак дар сатҳи хеле баланд қарор дошта, ба дилтанг шудани кӯдак роҳ намедиҳад. Ҳамин тариқ, барои пешрафти кӯдаки болаёқат ҳавасмандгардонии кофӣ ва шароити хуб фароҳам оварда мешавад. Мушкил дар он аст, ки кӯдаки

ба маҳфил (маҳфилҳо) ҷалбгардида омӯзиши фанҳои дигарро аз рӯи нақшае, ки ба хусусиятҳои заковати ӯ мувофиқ нест, баробари дигар ҳамсолон идома медиҳад. Усули нисбатан мураттаб ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснокшудаи ғанигардониро мутахассиси маъруфи соҳаи равоншиносии лаёқатмандӣ Ҷ.Рензулли кор карда баромадааст. Ин усул се сатҳро дар бар мегирад. Дараҷаи якум машғулиятҳое мебошанд, ки маълумотҳои умумии густурда ва баъзан ғоявӣ, ки аз доираи барномаи таълимии муқаррарии мактаб берун мебароянд, дар бар гирифтаанд. Мақсади кор дар сатҳи якум, ки ҳамаи хонандагон ва на танҳо хонандагони болаёқатро фаро мегирад, кумак расонидан ба хонандагон дар пайдо кардани як соҳаи мавриди таваҷҷуҳи онҳо мебошад. Сатҳи дуюм ба рушди равандҳои маърифатӣ ва эҳсосотӣ нигаронида шудааст. Хусусияти усули Рензулли ин кӯшиши пайваст намудани омӯзиши маърифат бо манфиатҳое, ки дар асоси машғулиятҳои дараҷаи аввал зоҳир мешаванд, ба ҳисоб меравад [116, 94].

Ду сатҳи аввал барои ҳама кӯдакон пешбинӣ шудаанд, аммо дар ҷараёни ин машғулиятҳо аз шумораи умумии кӯдакон онҳое, ки метавонанд дар баъзе соҳаҳо лаёқати махсус нишон диҳанд, ҷудо карда мешаванд. Ин кӯдакон ба дараҷаи нисбатан баландтар, яъне дараҷаи сеюми ғанигардонӣ дар системаи Рензулли қабул карда мешаванд. Кор дар доираи сатҳи сеюм таҳқиқоти мустақилонаи хонандаро дар соҳае, ки барои ӯ бештар манфиатдор аст, дар бар мегирад. Ҳамин тариқ, кӯдак таҷрибаи кории ҳақиқии эҷодӣ пайдо мекунад. Системаи Рензулли на танҳо усулҳои такмил додани зеҳни хонандагон, балки усулҳои муайян кардани лаёқати бештари онҳоро на дар асоси санҷишҳои тестии равонӣ, балки раванди таълим дар бар мегирад. Ин баҳодиҳӣ хусусияти муайяни «мустақилият»-и амалро таъмин мекунад, ки аз се сатҳи он ду сатҳаш на танҳо ба хонандагони интихобӣ, балки ба ҳамаи хонандагон пешниҳод карда мешавад. Илова бар ин се сатҳ ба шумо имкон медиҳад, ки як нуқтаи хеле муҳимро дар ташаккули манфиатҳо пеш аз иҷрои ягон амали мустақил дохил кунед.

Муносибати ниҳоят гуногунро дар мактабҳои махсуси барои кӯдакони лаёқатманд ва ба истилоҳ дар «синфҳои яктаркиба» (синфҳое, ки дар онҳо танҳо кӯдакони дорои сатҳи баланди инкишофи ақлонӣ ҷамъ мешаванд) вохӯрдан мумкин аст. Бештар чунин мешуморанд, ки чунин мактабҳо кӯдаконро дар руҳияи элитизм ва нобаробарӣ тарбия карда, онҳоро ба як  қисми алоҳида ҷудо менамоянд. Аммо ҷиҳатҳои дигари мусбати ин гуна шаклҳои ташкилӣ низ назаррас мебошанд.

Дар аввал масъалаи синфҳои яктаркиба  ва гуногунтаркибро баррасӣ мекунем. Барои мисол, як синферо интихоб намоем, ки онро гуногунтаркиб номидан мумкин бошад. Дар ин гуна синф аз байни қариб 30 нафар хонанда ба ҳисоби миёна як-ду, баъзан се нафар хонандагонеро вохӯрдан мумкин аст, ки дар ин ё он соҳа лаёқати махсус доранд. Яке аз онҳо шояд ба илмҳои табиатшиносӣ, дуюмӣ ба забонҳо ва сеюмӣ ба санъат майли махсус дошта бошад. Дар синфи дигар шояд кӯдаконе бошанд, ки дар технология, ҳунармандӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ, варзиш ва ғайра хеле қобилияти баланд доранд. Ҳар яке аз ин кӯдакон ва наврасони лаёқатманд дар байни худ фарқи хеле назаррас доранд, ки бояд ба таври дақиқ баҳогузорӣ карда шаванд. Дар синфи муқаррарӣ барои омӯзгор кор кардан бо ҳар як аз ин кӯдакон ба таври зарурӣ хеле душвор аст. Илова бар ин махсусияти дигар ин аст, ки омӯзгор наметавонад талаботҳои як кӯдакеро, ки ба илм лаёқат дорад, дигар кӯдакеро, ки ба забонҳо қобилияти баланд дорад ва кӯдаки сеюминро, ки ба санъат, техника ва ғайра шавқманд аст, қонеъ намояд.  Барои ҳалли ин масъалаи таълимӣ бояд чунин кӯдакон ба омӯзгорони ихтисосманд бовар карда шаванд. Мутахассисони мазкур фаъолияти нисбатан муваффақро ба роҳ монда, мувазҙаф мегарданд, ки муддати тулонӣ, на танҳо бо  хонандагони алоҳида, балки бо аъзоёни гурӯҳ дар умум амал намоянд ва ҳамзамон бо кӯдакони лаёқатманд муносибати махсус зоҳир намуда, бо онҳо фаъолияти мунтазам ба роҳ монанд. Дар ин маврид

ифодаи иқтидори зеҳнии асил дигар тахти фишор ва шиканҷа қарор намегирад.

Зарурати ташкили гурӯҳҳои гуногунтаркибро худи ҳаёт ва меъёрҳое, ки онро муайян мекунанд, ба миён мегузоранд. Ҷомеаи ҷудогона ва шаклҳои дувумдараҷаи сегрегатсия дар ҳама кишварҳо боиси низову нофаҳмиҳо шудаанд.

Пас, лозим аст, ки ҳар як кӯдак бояд вобаста ба лаёқатмандиҳои худ дар ин ё он гурӯҳ бошад. Ҳатто гурӯҳҳои функсионалӣ набояд якхела бошанд. Лозим аст, ки муошират ва фаъолияти муштарак барои ҳамаи кӯдакон, сарфи назар аз хусусиятҳои инфиродӣ ва инкишофи онҳо имконпазир бошад. Масалан, баъзе шаклҳои таълими муштарак имкон медиҳанд, ки таълими тарафайн тавассути ташкили матбуоти мактабӣ (газета, радио), шурои хонандагон, таҳияи лоиҳа ва ғайра рушд ёбад.

Акнун ба муҳокимаи масъалаи мактабҳои махсус барои хонандагони болаёқат мепардозем. Зарфият дар он аст, ки чунин мактаб набояд «яктаркиба» бошад. Самти фаъолияти чунин мактабҳо дар таълим додани хонандагони лаёқатманд маънои интихоб кардани хонандагони дорои қобилияти якхеларо надорад. Дар байни кӯдакони лаёқатманд парокандагии қобилият нисбат ба хонандагони мактабҳои одӣ баландтар мебошад. Аз ин сабаб, дар мактабе, ки кӯдакони лаёқатманд ҷамъ мешаванд, нобаробарии эҳтиёҷоти таълимӣ нисбат ба мактабҳои одӣ боз ҳам бештар хоҳад буд. Чунин мактаб бояд имконияти «суръати гуногуни ҳаракат»-ро дар дохили худ ба роҳ монад. Дар поён як қатор принсипҳое қайд карда шудаанд, ки дар фаъолияти мактабҳо барои хонандагони болаёқат ба онҳо асос ёфта метавонанд.

**Пайдо намудани нуқтаи рушд**. Аз сабаби носозгории инкишоф лаёқат на дар ҳама намудҳои фаъолияту фанҳои таълимӣ зоҳир мешавад. Илова бар ин он метавонад, дар фаъолиятҳои берун аз раванди таълим низ зоҳир гардад. Барои фаъолияти бомуваффақият бо кӯдаки лаёқатманд мактаб бояд ҷиҳатҳои пурқуввати ӯро дарёфта, ба ӯ имкон

диҳад, ки ҷиҳати мазкурро нишон диҳад, лаззати муваффақиятро эҳсос кунад ва ба қобилиятҳои худ бовар дошта бошад. Танҳо ва танҳо дар ҳамин маврид хонанда шавқ пайдо мекунад ва дар ӯ ҳавасмандӣ ташаккул меёбад, ки ин шарти зарурии муваффақият мебошад. Нишон додани ҷиҳатҳои пурқуввати худ на маънои дар чаҳорчӯбаи барномаҳои таълимии мактабӣ маҳдуд шудан, балки маънои пеш рафтан нисбат ба барномаҳои таълимии мактабиро дорад. Инчунин мушкилии татбиқи ин принсип дар он аст, ки нуқтаи рушд метавонад, берун аз барномаи таълимии мактаб, масалан, дар тарҳрезии дастгоҳҳои техникӣ ё театри ҳаваскорон бошад.

**Муайян кардани хусусиятҳои инфиродӣ**. Лаёқат ягон чизи моддӣ нест, ва он наметавонад ба «чашми одӣ» намоён бошад. Усулҳои ошкор кардани он дар боби 2 муфассал баррасӣ карда шудаанд.

**Дарсҳо аз рӯи ҷадвали инфиродӣ**. Мақсади нигоҳ доштани кӯдак дар нуқтаҳои рушди ӯ, имкони суръати пешравии инфиродиро дар фанҳои гуногуни таълимӣ нишон медиҳад. Кӯдак бояд имкони омӯзиши фанҳои риёзӣ, забони модарӣ ё хориҷӣ ва ғайраро на бо кӯдакони дигари ҳамсолаш, балки бо кӯдаконе дошта бошад, ки аз рӯи нишондодҳои донишу маҳорат бо ӯ дар як сатҳ мебошанд,. Дар баробари ин далели нобаробарӣ (диссинхронность) водор менамояд, ки ба ҷадвали таҷрибавии инфиродии «ҷаҳонидан» аз як синфи ба синфи дигар бартарӣ дода шавад: кӯдаки лаёқатманд касе нест, ки бо синну сол калон бошад. Маҳз ҷадвали инфиродӣ дар ҳама гуна ҳолатҳои душвори ташкилӣ зарур мебошад.

**Ҳаҷми хурди гурӯҳҳои омӯзишӣ**. Аз 10 нафар зиёд набудани шумораи хонандагон дар гурӯҳҳо мувофиқи мақсад мебошад. Танҳо дар ин ҳолат метавон ба муносибати воқеии инфиродӣ ноил шуд ва барои хонандагон ҷадвали инфиродӣ фароҳам овард.

**Хонандагонро саросема накардан**. Дар мавзуъҳое, ки хонанда барои дониш омӯхтан душворӣ мекашад, набояд маҷбуркунӣ истифода бурда

шавад. Масалан, ба хотир меорем, ки ҳангоми таҳсил дар литсей барои шоир Пушкин на дар ҳама ҳолатҳо дарси риёзӣ осон буд. Агар ба ӯ ба ҷои хондану навиштани шеър аз рӯи барномаи мукаммал алгебраро омӯхтан лозим мешуд, чӣ ҳолат рӯй медод? Пешгӯӣ кардан осон аст – ба омӯзиш нафрат пайдо мешуд, солҳои хуби ҷавонӣ барбод мерафт ва шояд он шахсияти барҷастае, ки дар мавқеи аввали шеър мебинем, ташаккул намеёфт.

**Кумаки махсус.** Нобаробарии (диссинхронияи) рушд ва шаклҳои пурқуввати он метавонанд бо дигаргуниҳои мушаххасе, ки хоси кӯдакони лаёқатманд мебошанд – вайроншавии хат (дисграфия) ва пастшавии қобилияти омӯзиш (дислексия) ифода ёбанд. Шарти муваффақият дар педагогикаи лаёқатмандӣ расонидани кумак дар мавриди ҷой доштани чунин дигаргуниҳо мебошад. Кумак, ҳам ба таври машғулияти инфиродӣ бо мутахассис ва ҳам бо истифода аз маводҳои махсус дар раванди машғулиятҳо расонида мешавад.

**Омода намудани шахсият, на мутахассис**. Мутахассис намудани бармаҳал ба танг гардидани доираи тасаввурот оварда расонида, ҳамзамон ба ташаккули шахсияти комил монеа эҷод менамояд. Махсусан, ин масъала ба вундеркиндҳое дахл дорад, ки онҳо пеш аз як шахси дар ҳақиқат ҳам эҷодкор ба воя расидан, дар бисёр мавридҳо “месӯзанд”. Илова бар ин мураккабии мушкилоти иловагии вундеркиндҳо дар он аст, ки мукаммал гардидани кӯдакон, нисбат ба дастовардҳои калонсолон аз ҳисоби сохтори қобилиятҳои дигар ба амал меояд. Аз ин сабаб доираи фаъолияти касбии оянда набояд хеле барвақт муайян карда шавад.

**Тарбияи хусусиятҳои роҳбарӣ.** Одамони эҷодкор, одатан, доираи фаъолияти худро мустақилона, бе назардошти андешаи дигарон интихоб карда, мунтазам рушд мекунанд. Ба ин, аз ҷумла, нақшаи хуби таълимӣ, ки на танҳо барои дониш додан, балки барои инкишофи «қобилияти фикр кардан» пешбинӣ шудааст, мусоидат мекунад.

**Барномаҳои таълимӣ, ки барои эҷодкорӣ фазоро мусоид мекунанд**. Барномаҳо барои кӯдакони лаёқатманд бояд барои кори мустақилона ва баррасии масъалаҳои мураккаби ҷаҳонбинӣ имконият фароҳам оранд. Дар ин бора дар зер муфассалтар сухан хоҳад рафт.

**Ташкили машғулиятҳои «синфи озод».** Ин намуди фаъолият барои гурӯҳҳои хурд қобили қабул буда, дар рафти он кӯдакон метавонанд, озодона дар дохили синфхона ҳаракат кунанд, ба гурӯҳҳои ҷудо шуда, ба машғулиятҳои гуногун банд шаванд ва то ҳадди имкон озод бошанд. Кӯдакони лаёқатманд зимни ташкили дурусти раванди таълим ҳавасмандии зиёд маърифатӣ касб карда, ҳангоми дарс аз чораҳои маҳдудкунандаи интизомӣ даст мекашанд.

**Усули "ҳамкории эҷодӣ бо хонандагон".** Омӯзгор дар раванди кор бо кӯдакони лаёқатманд набояд барои додани маҷмуи муайяни донишҳо талош варзад, балки бояд ба хонандагон кумак расонад, то онҳо мустақилона хулоса бароварданро аз худ кунанд. Инро метавон образи Суқрот низ ном бурд: омӯзгор бо саволҳои худ барои тавлиди донишҳои нав замина мегузорад. Ин равиш инчунин ба он хотир хос аст, ки муаллим дарҳол меъёри ҷавоби идеалиро муқаррар намекунад ва баҳо намегузорад. Хонандагон байни худ баҳс мекунанд ва якчанд ҷавоб пешниҳод мекунанд [54, 29].

**Семинари умумимактабӣ барои омӯзгорон**. Семинар имкон медиҳад, ки мактаб ҳамчун коллективи одамони хамфикр инкишоф ёбад. Муҳокимаи пешрафти ҳар як хонанда аз фанҳои гуногун ва имкониятҳои ӯ яке аз мақсадҳои баргузории семинар мебошад. Чунин мубоҳиса ба омӯзгорон кумак мекунад, то зеҳни ҳар як донишҷӯро ҳамчун як ҷузъи бисёрҷанба дарк намоянд. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки омӯзгорон бештар ба баҳогузории қобилияти шогирдон аз рӯи шкалаи якченака моил буда, ин усул имкон намедиҳад, ки принсипи муносибати инфиродӣ ба андозаи кофӣ татбиқ гардад.

**Интихоби омӯзгорон.** Интихоби омӯзгорон набояд танҳо аз рӯи салоҳият ва ба роҳ мондани муносибати хос бо хонандагон сурат гирад. Тавре ки дар боло зикр гардид, барои ташаккули қобилиятҳои эҷодии кӯдакон, махсусан муҳим аст, ки дар муҳити онҳо калонсолони эҷодкор, аз ҷумла аз ҳисоби омӯзгорон зиёд бошанд. Барои ташаккули шахсияти эҷодкор дар кӯдак, муошират бо калонсолони эҷодкор новобаста ба сатҳи салоҳияти онҳо муҳим аст, аз ин рӯ дар интихоби омӯзгорон эҷодӣ будани номзадҳо низ бояд ба эътибор гирифта шавад.

**Кор бо волидон**. Ба волидайн дар бораи фарзандонашон, ҷиҳатҳои мусбат ва манфии онҳо ва дурнамои рушди кӯдакон бояд маълумот дода шавад.

**Ташаккули муносибатҳои дуруст дар байни хонандагон**. Муносибатҳои “пешсафӣ” ва рақобат набояд ба шаклҳои хашмгинонаи рафтори хонандагон мубаддал шаванд. Ҳама гуна бадрафториҳои шифоҳӣ ё ҷисмонӣ бояд қатъиян манъ карда шаванд.

**Кумаки психологии инфиродӣ**. Ҳатто дар сурати оқилонатарин усули ташкили раванди таълим, пайдоиши мушкилоти шахсии хонандагони болаёқатро метавон мушоҳида кард. Дар ин ҳолат ба онҳо бояд равоншиноси касбӣ кумак расонад. Дар зер масъалаи кори равоншиноси мактаб бо кӯдаки лаёқатманд муфассалтар баррасӣ карда мешавад.

Маълум аст, ки принсипҳои зикршуда як навъ барномаи максимумро ташкил медиҳанд, ки онро пурра иҷро намудан саҳлу осон нест. Аммо таҷрибаи татбиқи чунин барнома, масалан, дар Мактаби Байналмилалии Кайдемуир (Шотландия) муваффақ будани онро нишон медиҳад. Ҳатто дар сурати қисман ба амал баровардани ин принсипҳо низ натиҷаҳои мусбат ба даст овардан мумкин аст [36, 433-456].

**Барномаҳои таълимӣ барои кӯдакони лаёқатманд.** Сарлавҳаи ин бахшро ба таври зайл низ метавон ном бурд: барномаҳои таълимӣ барои кӯдакони лаёқатманд аз барномаҳои таълимии муқаррарӣ чӣ гуна бояд

фарқ кунанд? Албатта, ҳар касе, ки ба таълим машғул аст, дарк мекунад, ки таълими кӯдакони болаёқат бояд ба таври махсус сурат гирад, то ба талаботи муҳимтарини кӯдакони лаёқатманд ҷавобгӯ бошад. Бо вуҷуди ин роҳ ва усули татбиқи ин идеяро танҳо шумораи ками кормандони соҳа медонанд, аз ин рӯ, яке аз тамоюлҳои мушоҳидашуда дар барномаҳои замонавӣ барои афроди боистеъдод ҷамъоварӣ ва барои омӯзиш пешниҳод кардани фанҳои экзотикӣ мебошад, ки ба барномаи таълимӣ дохил нашудаанд. Гумон меравад, ки мураттибони ин гуна барномаҳо дар бораи зарурат ва эҳтиёҷоти маърифатию аффективии кӯдакони лаёкатманд ва неруи онҳо фикр намекунанд.

Ҳангоми таҳияи барномаҳои таълимӣ бояд ба муқаррарот дар асоси хусусиятҳои умумии хонандагони лаёқатманд такя карда шавад. Хусусиятҳои умумии кӯдакони болаёқат инҳоянд: қобилияти зуд дарк кардани маънои принсипҳо, консепсияҳо ва муқаррарот. Чунин лаёқат доираи васеи мавзуъҳо ва маводҳои таълимиро талаб мекунад. Инчунин равиши байнисоҳавӣ барои омӯзиши мушкилоте, ки тавассути илмҳои гуногун омӯхта мешаванд, шароити хуб фароҳам меорад.

**Зарурати таваҷҷуҳ ба ҷанбаҳои манфиатдори масъала ва дарки амиқи онҳо.** Ин эҳтиёҷот дар раванди таълими анъанавӣ хеле кам қонеъ карда мешаванд. Ба ин хотир ба онҳо имкон додан лозим аст, ки дар барномаҳои махсуси омӯзишӣ тавассути кори мустақилона, супоришҳои кушод (яъне он масъалаҳое, ки на як, балки якчанд равишҳо ва роҳҳои ҳалли имконпазир доранд) ва ташаккул додани малакаҳои зарурии таҳқиқотӣ ин талаботро қонеъ гардонанд.

**Қобилияти дарк кардан, фикр кардан дар бораи масоили даркшуда ва шарҳ додани онҳо.** Инкишофи мақсадноки равандҳои олии маърифатӣ дар барномаҳои махсуси таълимӣ ин қобилиятҳоро ба зинаи сифатан нав бароварда, мушкилоти такрори беохири масъалаҳои барои кӯдакони болаёқат аёнро рафъ мекунад.

**Ташвиш ва изтироб дар робита бо фарқияти кӯдакони болаёқат аз дигар кӯдакон**. Ворид намудани ҷузъи аффективӣ ба барномаи таълимӣ ба кӯдак имкон медиҳад, ки худ ва дигаронро беҳтар дарк кунад, тарзи баён кардани худ ва таҷрибаи худро омӯзад ва худ ва дигаронро дарк намояд.

Дар ин асос барномаҳои таълимӣ барои хонандагони болаёқат бояд аз ҷиҳати мазмун, ҷараён, натиҷаи дилхоҳ ва муҳити таълим аз барномаҳои муқаррарӣ бо хусусиятҳои зерин фарқ кунанд:

- ба муҳтавои барнома саволҳо, мавзуъҳо ё масъалаҳое, ки омӯзиши онҳо равиши байнисоҳавиро талаб мекунад, ворид карда шаванд;

- омӯзиши амиқи масъалаҳоеро, ки худи донишҷӯён интихоб мекунанд, пайваста ба барнома дохил бояд кард;

- ба ташаккули маҳорати мустақилона кор кардан, яъне маҳорати «дониш омӯз!» диққати махсус бояд дод;

- дар омӯзиш, пеш аз ҳама, ба рушди тафаккури абстрактии истеҳсолӣ ва равандҳои олии зеҳнӣ диққат бояд дод;

- супоришҳои навъи кушодаро бояд зиёдтар ҷо намуд;

- рушди малакаҳои таҳқиқотӣ ногузиранд;

- зарурати ташаккули малака ва малакаҳои ибтидоиро дар баробари амалиётҳои олии равонӣ бояд дар хотир дошт;

- дастгирӣ кардани натиҷаҳое, ки ақидаҳои мавҷударо зери шубҳа мегузоранд ва ғояҳои навро ба бор меоранд;

- дастгирии истифодаи шаклҳои гуногуни пешниҳод ва татбиқи ҳаётии натиҷаҳои кор;

- ташвиқ намудани талош барои дарки худ, эътирофи қобилият, монандӣ ва тафовут аз дигарон;

- баҳодиҳии натиҷаҳои кор дар асоси меъёрҳои мушаххаси марбут ба як соҳаи мушаххас [148, 32-39].

Зимни тартиб додани дилхоҳ барнома ва нақшаи дарси алоҳида бояд дар хотир дошт, ки инкишофи қобилиятҳо ҳангоми истифодаи усулҳои фаъоли таълим – мубоҳисаҳои гурӯҳӣ, ҳуҷуми фикрӣ, нақшофарӣ, лоиҳаҳои гурӯҳӣ ва фардӣ самараноктар мебошад.

**Барномаи таълимиро чӣ тавр арзёбӣ кардан ва такмил додан имконпазир аст?** Арзёбии рушди хонандагон ва арзёбии самаранокии барномаи таълимӣ ҷузъҳои муҳимми ҳама гуна омӯзиш мебошанд. Арзёбӣ бояд қисми ҷудонашаванда ва давомдори тамоми раванди таҳия ва пешниҳоди барномаи таълимӣ бошад. Ҳар як қадами ин раванд бояд бодиққат таҳлил карда шавад, зеро донистан муҳим аст, ки чӣ гуна иттилоотро бояд ҷамъоварӣ, ташкил ва арзёбӣ кард.

Чаро барномаро арзёбӣ кардан лозим аст? Якум, дар даҳсолаи охир ҷорӣ намудани навгониҳои гуногун хеле сода гардид. Бисёр омӯзгорон аз назорати қатъии шуъбаҳои маориф озод шуда, ба тартиб додан ва ҷорӣ намудани барномаҳои таълимии худ шуруъ карданд. Аксар вақт чунин барномаҳо, махсусан барои хонандагони болаёқат таҳия карда мешаванд. Дар бисёрии онҳо шаклҳои ҷолиби таълим ва маълумотҳои шавқовар ҷойгир шудаанд. Мутаассифона, таъсири онҳо ба рушди хонандагони болаёқат метавонад ба сифр баробар бошад – онҳо метавонанд маълумоти зиёдатиро ба хонанда «бор кунанд», зеро на ҳамаи ин барномаҳо дар асоси донишҳои хусусиятҳои кӯдакони лаёқатманд ва ниёзҳои воқеии онҳо тартиб дода шудаанд. Ба ин нигоҳ накарда ҳатто дар чунин барномаҳо хонандагони болаёқат метавонанд, натиҷаҳои хеле баланд нишон диҳанд. Аммо омӯзгор бояд пайваста ба худ саволҳо диҳад ва ба онҳо ҷавоби объективӣ ҷӯяд: “Дар ин барнома чӣ чиз ба дастовардҳои намоёни хонандагон мусоидат кард? Оё ин дастовард, воқеан, натиҷаи татбиқи барнома аст ё танҳо нишони лаёқатманд будани кӯдак? Барнома кадом ҷиҳатҳои кӯдакро инкишоф медиҳад?”

Дуюм, аксар вақт баҳодиҳии мунтазам барои фаҳмидани ҷиҳатҳои манфӣ ва мусбати барнома ва такмил додани он кумак мекунад. Он метавонад ба омӯзгор эътимоди диҳад, ки ӯ дар таълим роҳи дурустро интихоб кардааст.

Сеюм, баҳодиҳӣ ба ҳадафи фардикунонии таълим хизмат мекунад. Ниҳоят, кӯдакони лаёқатманд мисли дигар ҳамсолони худ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Як ҷавоби ғайриқаноатбахш дар қатори чандин ҷавоби қаноатбахш метавонад нишон диҳад, ки омӯзгор ин ё он хусусияти мушаххаси кӯдакро муайян карда натавонист. Ба чунин хусусиятҳо дохил шуда метавонанд: дигар соҳаи таваҷҷуҳ, майли ташаккулёфта ба намудҳои муайяни кор, услуби маърифатии хос, услуби омӯзиш, зарурати баррасии васеътар ва глобалии мушкилот ва ғайра. Баъзан чунин арзёбӣ метавонад барои ошкор кардани мушкилоти то ҳол ошкорнагардиида дар раванди таълим бо сабаби дислексия, дисграфия ва дигар ихтилоли рушди равонӣ кумак кунад.

Дастрасӣ ба доираи васеи алтернативҳои таълим дар мактаб саволҳои зиёдеро ба миён меорад, ки ба онҳо тавассути арзёбии мунтазами барномаи таълимӣ ҷавоб додан мумкин аст. Чун қоида, чунин саволҳо низ ба миён меоянд: оё китобҳои алоҳидаи дарсӣ, маводи таълимӣ, техникаи педагогӣ, ташкил ва идоракунии барнома ба мақсадҳои гузошташуда ба ҳамдигар мувофиқат мекунанд?

Бояд қайд кард, ки таълим на танҳо ба рушди соҳаи маърифатнокӣ таъсир мерасонад ва на танҳо ин соҳа бояд баҳогузорӣ карда шавад. Агар, масалан, яке аз вазифаҳои барнома шинос намудани хонандагон бо доираи васеи ғояҳо, мавзуъҳо ва соҳаҳое бошад, ки ба аҳдофи асосии таълим ворид намегарданд, пас, саволҳо ва шкалаҳоро барои баҳодиҳии ҳам ҷузъҳои маърифатӣ ва ҳам ҷузъҳои аффективӣ ворид кардан лозим аст [2, 82]. Аз ҳама охир муайян карда мешавад, ки кӯдакони лаёқатманд ҳангоми кор бо маводи пешниҳодшуда чӣ эҳсосотеро аз сар мегузаронанд, ин ба онҳо дар робита ба пайдоиши нақшаҳо, ғояҳои нав

ва хоҳиши идома додани омӯзиши мустақилона чӣ гуна таъсир расонд? Назорати таъхирнопазири ин раванд метавонад фоидаи калон дошта бошад.

Дар ин ҷо мо яке аз намунаҳои имконпазиреро пешниҳод менамоем, ки барои арзёбии муаррифии ҷузъҳои асосӣ дар барномаҳои таълимӣ барои кӯдакони лаёқатманд кумак мекунад.

## АРЗЁБИИ ҶУЗЪҲОИ АСОСИИ БАРНОМА

*Ҳар як ҷузъи барномаро аз 5 то 1 баҳогузорӣ кунед (5 баландтарин ва 1 пасттарин баҳо аст). Шарҳ диҳед ё баҳодиҳии худро асоснок кунед.*

1.Тамаркуз дар мундариҷа ба мафҳумҳо, мавзуъҳо, мушкилот.

________________________________________________

________________________________________________

2. Равиши байнисоҳавӣ ё таҳқиқотӣ.

________________________________________________

3. Кори мустақилона, омӯзиши амиқи мавзуъ, кор бо лоиҳа.

________________________________________________

________________________________________________

4. Омӯзиши малакаҳои таҳқиқотӣ, малакаҳои тафаккури эҷодӣ ва интиқодӣ; қобилияти кор кардан бо адабиёт.

________________________________________________

________________________________________________

5. Сатҳи мураккабтари мундариҷа, суръати бештари омӯзиш.

________________________________________________

________________________________________________

6. Рушди иҷтимоӣ – эҳсосӣ.

________________________________________________

________________________________________________

Худи хонандагон қодиранд ҳам дар бораи арзёбии умумии барнома ва ҳам дар бораи такмили унсурҳои алоҳидаи он маълумоти муфид пешниҳод кунанд. Муроҷиат ба онҳо ба рушди инъикос дар вазъияти воқеии ҳаёт мусоидат мекунад ва ҳисси иштирок дар ҳаёти мактаб ташаккул меёбад. Яке аз шаклҳои имконпазири арзёбии барнома аз ҷониби донишҷӯён дар зер оварда мешавад.

АРЗЁБИИ ИШТИРОКИ ХОНАНДАГОН ДАР БАРНОМА
АЗ ҶОНИБИ ХУДИ ОНҲО

1. Соли ҷорӣ дар кадом барнома иштирок кардед?

2. Машғулиятҳо дар ин барнома ба Шумо писанд омаданд?

Ниҳоят____Бале____Каме____Не____Умуман не ___

3. Се чизеро ном баред, ки аз барномаи имсола бештар ба Шумо писанд омад.

1)________________________________________

2)________________________________________

3)________________________________________

4. Се чизеро ном баред, ки дар барномаи имсола ба Шумо писанд наомад.

1)________________________________________

2)________________________________________

3)________________________________________

5. Ба фикри Шумо, аз ҳама кори хубатон дар барномаи имсола чӣ буд?

_____________________________________________

_____________________________________________

6. Кори худро дар барнома чи тавр метавонистӣ беҳтар кунӣ?

_____________________________________________

_____________________________________________

7. Агар соли оянда низ бо ҳамин барнома кор кунед, кадом амалатонро тағйир медиҳед?

_____________________________________________

_____________________________________________

8. Кори барномаро чӣ тавр беҳтар кардан мумкин аст?

_____________________________________________

_____________________________________________

9. Аз рӯи шкалаи 10-хола (холи баландтарин – 10) ба кори мустақилонаи худат чанд мегузорӣ? Баҳои мувофиқро интихоб намо.

1 2 3 4 5 6 7 8 9 10

10. Боз чӣ гуфтаниҳо доред?

**Фардикунонии таълим барои кӯдакони лаёқатманд.** Дар ҷомеа

аллакай тасаввурот дар бораи кӯдаки лаёқатманд ташаккул ёфтааст. Ин тасаввурот дорои хусусиятҳои умумӣ буда, сифатҳои ба назар мутақобилан истиснокунанда як тараф истад, ҳатто аксар вақт хусусиятҳои инфиродиро дар бар намегирад. Чунин ақидаро метавон хатарнок гуфт, зеро он атрофиёнро водор намекунад, ки ба ҳар як хонанда таваҷҷуҳ кунанд. Кӯдакони лаёқатманд чи аз рӯи доираи қобилият ва чи аз рӯи хислатҳои шахсӣ ба ҳамдигар монанд нестанд. Ин тафовутҳо бояд дар нақшаҳои таълимӣ ба назар гирифта шаванд. Барномаи тағйирпазир фарқиятро дар сатҳи рушди равандҳои маърифатӣ, малакаҳои муайян ва афзалият ба услуби корӣ эътироф мекунад. Саволномаи мазкур барои муайян кардани услуби афзалиятнок дар кори таълимӣ кумак мекунад.

ШАРОИТИ АФЗАЛИЯТНОКИ КОР

Саволнома барои хонандаи:

Насаб________________Муассиса______Синф _____

Санаи пуркунӣ ___________

*Дар рости ҳар як банд баҳои худро гузоред. Кӯшиш кунед, ки интихоби худро шарҳ диҳед. Рақамҳои сутунҳо чунинанд: 1 – он қадар маъқул нест; 2 – маъқул нест; 3 – фарқаш нест; 4 – маъқул аст; 5 – хеле маъқул аст.*

| **Шароити кор** | **1** | **2** | **3** | **4** | **5** | **Эзоҳ** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Танҳо | | | | | | |
| Бо дӯстон | | | | | | |
| Дар гурӯҳҳои хурд | | | | | | |
| Дар як самт бисёр кор кардан | | | | | | |
| Муддати кӯтоҳ кор кардан | | | | | | |
| Дар хона | | | | | | |
| Дар китобхона | | | | | | |
| Дар мактаб | | | | | | |

**<u>Синфи идеалӣ барои ман</u>**

*Агар шумо интихоб медоштед ва метавонистед, ки синфхонаи идеалии худро созед, он чӣ гуна мебуд? Нависед, ки он чӣ тавр ташкил карда мешуд, дар он чӣ гуна таҷҳизот мавҷуд буда метавонист, одамон дар онҷо чӣ тавр рафтор мекарданд, дар он чӣ гуна омӯзгор дарс мегуфт, он ҷо кадом корҳои тарбиявӣ гузаронда мешуданд ва ғайра.*

____________________________________________________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

Бо мурури замон ва касби таҷриба мафҳуми лаёқатмандӣ васеътар мегардад. Лаёқатмандӣ айни замон ҳамчун қобилияти нишон додани дастовардҳои барҷаста, на танҳо дар соҳаҳои таълимӣ, балки дар ҳама гуна соҳаи аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимми фаъолияти инсон муайян карда мешавад, аз ин рӯ, омӯзгор бояд ин доираи васеи зуҳуроти лаёқатмандиро дар хотир дошта, барои рушди он шароит фароҳам оварад. Дар сурати мавҷуд набудани шароити мувофиқ дар мактаб вазифаи омӯзгор аз он иборат аст, ки ҷустуҷӯи ин лаёқатҳо ва роҳҳои рушди онҳоро ба роҳ монад (хонаҳои эҷодӣ, маҳфилҳои табиатшиносони ҷавон ва эҷодиёти техникӣ, клубҳо, мактабҳои варзишӣ).

Як гурӯҳи кӯдакони лаёқатманд “қисми махсусан осебпазир” маҳсуб мегарданд. Инҳо кӯдаконе мебошанд, ки ниҳоят лаёқатманданд. Онҳо асосан тариқи санҷишҳои зеҳнӣ муайян карда мешаванд ва шумораашон ниҳоят кам аст. Онҳо аз рӯи бисёр нишондиҳандаҳои маърифатӣ ва эмотсионалӣ аз «хонандагони лаёқатманди муқаррарӣ «хеле фарқ мекунанд. Ба ин гурӯҳ киҳо дохил мешаванд? Одатан, инҳо хонандагоне мебошанд, ки коэффитсиенти зеҳнии онҳо (IQ) 160-200 холро ташкил медиҳад. Дар баъзе таҳқиқотҳо пешниҳод карда мешавад, ки онҳоеро, ки IQ-ашон > 160-179 аст, ба гурӯҳи кӯдакони махсусан болаёқат ва онҳое, ки IQ-ашон – 180 ва болотар аз он мебошад, ба гурӯҳи хонандагони болаёқат дохил карда шаванд [3, 125-129].

Ин тоифаи кӯдакони лаёқатмандро бо таассуф метавон ҳамчун кӯдаконӣ “истисноӣ” (ё “махсусан”) боистеъдод унвон кард. Мушкили асосии ин кӯдакон рад шудани онҳо аз ҷониби ҳамсолонашон ва аксар омӯзгорон мебошад. Тавре ки дар боби 1 баррасӣ шудааст, дар сатҳи IQ аз 160 боло, фарқи байни кӯдакони боистеъдод ва ҳамсолони онҳо он қадар бузург аст, ки ин тафовут ба мушкилоти мушаххаси рушд оварда мерасонад (зеро маҳдудияти иҷтимоӣ ба бор меорад).

Равоншиносон инчунин аз мушкилоти вобаста ба синну сол ҳушдор медиҳанд: нобиғаи калонсол мустақил аст ва метавонад муҳити мувофиқеро пайдо кунад, аммо кӯдак дар ҷустуҷӯи худ ва муҳити худ вобаста ва заиф аст. Бо коэффитсиенти 180 хол кӯдаки шашсола қариб бо кӯдаки муқаррарии 11-сола ва дар 11-солагӣ бо хатмкунандаи мактаби миёна қариб баробар аст. Чунин кӯдак бо мушкилтарин масъала – мутобиқшавӣ ба муҳити зист рӯбарӯ мешавад. Ҷавонони махсусан лаёқатманд бо хатари аз ҷиҳати иҷтимоӣ дур шудан ва рад шудан аз ҷониби ҳамсолони худ мувоҷеҳанд [48, 4-10].

Бояд тазаккур дод, ки ин хатар вақте ба вуҷуд меояд, ки сатҳи воқеии қобилияти кӯдакони дорои сатҳи махсуси лаёқат аз ҷониби дигарон дарк нагардида, раванди муътадили инкишофи ин қабил кӯдакон барои атрофиён ҳамчун қобилияти ғайримуқаррарии зиндагӣ дар ҷомеа дониста мешавад.

Хусусиятҳои маъмултарини чунин кӯдакон инҳо мебошанд:

- мушкилот дар пайдо кардани дӯстони ҳамфикр;
- мушкилот зимни иштирок дар бозиҳо ва фароғат бо ҳамсолон;
- мушкилоти мутобиқшавӣ, яъне кӯшиши мутобиқ шудан дар ҷомеа, ба дигарон монанд шудан, рад кардани шахсияти худ;
- душвориҳо дар мактаб, ки дар он ҷо ҳавасмандкунии рушди зеҳнӣ вуҷуд надорад;
- шавқу мароқи хеле барвақт ба масоили коинот ва сарнавишт.

Як қатор таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки омӯзгорон аксар вақт хонандагони махсусан лаёқатмандро эътироф намекунанд ва ба қобилият ва дастовардҳои онҳо баҳои манфӣ медиҳанд. Бунбасти иҷтимоии чунин кӯдакон на натиҷаи ихтилоли эмотсионалӣ, балки натиҷаи шароитест, ки кӯдак дар муҳити барояш носозгор аст. Кӯдакони лаёқатманд ба дӯстони на аз рӯи синну сол, балки аз рӯи ақл мувофиқ ба худ ниёз доранд, аз ин рӯ ҳангоми таълим додани онҳо танҳо ғанисозии барномаи таълим кифоя нест. Суръатбахшии куллӣ, аз ҷумла аз як синф ба синфи дигари чанд зина боло гузаронидани ин қабил кӯдакон, ё бурдан ба мактабҳои махсус бо барномаҳои махсуси таълимӣ роҳи ҳал буда метавонанд.

## Хулосаҳои боби I

Дар хотима бояд таъкид кард, ки кори омӯзгор бо кӯдакони лаёқатманд – муайянкунии ибтидоӣ, интихоби шаклҳои таълим, таҳияи нақшаҳои таълимӣ, баҳогузорӣ ва фардикунонии барномаи таълимӣ раванди мураккаб ва беохир мебошад. Он аз омӯзгорону маъмурият, пеш аз ҳама, дониши хубро дар соҳаи психологияи кӯдакони лаёқатманд ва тарбияи онҳо, ҳамкории доимиро бо равоншиносон, дигар омӯзгорон, волидони кӯдакони болаёқат талаб мекунад. Кор бо кӯдакони лаёқатманд такмили пайвастаи донишу маҳорати омӯзгор ва тағйирпазирии барномаи таълимиро талаб мекунад. Оё шумо ба ин омодаед? Ба худ ҷавоби дуруст диҳед ва дар асоси ҷавобатон қарор қабул кунед.

**Хадамоти психологии мактаб ва кӯдакони лаёқатманд**

Кори равоншиноси мактаб, пеш аз ҳама, бо кӯдакон ва наврасони «мушкилдор» – онҳое, ки худашон дар омӯзиш ва рафтор мушкилоти иҷтимоӣ ва равониро аз сар мегузаронанд ё онҳоро барои дигарон эҷод мекунанд, алоқаманд аст. Кӯдаконе, ки аз ҷиҳати педагогӣ муваффақанд, вале аз ҷиҳати равонӣ номувофиқанд, камтар мадди назар қарор доранд. Ниҳоят, омӯзгорон, маъмурияти мактабҳо ва ҳатто худи равоншиносони мактаб фаъолияти касбии худро бо хонандагони болаёқат алоқаманд медонанд. Мутаассифона, муроҷиат ба ин кӯдакон бештар дар заминаи мушкилоти аллакай ташаккулёфта ва ифодаёфтаи чунин кӯдак ё наврас сурат мегирад.

Дар зер мо дида мебароем, ки психологи мактаб имрӯз дар робита бо дарки вазифаҳо ва мушкилоти мубрами кӯдакони лаёқатманд ва ташкили кори воқеии амалӣ бо онҳо дар ҳолатҳои гуногуни иҷтимоию педагогӣ ва шароити гуногун: ҳангоми таълим додани чунин кӯдак дар муассисаҳоии таълимии умумӣ ва муассисаҳое, ки ба кор бо кӯдакону наврасони лаёқатманд нигаронида шудааст, чӣ кор карда метавонанд.

***Вазъияти якум: кӯдаки болаёқат дар муассисаи таҳсилоти умумӣ***

Бо истеъдоди кӯдак дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ равоншинос, одатан, дар ду ҳолат вомехӯрад: истеъдоди «манфиатбор» ва истеъдод ҳамчун мушкилоти кӯдак ва (ё) одамони гирду атроф. Истеъдод метавонад, ба таври органикӣ ба ҳаёт мувофиқат кунад ва боиси бисёр зиддиятҳои мураккаби иҷтимоӣ-психологӣ ва дохилишахсӣ шавад. Дар аввал мо дар бораи истеъдоди муваффақ сухан меронем, сипас – ҳамчун мушкилот.

**Истеъдоди “муваффақ”**

Хонанда бо истеъдоди «муваффақ» дар назди равоншиноси муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ чӣ гуна зоҳир мешавад? Вай хислатҳои худро дар сатҳи дастраси синну солаш медонад, онҳоро дар худ қабул мекунад, дар раванди рушд ва худшиносии худ ба онҳо такя мекунад. Хислатҳое, ки табиат ба ӯ додааст, боиси эҳтироми ӯ мебошанд, аммо ин ба муносибати ӯ ба одамоне, ки мисли ӯ болаёқат нестанд, таъсири манфӣ намерасонад. Дар оилааш «эрка» нест, вале дар баробари ин барои наздиконаш мушкили ҷиддӣ эҷод намекунад. Новобаста ба лаёқатмандӣ ё бо вуҷуди лаёқатмандӣ чунин хонандагон бо одамони атроф – ҳамсолон, ё калонсолон, муносибатҳои баробарҳуқуқ ба роҳ мемонанд. Вай метавонад ба имкониятҳои таълимие, ки ба ӯ дода шудааст, мутобиқ шавад, аз онҳо барои худ ҳадди аксар фоида гирифта, фаъолона пеш меравад.

Ин ҳолат қариб ки идеалӣ мебошад, аммо дар таҷриба равоншиносони мактаб бо вазъияти хуби рушди бомуваффақияти кӯдаки лаёқатманд дар мактаби умумӣ хеле кам дучор мешаванд. Вазъияти шаклгирифтаи кӯдаки синни мактабӣ, пеш аз ҳама, аз падару модар, ки усули тарбия ва муоширатро барои ӯ интихоб карда буданд, инчунин калонсолоне, ки дар синни томактабӣ дар иҳотаи кӯдак қарор доштанд, вобаста аст. Ҳамзамон вазъият метавонад ба худи кӯдак ва хусусиятҳои нейро-динамикии организм, ки ҳам фаъолияти физикӣ ва ҳам фаъолияти

мураттаби зеҳнии ӯро шакл дода, ба фишорҳо тобовар сохтааст, вобаста бошад.

Дар вазъияти баёншуда кори равоншиноси мактаб аз чӣ иборат метавонад? Дар ин шароит кори равоншиносро метавон ҳамчун дастгирӣ ва ҳамоҳангсозии психопрофилактикӣ тавсиф кард.

Дар кор бо омӯзгорон ва волидони кӯдаки лаёқатманд самтҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. **Назорат аз болои сарбории руҳию ҷисмонии хонанда**, ки натиҷаи кор ва талаботи омӯзгорон ва падару модарон мебошад. Зоҳиран кӯдакони лаёқатманд аксар вақт ба сарбориҳои изофӣ хеле тобоваранд ва дар ин шароит калонсолон мехоҳанд, ки доираи дониш, маҳорат ва ғояҳои ӯ ҳарчи зудтар васеътар шавад. Бояд донист, ки дар чунин шароит сарбории изофа барои ӯ мисли дигар мактаббачаҳо хатарнок аст.

2. **Кори машваратӣ ва маърифатӣ бо калонсолон**, ки вазифаҳои зиёд дорад. Айни замон сетои ин вазифаҳоро таъкид мекунем. Якум, хеле муҳим аст, ки калонсолон ба хотири қобилиятҳои кӯдак манфиатҳои дигар ва эҳтиёҷоти синнусолии ӯро сарфи назар накунанд ва дар хотир гиранд, ки кӯдаки лаёқатманд “мошина”-и пурмаҳсул нест ва мисли дигар кӯдакон талаботи худро дорад. Аз ин лиҳоз равоншиносро зарур аст, ки аз манфиатҳои кӯдак ҷонибдорӣ кунад ва ӯро ҳамчун шахсе, ки ниёзҳои зиёд, ҳавасҳо ва завқу шавқ дорад, ҳимоя намояд, ҳатто агар талаботи асосии кӯдак ба рушди лаёқатҳои табии ӯ монеа шаванд. Сонияи, чунон ки дар боло гуфта шуд, калонсолон бояд барои инкишофи интегралии кӯдак, аз ҷумла ҷиҳатҳои психикӣ ва «ман»-и ӯ, ки то ҳол равшан зуҳур накардааст, талош кунанд. Ҷолиб аст, ки ин мулоҳизаҳои одиро волидони кӯдакони одӣ ҳамеша ба осонӣ қабул мекунанд, вале аксаран волидони кӯдакони болаёқат бо ин мулоҳизаҳо ихтилофи назар доранд. Ниҳоят, сеюм, кумаки машваратии равоншиноси мактаб ба ташаккул додани услуби муошırати муассир бо

кӯдаки лаёқатманд, баҳодиҳии мувофиқ ба амалҳои ӯ, дарки зуҳуроти рафтори ӯ аз ҷониби омӯзгорон ва падару модарон нигаронида шудааст. Ин мушкилот замоне мубрам мегарданд, ки калонсолон чунин кӯдакро нохудогоҳ бо ҳамсолонаш муқоиса мекунанд, фарқиятҳои ӯро мебинанд, аммо на ҳамеша дарк мекунанд, ки кӯдак ҳуқуқ дорад мисли дигарон набошад (аз дигарон фарқ кунад).

**Кумаки методӣ ба омӯзгорон дар таҳия ва татбиқи барномаи инфиродии таълими кӯдаки болаёқат.** Гуфтан мумкин нест, ки имрӯз худи равоншиноси мактаб дар бораи ташкили раванди таълиму тарбияи кӯдакони болаёқат бо донишҳои кофии технологӣ муҷаҳҳаз аст. Бо вуҷуди ин кумаки ӯ метавонад барои омӯзгор муфид бошад. Равоншинос бо ёрии ташхис ва мушоҳидаи кӯдак метавонад ҷиҳатҳои қавитарини фаъолияти маърифатии хонанда ва шавқу завқи ӯро муайян намояд ва ба ин васила ба омӯзгор дар интихоби мавод ва мазмуни он ёрӣ расонад. Равоншинос метавонад дар таҳияи мантиқи умумии таълими хонандаи болаёқат: пайдарпайии мавзуъҳо, суръати мураккабшавии онҳо ва ғайра иштирок кунад.

***Дар кор бо хонандаи лаёқатманд вазифаҳои зеринро муайян кардан мумкин аст:***

*1.* ***Кори машваратӣ ва таълимӣ бо кӯдак ё наврас, ки ба ташаккули худшиносӣ, васеъ ва амиқ дарк намудани қобилият ва имкониятҳои онҳо нигаронида шудааст.*** Дар ин мавридд мо мехоҳем, аҳаммияти ташаккули муносибати арзишӣ ба худ ва истеъдоди худро дар шахси боистеъдод, дарки маънои арзиши иҷтимоӣ ва шахсии онро таъкид намоем.

*2.* ***Омӯзиши малакаҳо ва маҳоратҳои иҷтимоӣ-психологӣ барои барқарор кардан ва нигоҳ доштани муносибат бо дигарон, дарки эҳсосот ва таҷрибаи худ ва ҳалли ихтилофот.*** Кӯдакон ва наврасони лаёқатманд нисбат ба дигар кӯдакон зимни муошират, ҳамкориҳо бо атрофиён ва эҷоди муносибатҳои наздик ва боваринок ба мушкилоти иҷтимоӣ ва равонӣ дучор мешаванд. На ҳамеша онҳо қобилияти ҳамдардӣ,

фаҳмидани маънои амал ва аксуламалҳои шарикони муоширатро инкишоф медиҳанд, ки ин барои онҳо дар наврасӣ ва калонсолӣ душвориҳои зиёд эҷод мекунад. Омӯзиши иҷтимоӣ-психологӣ, ки аз ҷониби равоншиноси мактаб ба таври инфиродӣ бо як нафар хонанда ё дар шакли гурӯҳӣ ташкил карда мешавад, имкон медиҳад, ки ин мушкилот сари вақт ҳал ё «бартараф» карда шавад.

Кори равоншиноси мактаб бо мактаббачаи боистеъдоди «муваффақ» дар сурате аҳаммияти махсус пайдо мекунад, ки вай дар як сол барномаи якчанд синфро азхуд кунад. Дар ин ҳолат кӯдак таҳсилро на бо ҳамсолон, балки бо хонандагони калонсол идома медиҳад ва дар давоми солҳои таҳсил метавонад, синфашро якчанд маротиба иваз кунад. Мушкилоти иҷтимоию равониеро, ки ӯ дар ин ҳолат дучор мешавад, ягон равоншинос ҳал карда наметавонад. Ин як «сарнавишти махсус»-ест, ки табиат ва волидайн барои ӯ омода кардаанд. Ташаккул додани чунин навъи худшиносӣ, ки ба қабули вазъи зиндагии худ нигаронида шудааст, вазифаи муҳимми равоншиноси мактаб аст.

# БОБИ 2. ТАЪЛИМИ ИЛОВАГӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ РУШДИ ЗЕҲНИИ ХОНАНДАГОНИ БОЛАЁҚАТ

## 2.1. Низоми банақшагирии таълими иловагӣ барои хонандагони болаёқат дар Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе

Масъалаи кӯдакони болаёқат ва хусусиятҳои таълиму тарбияи онҳо аз давраҳои қадим то замони муосир диққати мутафаккирон, олимону муҳаққиқонро ба худ ҷалб менамуд. Имрӯз дар самтҳои мухталифи соҳаҳои равоншиносӣ, психофизиологӣ, психогенетикӣ, ташхисӣ, иҷтимоӣ-равонӣ ин мафҳум бо шаклҳои гуногун мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Дар масъалаи таълиму тарбияи насли наврас афкори халқи тоҷик чун адабиёти классикии он хеле бой аст. Бештари асарҳои олимони барҷастаи адабиёти классикии форсу тоҷик, ки роҷеъ ба масъалаҳои илму маърифат, фазлу адаб, донишу амал – ҳамаи намудҳои тарбия ва фазилатҳои неку бади инсонӣ дахолат намудаанд, шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардаанд. Чунончи, «Тадбири манзил», «Шифо», «Урҷуза фит–тиб», фаслҳои аввали «Ал–қонун-и Ибни Сино «Рӯшноинома» ва «Саодатнома»-и Носири Хисрави Қабодиёнӣ (1004 – 1088), «Бӯстон» ва «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ (1203/8 – 1292), «Баҳористон»-и Абдураҳмони Ҷомӣ (1414 – 1492) ва дигарон [71].

Ҳамчунин дигар шоҳасарҳои хоси парвариши панду ахлоқи ниёгон, аз қабили «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус (1020–1099), «Ахлоқи Носирӣ»-и Насируддини Тӯсӣ, ки соли 1235, «Ахлоқи Ҷалолӣ»-и Ҷалолиддини Давонӣ, ки солҳи 1475, «Ахлоқи Мӯҳсинӣ»-и Ҳусайн Возизи Кошифӣ, ки солҳои 1500 –1501 таълиф ёфтаанд ва ғайраҳо дар тарбияи авлоди кишвар аҳаммияти бузург доранд. Баъзе ин асарҳо дар давоми қарнҳо дар мактабу мадрасаҳо ҳамчун дастури тадрисӣ ва дар хонаводаҳо, ба хусус барои волидайн, ҳамчун воситаи тарбияи кӯдакон

истифода шуда омадаанд. Бояд гуфт ки классикони адабиёти форсу тоҷик ҳамеша ҷамъияти адолатпаноҳу беистисморро орзу мекарданд ва билохира итминон доштанд, ки оқибат дар ҷомеа ақлу хиради инсон ва адолат тантана мекунад.

Аз ҷумла Абуалӣ ибни Сино (980 – 1037 ) оид ба тамоми намудҳои тарбия фикрҳои муфид пешгӯӣ кардааст, ки имрӯз ҳам актуалӣ мебошад. Аз онҳо фақат чанд лаҳзаи марбутро зикр кардан кифоя аст, ки бо гуфтаҳои боло ҳамоҳангӣ доранд.

Ибни Сино тарафдори таълими тафриқа буд. Дар рисолаи «Тадбири манзил» навиштааст: «Устод…бояд бидонад, кӣ наметавонад ба ҳар шогирд ҳар санъатеро таъмин кунад, балки дар кадом аз шогирдон завқу шоистагии омӯхтан ва фаро гирифтани саноати махсусро доранд. Бояд ба ҳар кас муносиби завқу истеъдодаш саноат омӯхт, вагарна таълиму тарбия натиҷаи номатлуб медиҳад» [4, 23].

Мутафаккири бузург ба алайҳи таълими инфиродӣ таълими гурӯҳиро, ки дар замони мо маълум ба таълими коллективист, ташвиқ мекард. Ибни Сино калимаи «синфро» ифода накардааст, вале ифодаи «таълими гурӯҳии» вай маънои «дарси синфии» баъди 700 сол дар Аврупои Ғарбӣ арзи вуҷуд намуда мебошад [4, 37]

Хоҷа Насриддини Тӯсӣ (1218 – 1293) дар «Ахлоқи Носирӣ» фикри Ибни Синоро тақвият дода, «табиати кӯдак ва сиришти ӯро» ба назар гирифта менависад: «Беҳтар ва шоистатар он аст, ки ба табиати кӯдак, назар ва тариқи фаросату зиракии ӯ эътибор диҳанд ва донанд, ки истеъдод чи навъ илму ҳунарро барои ёд гирифтан дар ниҳоди ӯ сиришта бошад, ӯро ба он навъи ҳунар машғул гардонанд, зеро ҳама кас ба ёд гирифтани ҳама чизҳо истеъдод надорад» [9, 115].

Нисбат ба табиат, сиришту ба чи шавқу ҳавас доштани кӯдакон такя намуда таълим доданро дар афкори педагогии дигар классикони адабиёти форсу тоҷик низ бараъло дидан мумкин аст.

Банақшагирии таълими иловагӣ барои хонандагони болаёқат дар муассисаҳои типи нав ҷузъи муҳимми кор бо хонандагони болаёқат буда, низоми он бо назардошти хусусиятҳои хоси муассисаи таълимӣ

(литсей ё гимназия), равияи таълим, сатҳи азхудкунии барномаҳои давлатии таълим аз ҷониби хонандагон, имкониятҳои моддиву техникӣ ва неруи кадрӣ, инчунин модели инкишофи лаёқатмандии интихобнамудаи ҳайати педагогии мактаб ба роҳ монда мешавад.

Тибқи Оинномаи Муассисаи давлатии таълимии "Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе", ки аз ҷониби Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе тасдиқ мегардад ва муҳтавои он бояд ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Раиси шаҳри Душанбе, Низомномаи намунавии Гимназия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи намунавии муассисаҳои таълимӣ барои хонандагони болаёқат, фармоишҳои Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе мутобиқат намояд, Гимназия муассисаи таҳсилоти умумиест, ки хонандагонро аз рӯйи малакаю истеъдод ва майлу рағбаташон ба фанҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ бо омӯзиши амиқи забонҳои хориҷӣ дар асоси озмун интихоб намуда, барномаҳои таълимии таҳсилоти умумии асосӣ ва миёнаи умумиро дар асоси Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ амалӣ намуда, тайёрии иловагии хонандагонро аз рӯи фанҳои равияҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ бо омӯзиши амиқи забонҳои хориҷӣ таъмин менамояд.

Гимназия таълим ва омӯзиши асосҳои фарҳанг, таърих, адабиёт, забонҳои модарӣ ва хориҷиро ба таври васеъ ба роҳ монда, лаёқатмандии хонандагонро рушд медиҳад ва онҳоро бо масъалаҳои умдатарини инсонгароӣ, умумибашарӣ, инчунин аз худ намудани суннатҳои миллӣ ва дарки муҳимтарин муаммоҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ ҷалб менамояд.

Асоси меъёрӣ барои ба роҳ мондани низоми банақшагирии таълими иловагӣ барои хонандагони болаёқат низ дар Ойинномa оварда

шуда, он тавре бояд сохта шавад, ки ҷалби хонандагони болаёқатро барои васеъ, мукаммал ва алоҳида омӯхтани фанҳои равияҳои ҷамъиятӣ, гуманитарӣ бо омӯзиши амиқи забонҳои хориҷӣ, аз худ кардани дастовардҳои навтарини илмию техникӣ, пурра ошноӣ пайдо намудан ба технологияи информатсионӣ ва коммуникатсионӣ, ихтироъкорӣ, омодагӣ ба озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, инчунин дохил гардидан ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ва мамлакатҳои хориҷӣ таъмин намояд.

Чунон ки зикр гардид, зимни банақшагирии таълими иловагӣ дар Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе интихоби модели рушди лаёқатмандӣ омили муҳимми таъмини иҷрои ҳадафҳои муассиса мебошад, зеро афзалияти ин ё он шакл ё модели таълимӣ дар ташаккули шахсият ва рушди зеҳнии хонандагон нақши муҳим дорад. Танҳо он модели таълимие, самарнок ва муваффақ мегардад, ки хусусиятҳои инфиродии ҳар кӯдаки лаёқатмандро бо назардошти синну сол ба инобат гирифта бошад. Ҳамзамон дар интихоби модели самарноки таълимии кор бо хонандагон болаёқат ба инобат гирифтани тахассусмандии омӯзгорон низ мавқеи асосӣ дорад. [50, 149-164].

Таҳлили фаъолияти Муассисаи давлатии таълимии “Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе” нишон медиҳад, ки фаъолият дар самти дастгирӣ ва рушди лаёқатмандии хонандагон дар доираи “модели пурмуҳтаво (ғанӣ)-и рушди лаёқатмандӣ” ба роҳ монда шудааст.

Модели мазкур маънои онро дорад, ки инкишофи қобилиятҳои зеҳнӣ муҳимтарин вазифаи таълим дар зинаи таҳсилоти иловагӣ мебошад, зеро ин раванд тамоми марҳилаҳои ташаккули шахсияти кӯдакро фаро мегирад, ташаббус ва мустақилияти ҳонанда, баёни озоди фикр ва эътимод ба шахсияти ӯро бедор мекунад. Ҳангоми ташаккул додани талабот ва манфиатҳои эҷодӣ, мо аз шаклҳои гуногуни корҳои таълимӣ ва беруназсинфӣ истифода бурда, саъй менамоем, ки дар

ниҳоди кӯдак такрор ба такрор дониш ва малакаҳои андӯхтаро мустаҳкам намоем. Дар Гимназия дарсҳои асосиву иловагӣ ҳамчун шакли асосии таълим ва тарбияи хонандагони болаёқат ба ҳисоб мераванд. Маҳз дар доираи фаъолияти таълимии хонандаи болаёқат, вазифаҳои ташаккул, тафаккур, тахайюл қобилияти таҳлил ва синтези ӯ, пеш аз ҳама, ҳал карда мешаванд. Айни замон, дарсҳо бояд бо фаъолиятҳои гуногун, маводи омӯхташуда ва сабку методи баёни мавзуи нав фарқ намоянд. Ин омил кӯдаконро ба эҷодкорӣ ташвиқ мекунад. Майлу рағбати эҷодӣ дар раванди фаъолияте инкишоф меёбад, ки табиати эҷодӣ дорад. Дар гимназия намудҳои ғайримуқаррарии дарсҳо, усулҳои таълимии гуногун, фаъолияти эҷодии дастҷамъона дар корҳои беруназсинфӣ, ки ба рушди фаъолияти зеҳнии хонандагони болаёқат мусоидат мекунанд, васеъ паҳн шудаанд.

Модели рушди лаёқатмандии хонандагон дар Гимназия ба беҳбуди муҳити таълимие нигаронида шудааст, ки барои рушди лаёқати кӯдакон шароит фароҳам меорад ва ба гузаштани системаи ҳамгироии педагогӣ аз “речаи фаъол” ба “речаи рушд” мусоидат мекунад.

Ҳадафи асосии модели пурмуҳтавои рушди лаёқатмандии хонандагон инъикоси ҳамаҷонибаи раванди инкишофи истеъдоди хонандагони гимназияи бисёрсоҳа дар робитаи мутақобилаи ҷузъҳои мақсаднок, таркибӣ, ташкилӣ ва баҳодиҳӣ-рефлексивӣ мебошад.

Барои ноил гаштан ба ҳадафи модел дар Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе вазифаҳое муайян шудаанд, ки бояд дар раванди ташаккули истеъдоди хонандагони синну соли гуногун иҷро карда шаванд (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1**

**Вазифаҳои рушди лаёқатмандии хонандагони синну соли гуногун дар шароити гимназияи бисёрсоҳа**

| | |
|---|---|
| Мактаби ибтидоӣ | Ғанигардонии захираи донишҳои фаннӣ, мусоидат ба омӯзиши барвақтии забони хориҷӣ, инкишофи тарзу |

| | |
|---|---|
| | усулҳои пурмаҳсули кори таълиму тарбия; |
| | Инкишофи ҳисси кунҷковӣ, ташаккули хоҳиши омӯхтан тавассути машғул шудан ба машғулиятҳои гуногун; |
| | Ташаккули тасаввурот, хусусиятҳои эҷодкорӣ, маърифатӣ, эҳсосӣ-ихтиёрӣ, ахлоқӣ ва эстетикии шахсият; |
| | Тарбияи майлу хоҳиш ба фаъолияти гурӯҳӣ ва коллективӣ; |
| | Ташаккул додани фаъолнокӣ ҷиҳати эҷоди маҳсули зеҳнӣ ва эҷодӣ дар доираи истеъдоди худ. |
| Мактаби асосӣ | Рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва мусоидат ба азхудкунии унсурҳои тафаккури назариявӣ, малакаҳои иттилоотӣ дар соҳаҳои гуногун ва хоҳиши системасозӣ; |
| | Ташаккул додани эҳтиёҷоти фаъоли маърифатии таъминношуда ва хоҳиши татбиқи худ дар навъҳои гуногуни фаъолият; |
| | Рушди майлу хоҳиш ба фаъолияти эҷодӣ, тавлиди ғояҳои инфиродӣ ва қобилияти амалӣ гардондани онҳо, боварии ботинӣ ба худ ва иродаи худ; |
| | Ташаккул додани ҳисси қаноатмандӣ аз муносибат бо субъектҳои муҳити зист (волидон, ҳамсинфон, дӯстон, омӯзгорон ва ғ.); |
| | Мусоидат ба фаъолона нишон додани худ дар соҳаҳои гуногуни фаъолият. |
| Мактаби миёна | Рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва мусоидат ба азхудкунии унсурҳои тафаккури назариявӣ, малакаҳои иттилоотӣ дар соҳаҳои гуногун; |
| | Ташаккул додани эҳтиёҷоти фаъоли маърифатии таъминношуда ва хоҳиши дарки худ дар фаъолиятҳои гуногун; |

| | |
|---|---|
| | Рушди майлу хоҳиш ба фаъолияти эҷодӣ, ба вуҷуд омадани ғояҳои шахсӣ ва қобилияти амалӣ гардондани онҳо, боварии ботинӣ ва иродаи ба мақсад расидан; |
| | Ташаккул додани ҳисси қаноатмандӣ аз муносибатҳо бо субъектҳои муҳити зист; |
| | Мусоидат ба зуҳуроти фаъолонаи худ дар соҳаҳои гуногуни фаъолият. |

Ҳамин тариқ, банақшагирии таълими иловагӣ барои хонандагони болаёқат дар Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе ба иҷрои вазифаҳои дар ҷадвали боло нишондодашуда равона гардида, ба принсипҳои зерин асос ёфтааст:

- **принсипи рушд ва омӯзиши тарбиявӣ**, ки мувофиқи он мақсад, мазмун ва усулҳои таълим ба мустаҳкамгардонӣ ва азхудкунии барномаҳои таълимӣ, инкишофи сифатҳои шахсии хонандагон аз ҳисоби мазмуни таълим дар соатҳои дарсӣ ва баъд аз дарс, инчунин дар системаи таҳсилоти иловагӣ мусоидат мекунанд;

- **принсипи фардикунонӣ ва тафриқавӣ** таҳияи нақшаҳои таълимии инфиродии барномаҳои алоҳида ва фанҳои алоҳидаро дар назар дорад;

- **принсипи ба инобат гирифтани хусусиятҳои синну сол** таҳияи мундариҷаи таълим ва интихоби усулҳои таълими кӯдакони лаёқатманд бо назардошти категорияҳои синну соли гуногунро дар бар мегирад, усулҳои асосии синфҳои 1-4 боваркунонӣ, одат кардан, машқ кардан, ҳавасмандкунӣ мебошанд; дар синфҳои 5–9 – мубоҳиса, ангезиш, муколама, дар синфҳои 10–11 – мушоҳида, полилог, машқ мебошад;

- **принсипи мутобиқати фарҳангӣ** дар модел тавассути мундариҷаи таълим дар соатҳои дарсӣ ва баъд аз соатҳои дарсӣ, системаи таҳсилоти иловагӣ амалӣ гардида, ташаккули шахсияти лаёқатмандро бо фарҳанги умумибашарӣ таъмин менамояд;

- **принсипи гуманизм ва ошкорбаёнии эмотсионалӣ** ба эҳтиром ва муносибати хайрхоҳона нисбат ба хонандагони болаёқат ҳамчун арзиши

олии ҷомеа, фароҳам овардани шароити мусоидтарин барои фаҳмиш ва рефлексиявӣ асос ёфтааст;

- **принсипи фаъолият ва мустақилият (субъективӣ)** дар модел тавассути тавсеаи ташаббуси хонандагони болаёқат дар тамоми марҳилаҳои таълим, аз гузоштани ҳадаф, банақшагирӣ, татбиқи раванди таълимии онҳо то имконияти ҷалби фаъолона дар корҳои гуногун амалӣ карда мешавад;

- **принсипи равиши фаъолият** ҷалби хонандагони гурӯҳҳои гуногуни болаёқатро ба фаъолиятҳои муҳими иҷтимоӣ мувофиқи шавқу завқи онҳо, вақтхушӣ, гузаронидани санҷиши ҳаёт дар асоси амалия ва таҷрибаи фаъолияти мустақилона дар касби махсусро дар назар дорад;

- **принсипи эҷодкорӣ** дар модел тавассути муҳтавои таълим дар давоми соатҳои дарсӣ ва баъд аз дарс, системаи таҳсилоти иловагӣ амалӣ карда мешавад ва дар назар дорад, ки ҳар як хонанда боистеъдод ва беназир аст.

Зимни банақшагирии таълими иловагӣ вазифаҳои зерин дар доираи таҳсилоти иловагӣ муайян карда мешаванд:

- ташхисӣ – муайянкунии доимӣ ва қадам ба қадами зуҳуроти истеъдод ва қобилияти гурӯҳҳои гуногуни хонандагон (бо лаёқатмандии ошкор, бо нишонаҳои лаёқатмандӣ дар намудҳои алоҳидаи фаъолият, лаёқатмандии ошкорношуда);

- таълимӣ – ташаккули салоҳиятҳои асосӣ дар хонандагони Гимназия, ки ба стандарти давлатии таҳсилот мувофиқанд;

- ҳавасмандгардонӣ – майли хонандагонро ба ташаккули хоҳиш, шавқ, ҳавасмандии дохилӣ нисбат ба машғулиятҳои фаъол ва эҷодӣ таъмин мекунад;

- тарбиявӣ – ташаккули минбаъдаи тарбияи арзишҳои инсондӯстонаи хонандагони синфҳои болоии гурӯҳҳои гуногуни истеъдодро дар бар мегирад, ки на танҳо ба рушди қобилиятҳо, балки ба татбиқи онҳо дар ҷомеа равона гардидааст;

- инкишофёбанда – инкишофи падидаҳои нави синну солӣ ва хусусиятҳои психологию педагогиро дар хонандагони дорои нишонаҳои муайяни лаёқатмандӣ дар назар дорад;

- таҳлилӣ ва ислоҳӣ – назорати доимии натиҷаҳои инкишофи истеъдоди хонандагони гурӯҳҳои синну соли гуногун дар гимназия ва сари вақт тағйир додани дастгирии психологию педагогиро дар бар мегирад. Ҳамаи ин функсияҳо дар ҳамгироии зич бо ҳамдигар татбиқ мешаванд.

Дар Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе мундариҷаи таълиму тарбияи хонандагон, ки ба рушди истеъдоди онҳо нигаронида шудааст, дар тамоми зинаҳои таълим бо истифода аз технологияҳои муосири таълимӣ амалӣ карда мешавад. Бо дарназардошти рушди синну соли хонандагон барномаҳои асосии инноватсионии таълимӣ ва курсҳои интихобӣ дар асоси ғанисозӣ, фишурдасозӣ, ҳамгироӣ, фардикунонӣ, тафриқаи мундариҷаи таълим дар соатҳои дарсӣ таҳия ва амалӣ карда мешаванд, ки барномаи таълимро ғанӣ мегардонанд (замимаи 6).

Бо дарназардошти гурӯҳҳои синнусолии инкишофи истеъдоди хонандагон дар модели пурмуҳтаво шаклҳои фаъолияти дарсие татбиқ карда мешаванд, ки ба рушди истеъдоди хонандагон мусоидат мекунанд.

Ҷузъи муҳимми дарсҳои иловагӣ дар Гимназия – рушди истеъдоди хонандагон бо назардошти хусусиятҳои синну соли онҳо берун аз соатҳои дарсӣ мебошад. Ба хулосае омадан мумкин аст, ки дарсҳои иловагӣ, ки ҳадафи онҳо муаррифии ҳамаҷонибаи раванди рушди истеъдоди хонандагони Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе дар робитаи мутақобилаи ҷузъҳои мақсаднок, мундариҷа, фаъолияти ташкилӣ, арзёбӣ-рефлексивӣ мебошад, ба рушди бомуваффақият лаёқатмандии хонандагони муассиса мусоидат мекунанд, зеро:

- ғанӣ гардонидани мундариҷаи таълим, тарбия ва рушди хонандагон, ки дар тамоми зинаҳои таълим дар гимназия бо истифода аз технологияҳои муосири таълимӣ амалӣ карда мешавад, пешбинӣ шудааст;

- барномаҳои асосии инноватсионии таълимӣ ва курсҳои интихобӣ, ки ба ғанӣ гардонидан, фишурдасозӣ, ҳамгироӣ, фардикунонӣ, тафриқаи мазмуни таълим дар соатҳои дарсӣ асос ёфтаанд ва модели рушди истеъдоди хонандагонро ғанӣ мегардонанд, бо назардошти синну сол таҳия ва татбиқ карда мешавад;

- шаклҳои гуногуни фаъолияти омӯзишии хонандагон бо назардошти гурӯҳҳои синнусолӣ барои рушди истеъдоди мактаббачагон татбиқ карда мешавад;

- бо назардошти хусусиятҳои синнусолӣ таҳия кардани мазмуну шаклҳои таълиму тарбияи хонандагон дар вақтҳои машғулиятҳои беруназсинфӣ ба амал бароварда мешавад, ки ин ҷузъи муҳимми фаъолияти Гимназия мебошад.

Муваффақияти татбиқи модели пурмуҳтавои рушди лаёқатмандӣ низ ба мазмуни дастгирии психологию педагогии рушди истеъдоди хонандагон дар Гимназияи бисёрсоҳа вобаста аст.

Аз рӯи самти фаъолият ва бо назардошти шароити мавҷудаи моддию техникӣ Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе механизми пешниҳоднамудаи Е.А Ямбургро пеш гирифтааст, яъне омӯзиши амиқи соҳаҳои алоҳидаи илмро дар шароити таълими иловагӣ таъмин менамояд [151, 151].

Дар баробари ин вобаста ба синну сол, ҳолат ва сатҳи лаёқатмандии хонандагон ва таҷрибаву салоҳиятҳои омӯзгорон дар гурӯҳҳои алоҳида ё зимни муносибати инфиродии хонанда-омӯзгор моделҳои дигари рушди лаёқатмандӣ низ татбиқ мегарданд. Аз таҳқиқотҳои гузаронидашуда хусусиятҳои нотакрор будан ва фардияти хонандагони гурӯҳҳои синну соли гуногунро муайян намуда, модели рушди истеъдодҳое муайян гардид, ки ба рушди минбаъдаи истеъдоди

ошкори мактаббачагон, зуҳури аломатҳои лаёқатмандӣ зимни чорабиниҳои гуногун ва кашфи истеъдодҳои эҳтимолии хонандагон бо назардошти хусусиятҳои нотакрори ҳар як шахсият мусоидат мекунад.

Омӯзиш ва таҳлили шароити психологию педагогӣ, хулосабарорӣ аз таҷрибаи шумораи зиёди муассисаҳои таълимии навъҳои гуногун ва муайян кардани хусусиятҳои рушди истеъдод имкон дод, ки модели пурмуҳтаво ва пурмазмуни рушди лаёқатмандии хонандагон, ҳамгироии дарси тарбиявӣ, корҳои берунаазсинфӣ ва системаи таълими иловагӣ дар Гимназия ҷорӣ карда шавад.

Банақшагирии дарсҳои иловагӣ дар Гимназия ба муносибати мутаносиби «системаи таълим – кӯдаки боистеъдод» асос ёфта, дар баробари ин, таваҷҷуҳ асосан на ба истеъдоди кӯдак, балки ба шахсияти ӯ; на ба мушкилоти калонсолон дар масъалаҳои лаёқатмандии кӯдакон, балки ба худи хонандагони лаёқатманд; на ба раванди ташаккули мақсадноки сифатҳои психологию типологӣ, балки ба худи раванди дастгирии психологию педагогӣ, на ба фароҳам овардани шароит барои рушд ва инкишофи табиии кӯдаки лаёқатманд, балки ба худи ӯ ва лаёқатмандии ӯ равона гардидааст [64, 71-78].

Новобаста ба ин дар Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе ба омӯзгорон ва дигар субъектҳои раванди рушди лаёқатмандӣ, ҳамчун шахсони таъсиррасон ба падидаи лаёқатмандӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад. Субъектҳои кор бо хонандагони болаёқат дар Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе (расми 9):




**Расми 9. Субъектҳои кор бо хонандагони болаёқат дар Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе**

Фаъолтарин субъекти кор бо хонандагони болаёқат, ки дар баробари оила ва ҷомеа ба хонандагон таъсири асосӣ расонида метавонад, **омӯзгори фаннӣ** маҳсуб мегардад. Омӯзгор бо хонанда субъектҳои баробартаъсир ба раванди рушди лаёқатмандӣ буда, иҷрои аксари вазифаҳо дар ин самт ба омӯзгор вогузор гардидааст. Фаъолияти дилхоҳ муассисаи таълимӣ ба сатҳи тахассус ва касбияти омӯзгорон вобастагӣ дорад. Ба Муассисаи давлатии таълимии “Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе” омӯзгорон тариқи озмун ба кор қабул мегарданд. Ба ҳолати декабри соли 2022 дар Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе 69 нафар омӯзгор, аз ҷумла 45 нафар занон дар зинаи дуюм ва сеюми таҳсилот бо тахассусҳои зерин фаъолият мекарданд:

- 35 нафар (50%) бо тахассуси дараҷаи олӣ;
- 13 нафар (19%) бо тахассуси дараҷаи 1-ум;
- 9 нафар (13%) бо тахассуси дараҷаи 2-юм;
- 12 нафар (18%) дараҷаи тахассуси умумӣ

Дар баробари ин дар Гимназия 6 нафар мутахассиси ҷавон фаъолият менамуданд, ки ба омӯзгорони соҳибтаҷриба вобаста карда шуданд. Фаъолияти мутахассисони ҷавон зери назорати ҳамешагии мутасаддиён қарор дошта, ба онҳо пайваста ёрии методӣ расонида мешавад.

Аз шумораи умумии омӯзгорон 21 нафар дорои унвони Аълочии маорифи Тоҷикистон мебошанд. Инчунин 6 нафар омӯзгор ба корҳои илмӣ ва таҳқиқотӣ машғул буда, ба ҳайси аспирант ва ё унвонҷӯ дар муассисаҳои таълимии баъдидипломӣ идомаи таҳсил намуда, ба омӯзиши масъалаҳои лаёқатмандӣ ва рушди нутқи хонандагон машғуланд.

Бо мақсади такмили пайвастаи сатҳи тахассуси ҳайати педагогии муассиса дар Гимназия Маркази рушди касбият таъсис ёфта, дар ҳамкорӣ бо Гурӯҳи идоракунии сифати таҳсилот, ки роҳбариашро муовини директор оид ба корҳои методӣ ба уҳда дорад, раванди мувозии кор дар самти дастгирӣ ва рушди лаёқатмандии хонандагон дар доираи дарсҳои иловагӣ зери назорат гирифта шуда, дар ҳолати окшор кардани камбудии методӣ ва зимни таҳияи нақшаҳои дарсҳои иловагӣ ба субъектҳои асосии рушди падидаи лаёқатмандӣ – омӯзгорон ёрии методӣ расонида шуда, пайваста машғулиятҳои амалӣ ва омӯзишӣ гузаронида мешаванд. Чунончи, дар давраи таътили тирамоҳии соли хониши 2022-2023 бо ҷалби коршиносон аз ҳисоби мутахассисони худи Гимназия ва берун аз он, аз ҷумла аз Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомӣ, коршиносони Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муаллифони китобҳои дарсӣ ва равоншиносони мустақил машғулиятҳои омӯзишӣ доир ба мавзуъҳои зерин гузаронида шуданд:

- тартиб ва қоидаҳои коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ;
- тавсияҳои равоншинос доир ба кор бо кӯдакони зарбдида;
- роҳу усулҳои рушди нутқи хонандагон;

- татбиқи усулҳои интерраквтивии таълим;
- методологияи таҳияи мақолаҳои илмӣ ва методӣ ва бароҳмонии ҳамкории омӯзгорон бо муаллифони китобҳои дарсӣ;
- роҳу усулҳои муосири санҷиши сатҳи дониши хонандагон;
- тавсияҳои равоншиноси педагогӣ оид ба роҳу усулҳои ҷалби таваҷҷуҳи хонандагон ба омӯзиш.

Ташаккули салоҳиятҳои касбӣ ва шахсии омӯзгорон дар доираи чунин машғулиятҳои омӯзишӣ дар асоси равишҳои рефлексивӣ ва интерактивӣ, аз ҷумла истифодаи шаклу усулҳои омӯзиши фаъол: тренингҳо, бозиҳои корӣ, ташкилию фаъолиятӣ, корҳои таҳқиқотӣ, мубоҳисаҳо, муҳокимаҳои гурӯҳӣ, консултатсияҳо ва ғайра, ки ба омӯзиши асосҳои амалии инкишофи истеъдоди мактаббачагон ва педагогикаи ҳамкорӣ ҷудо карда шудаанд, амалӣ мегардад. Барои ба амалия нигаронида шудани таълими омӯзгорон миқдори зиёди соатҳо (65%) ба дарсҳои амалӣ ҷудо карда шуданд.

Дар натиҷаи омӯзиш омӯзгорон салоҳияти касбии худро (маҷмуи дониш, малака, сифатҳои шахсӣ, қобилиятҳое, ки барои иҷрои намуди муайяни фаъолият заруранд – В. Ландшер) хеле баланд бардоштанд. Салоҳияти касбӣ дар мо ин ҷаҳонбинӣ, эътиқод ва идеалҳо, хислатҳои баланди ахлоқӣ, сатҳи баланди фарҳанги умумӣ; муносибати мусбат ба фаъолияти омӯзгорӣ, самти педагогии шахсият ва майлҳои педагогӣ; қобилиятҳои педагогӣ (шахсӣ – вобаста ба муносибат бо кӯдакон, дидактикӣ – вобаста ба интиқоли иттилоот, ташкилӣ ва коммуникативӣ – вобаста ба иҷрои вазифаи ташкилӣ ва муошират); дониш, малака, маҳорати касбию педагогӣ барои рушди истеъдод ва салоҳияти шахсии хонандагон (сифатҳо, қобилият ва маҳоратҳое, ки шахси намуди муайяни фаъолиятро анҷом медодагӣ, дорад – В. М. Шепел) мебошад [74, 67-80].

Дигар субъекти фаъоли раванди кор бо хонандагони болаёқат роҳбари синф маҳсуб мегардад. Дар Гимназияи №1 барои хонандагони

болаёқати шаҳри Душанбе 43 синф (гурӯҳ) таҳсил карда, ба онҳо роҳбарони синф аз ҳисоби омӯзгорони соҳибтаҷриба таъйин гардидааст, аз ҷумла:

- 15 нафар дар синфҳои ибтидоӣ;
- 22 нафар дар синфҳои 5-9;
- 6 нафар дар синфҳои 10-11.

Вазифаи роҳбари синф дар дастгирии рушди истеъдоди ҳар як кӯдак фароҳам овардани фазои мусоиди психологӣ барои ошкор намудан ва рушд додани истеъдоди кӯдакон, дастгирии психологию педагогии кӯдакони болаёқат, на танҳо дар доираи дарсҳои асосӣ, балки берун аз он низ мебошад. Ҳангоми ташкили кор бо хонандагони болаёқат роҳбарони синфҳо кори худро, ки ташхиси лаёқатмандӣ, вазифаҳо, марҳилаҳо ва шаклҳои кор бо хонандагони болаёқатро дар бар мегирад, ба нақша мегиранд:

1. Шиносоӣ бо хонандагони болаёқат ва вазъи лаёқатмандии онҳо метавонад ҳангоми мушоҳидаи кӯдакон дар синф ва дар корҳои берунасинфӣ дар мактаби ибтидоӣ сурат гирад. Барои таъмин намудани раванди муттасили таълими хонандаи болаёқат роҳбарони синфҳо бо роҳбари қаблии синф, махсусан омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ва волидайни хонанда суҳбат намуда, бо парвандаҳои шахсӣ ва портфели кӯдакон шинос мешаванд. Дар асоси натиҷаҳои суҳбат ва шиносоиҳои анҷомёфта дар якҷоягӣ бо равоншиноси мактаб ҳамасола лаёқатмандии хонанда такроран ташхис карда мешавад. Ташхиси такрории лаёқатмандӣ низ бо истифода аз тестҳо барои муайян кардани қобилиятҳои роҳбарӣ, вазъи равонӣ ва эҷодкорӣ сурат мегирад. Дилхоҳ кӯдаке, ки ҳадди аққал дар яке аз параметрҳои баррасишуда натиҷаҳои баланд нишон медиҳад, ҳамчун хонандаи дорои лаёқатмандии ошкор ҳисобида мешавад.

2. Роҳбари синф дар ҳамкорӣ бо равоншиноси муассиса ташхиси лаёқатмандиро мегузаронад, ки дар рафти он маълумоти зерин дар

бораи ҳар як хонанда муайян карда мешавад: муносибат ба худ ва дигарон; намуди фаъолият (роҳбар, таҳқиқотчӣ ва ғ.); табъ ва дарк; вазъи ҳавасмандӣ; ангезаҳои рафторӣ (хашмгин, ғамхор ва ғ.). Чунин ташхиси муфассал, одатан, дар синфи 5-ум дар давраи мутобиқшавӣ ба таври ҳамаҷониба гузаронида мешавад ва натиҷааш дар маҷлиси падару модарон эълон карда мешавад. Дараҷаи инкишофи сифатҳои шахсӣ дар асоси муқоисаи натиҷаҳои ташхис дар аввал ва охири соли таҳсил аз рӯи параметрҳои зерин муайян карда мешавад: хаёлот, асолат, ҳисси навоварӣ, интуитсия, илҳом, ташаббус, ихтироъкорӣ, эҷодиёти педагогӣ, гузоштани мақсад, ба мақсад мувофиқ будан, иҷрои кор, мулоҳиза ва баҳодиҳии худ. Банақшагирии кори тарбиявӣ дар синф бо дарназардошти аз ҷониби кӯдакони лаёқатманди синф дарк намудани қобилиятҳои худ тартиб дода мешавад. Роҳбари синф аз маълумотҳои натиҷаи ташхис ва мушоҳидаҳо истифода бурда, дар ҷадвали ҷамъбастӣ аз рӯи намудҳои (соҳаҳои) истеъдоди хонандагон маълумот тартиб медиҳад, ки минбаъд аз рӯи он барои ҳар як хонанда маршрутҳои инфиродӣ тартиб дода мешаванд.

3. Муҳайё намудани шароити мусоид барои рушди лаёқатмандӣ тавассути ҳамкории зич бо омӯзгорони фаннӣ, роҳбарони маҳфилҳо ва волидон аз вазифаҳои дигари роҳбарони синфҳо мебошад. Роҳбари синф масъул аст, ки зимни кор бо хонандагон фазои гарму эмотсионалӣ ба вуҷуд оварад, фикру мулоҳизаҳои онҳоро гӯш кунад, стратегияҳои гуногуни таълимро истифода барад, шахсиятро эҳтиром намояд, ба ташаккули худбаҳодиҳии мусбати хонанда мусоидат намояд, арзишҳои ӯро эҳтиром намояд; эҷодкорӣ ва тасаввуротро ҳавасманд гардонад.

4. Гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфӣ ва беруназгимназиявӣ, махсусан корҳои гурӯҳӣ бо мақсади рушд додани малакаи худшиносӣ ва худтатбиқкунии хонандагон, инчунин бо мақсадҳои омӯзишӣ.

Дар Муассисаи давлатии таълимии “Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе” ҳамаи роҳбарони синфҳо аз дафтари кории роҳбари синф (муаллифаш Акрами Абдулҳамид, ББК 74.204+74.00А14), ки фарогири ҳамаи маълумоти зарурӣ дар бораи хонанда, аз ҷумла вазъи лаёқатмандӣ, самтҳои лаёқатмандӣ ва рушди он мебошад, истифода мебаранд. Дар дафтари кории мазкур дар бораи шавқу завқ, истеъдоду қобилият, шуғл, мизоҷ, характер, синни балоғат, кӯшиш, ахлоқ, касби дӯстдошта ва касби мувофиқ оварда шудааст.

Ҳамзамон барои дуруст муайян кардани касби мувофиқ ба хонанда аз рӯи мизоҷ маводи ёрирасонӣ методӣ, аз ҷумла пурсишномаи Е. А. Климов оварда шудааст [59, 187].

Барои ҷоннок кардани кор бо хонандагони болаёқат ва ҷалби ҳарчи бештари онҳо ба озмуну олимпидаҳо аз сентябри соли 2021 сохтори Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе таҷдид шуда, дар он ба ҳайати маъмурият муовини директор оид ба илм, инноватсия ва ҳаракати олимпӣ ва муовини директор оид ба корҳои методӣ дохил карда шудаанд. Вазифаи муовинони директор оид ба илм, инноватсия ва ҳаракати олимпӣ ва оид ба корҳои методӣ пурра ба дастгирӣ ва рушди лаёқатмандии хонандагон нигаронида шудааст. Тибқи дастурамали вазифавӣ **муовини директор оид ба илм, инноватсия ва ҳаракати олимпӣ** ба иҷрои корҳои зерин масъул аст:

- иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Низомномаи Гимназия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи намунавии муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат ва дигар санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқиро назорат мекунад;

- нақшаи кори илм ва инноватсияро таҳия намуда, барои тасдиқ пешниҳод менамояд, инноватсияҳои педагогиро дар таҷрибаи кори омӯзгорон муқаррар намуда, дар байни омӯзгорон паҳн менамояд;

- фаъолияти кори кафедраи омӯзгорон ва хонандагони эҷодкорро ташкил ва назорат бурда, аз натиҷааш дар Шурои педагогӣ, Шурои методӣ ва ҷаласаи назди директор ҳисобот медиҳад;

- ҳамкориро бо Академияи хурди илмҳо, Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои шаҳри Душанбе, Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Сино, Маркази экологии шаҳри Душанбе, ҳайати таҳририяи ҳафтаномаи «Омӯзгор», маҷаллаи «Маърифати омӯзгор», Масъалаҳои методикаи таълим, Маорифи Тоҷикистон, Маорифи шаҳри Душанбе ва ғ. ба роҳ мемонад;

- баргузории Олимпиадаҳои фанниро дар Гимназия ва иштироки хонандагони болаёқатро дар олимпиадаҳои ноҳиявӣ, шаҳрӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ таъмин мегардонад;

- фаъолияти илмию эҷодии хонандагони гимназияро дар иттиҳодияҳои илмию эҷодӣ, маҳфилҳои гуногун, конкурсҳо, олимпиадаҳо, мусобиқаҳои таълимӣ, конференсияҳо ва ғайра ба роҳ мемонад;

- ба чоп расонидани корҳои илмӣ-методии омӯзгорон ва хонандагони эҷодкори гимназияро дар маҷаллаи моҳонаи гимназия тавсия медиҳад;

- усулҳои ташкилии портфолиои омӯзгоронро дастур дода, оид ба дастовардҳо маълумотнома омода менамояд;

- назорати таълими фанҳои забони русӣ, забони англисиро таъмин менамояд;

- иҷрои меъёри диктант ва эссеро аз фанҳои забони русӣ, забони англисӣ дар (синфҳои 5-11) назорат мебарад;

- дар ҳамкорӣ бо равоншиноси таълимгоҳ хонандагони болаёқатро муайян мекунад;

- маълумотнома ва дигар маводи лозимиро барои гузаронидани Шурои педагогӣ, маҷлиси назоратӣ ва маҷлиси назди директори Гимназияро сари вақт хушсифат омода месозад;

Дар баробари ин, муовини директор оид ба илм, инноватсия ва ҳаракати олимпӣ вазифаи **роҳбарии Маркази илмӣ-амалии “Рушди истеъдодҳо”-**и Гимназияро ба уҳда дошта, ба ҳайси роҳбари марказ масъулиятҳои зерин ба ӯ вогузор шудаанд:

- таҳияи нақшаи кории Маркази илмӣ-амалии “Рушди истеъдодҳо”;
- ташкили чорабиниҳо ҷиҳати ҷалби хонандагони соҳибистеъдод ба маҳфилҳои омӯзишӣ ва озмунҳо;
- таҳия ва дастрасии маводҳои таълимӣ барои омодасозии хонандагон ба иштирок дар озмунҳо;
- гузаронидани озмунҳои дохилимуассисавӣ;
- ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо МД “Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои шаҳри Душанбе”;
- ташкили чорабиниҳо ҷиҳати ҳавасмандгардонии ғолибони озмунҳо.

Ҳамзамон фаъолияти **муовини директор оид ба корҳои методӣ**, ки аз сентябри соли 2021 оғоз ёфтааст, ба иҷрои вазифаҳои зерин нигаронида шудааст:

- таҷрибаҳои пешқадам  оид ба рушди технологияи муосир, муайян кардани роҳҳои истифодаи ин технологияҳоро дар дарсҳо муайян мекунад;
- ҷиҳати баланд бардоштани дараҷаи ихтисоси омӯзгорон дар соҳаи истифодаи амалии технологияи иттилоотӣ чораандешӣ менамояд;
- барои ташаккули бефосилаи маҳорати касбии омӯзгорон, бо назардошти татбиқи  самтҳои асосии барномаи рушди муассисаи таълимӣ шароит фароҳам меорад;
- барои ба даст овардани таҳсилоти босифат дар чорчӯбаи таълими касбу ҳунар  шароити  таълимию методии мусоид фароҳам меорад;

- ёрии амалиро дар ташкил ва тарбияи хонандагон таъмин мекунад;

- барои таъминоти дар сатҳи баланди методӣ гузаронидани ҳамаи намуди машғулиятҳо чораандешӣ мекунад;

- дар самти кори фардӣ бо кӯдакони болаёқат  ва оилаи онҳо, дарёфт ва рушди истеъдодҳо фаъолиятро пеш мебарад;

- ҷиҳати таъмини ба раванди таълим ворид намудани технологияҳои нави таълимӣ: таълими инкишофдиҳанда, технологияҳои компютерӣ, усули лоиҳаҳо, таълими модул, таълими низоми салоҳиятнок чораандешӣ мекунад;

- барои баланд бардоштани сифати корбурд бо ҳама гуна ҳуҷҷатҳо чорабинӣ ташкил мекунад;

- барои баланд бардоштани сифати таълим дар  мувофиқа бо мундариҷаи нақшаҳои таълимӣ ва барномаҳо чораандешӣ мекунад;

- барои коркард, истифода ва такмилдиҳии технологияҳои инноватсионии ташкилӣ-педагогӣ ва таълимӣ, барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, лавозимоти таълимӣ корбарӣ менамояд.

**Равоншиноси муассиса** низ аз субъектони дар тамоми раванди кор бо хонандагони болаёқат фаъол маҳсуб гардида, бо ёрии ташхис ва мушоҳидаи кӯдак ҷиҳатҳои қавитарини фаъолияти маърифатии хонанда ва шавқу завқи ӯро муайян намуда, ба ин васила ба омӯзгорони фаннӣ ва роҳбарони маҳфилҳо дар интихоби мавод ва мазмуни он ёрӣ расонад. Равоншиноси Гимназия дар таҳияи мантиқи умумии таълими хонандаи болаёқат: пайдарпайии мавзуъҳои дарсҳои иловагӣ, суръати мураккабшавии онҳо ва ғайра иштирок менамояд. Ҳамзамон тибқи дастурамали вазифавӣ равоншинос корҳои зеринро ба анҷом мерасонад:

- дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Консепсияи миллии таҳсилот», «Консепсияи миллии тарбия», дигар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ таҳия намудани нақшаи кори солонаи равоншиносӣ дар таълимгоҳ;

- таҳия намудани тестҳои равоншиносӣ бо мақсади муайян намудани хонандагони болаёқат, хонандагони тафаккури таҳқиқотдошта, хонандагони ба илмҳои дақиқ, гуманитарӣ ва санъат майлдошта;

- муайян намудани ҳолати равонии хонандагони сустхон, гузаронидани санҷишҳо, саволномаҳо бо хонандагони синфҳои 1-11;

- ташкил намудани шиносномаи психологӣ барои ҳар як хонандаи таълимгоҳ ва баҳодиҳии мушаххас ба ҳолати эмотсионалӣ (ҳиссӣ), тафаккур, хотира, муносибат, эҳсос, майлу рағбати хонандагон;

- тартиб додани рӯйхати хонандагони душвортарбия, бурдани корҳои фаҳмондадиҳӣ байни онҳо ва падару модарон;

- ҳамкорӣ бо Маркази саломатии №2-и шаҳри Душанбе, Кумитаи падару модарони Гимназия;

- дар ҷамъбасти соли таҳсил пешниҳод намудани ҳисобот оид ба кори равоншиносӣ ва баромад намудан дар ҷамъомадҳо.

Яке аз сохторҳои навтаъсис дар Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе “Маркази рушди касбият” мебошад, ки фаъолияташ ба дастгирӣ ва расонидани ёрии амаливу методӣ ҳам ба хонандагон ва ҳам ба омӯзгорон, махсусан дар самти банақшагирии дарсҳои иловагӣ равона гардидааст. Роҳбари Маркази рушди касбият тамоми раванди кор бо хонандагони болаёқат, шуруъ аз дарсҳои асосиро таҳлил намуда, байни хонандагон, омӯзгорон ва волидон пурсишномаҳо мегузаронад ва барои ҳалли камбудиҳои ҷойдошта тавсияҳо манзур менамояд. Ҳамзамон, иҷрои вазифаҳои зерин ба **роҳбари Маркази рушди касбият** вогузор гардидаанд:

- таҳияи нақшаи кори Маркази рушди касбият;

- гузаронидани семинар бо иштироки кормандони муассиса оид ба қоидаҳои ҳуҷҷатнигорӣ (ҳуҷҷатҳое, ки омӯзгорон ва маъмурият дар рафти фаъолият барои таҳияашон масъуланд);

- расонидани ёрии методӣ ва амалӣ ба омӯзгорон зимни таҳияи нақшаи таълимии дарсҳои иловагӣ ва маҳфилҳо;

- гузаронидани суҳбатҳо бо хонандагони синфҳои болоӣ ҷиҳати роҳнамоӣ ва интихоби дурусти касби оянда;

- гузаронидани чорабиниҳо бо иштироки хонандагони синфҳои 9-11 барои интихоби дурусти ихтисосҳо зимни ҳуҷҷатсупорӣ барои дохил шудан ба муассисаҳои таҳсилоти касбӣ (ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, олии касбӣ);

- гузаронидани семинар оид ба барномаи "Дурахшандагон", стипендияҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ;

- даъват кардани намояндагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва бо иштироки онҳо гузаронидани чорабиниҳо.

- додани маълумот дар бораи муассисаҳои таҳсилоти касбии ҷумҳурӣ;

- даъват кардани намояндагони касбу корҳои гуногун ва бо иштироки онҳо гузаронидани чорабиниҳои беруназсинфӣ;

- сафарбарсозии хонандагони синфҳои болоӣ барои машғулиятҳои беруназгимназиявӣ ба ташкилоту идораҳои давлатӣ;

- таъмини иштироки хатмкунандагон дар "Рӯзи дарҳои кушод"-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;

- ҳамкорӣ ҷиҳати баргузории курсҳои дохилигимназиявии такмили ихтисоси омӯзгорон;

- даъват кардани хатмкардагони муассиса, ки дар соҳаҳои гуногун кору фаъолият доранд ва баргузории суҳбату роҳнамоиҳо;

- гузаронидани семинар дар мавзуи меҳнати кӯдакон;

- дар арафаи иду ҷашнҳои касбӣ даъват намудани мутахассисон аз самту соҳаҳои гуногун ва баргузории чорабиниҳо;

- баргузории "Дарси маҳорат" бо иштироки чеҳраҳои саршинохт;

- даъвати собиқадорони меҳнат ва баргузории дарсҳои "Рӯзгоре барои ибрат";

- мониторинги бозори меҳнат ва рӯнамоии касбу ихтисосҳое, ки талабот ба онҳо зиёд аст;

- таҳияи маълумот дар бораи фаъолияти самарбори хатмкардагони гимназия;

- гузаронидани пурсишномаҳо байни хонандагон ва таҳлили онҳо ҷиҳати банақшагирии минбаъдаи фаъолият;

- гузаронидани пурсишномаҳо байни волидон ва таҳлили онҳо ҷиҳати банақшагирии минбаъдаи фаъолият.

Таҳлили вазифаҳои муайяншудаи субъектҳои болозикр нишон медиҳад, ки вазифаҳо байни ҳамаи субъектҳои кор бо хонандагони болаёқат дар Гимназия тақсим гардида, онҳо дар якҷоягӣ системаеро ташкил медиҳанд, ки раванди рушди лаёқатмандиро пурра – аз ташхис то татбиқи он дар бар мегирад.

Табиист, ки кор бо хонандагони болаёқат вобаста ба синну сол, навъ ва самти лаёқатмандӣ гуногун ба роҳ монда мешавад. Новобаста ба ин раванди умумии кор бо хонандагони болаёқат дар Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе дар расми 10 нишон дода шудааст:



**Расми 10. Раванди умумии кор бо хонандагони болаёқат дар Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе**

**Зинаи якум**. Кор бо хонандагони болаёқат дар Гимназия аз санҷиши вазъи омӯзиши барномаи таълимӣ ва гирифтани тестҳои психологӣ оғоз меёбад, яъне бо назардошти он ки Гимназия танҳо барои хонандагони болаёқат пешбинӣ шудааст, қабул ба он тариқи имтиҳон сурат мегирад. Чунон ки болотар қайд гардид, хонандагони синфҳои 2-11 тести психологӣ ва санҷиш аз фанҳои таълимӣ ва синфҳои 1 танҳо тестҳои психологӣ месупоранд. Қабул ба Гимназия аввалин қадами кор бо хонандаи болаёқат буда, гирифтани санҷиш маҳорати хосро талаб мекунад, зеро, чунон ки дар боби аввал қайд кардем, ҳамаи наврасон лаёқатманданд, аммо лаёқати на ҳамаи онҳо зуҳур кардааст. Дигар нуктаи таваҷҷуҳталаб ин аст, ки фаъолияти Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе ба омӯзиши амиқи фанҳои гуманитарӣ – забонҳои хориҷӣ ва таъриху ҳуқуқ нигаронида шудааст. Аммо аксарияти волидон ин нуктаро сарфи назар карда, дарк кардан намехоҳанд, ки шавқмандии фарзандони онҳо ба илмҳои дақиқ ва техникиву технологӣ бештар аст. Агар зимни санҷишҳо ва суҳбат бо хонандагон қабл аз қабул ба Гимназия муайян карда шавад, ки хонанда майл дорад лаёқатмандии худро дар самти илмҳои дақиқ татбиқ намояд, ба волидони онҳо тавсия дода мешавад, ки фарзандони худро мувофиқи майлашон ба литсейҳо барои таҳсил баранд.

**Зинаи дуюм** ташхиси лаёқатмандӣ буда, дар ин марҳила қобилиятҳои инфиродӣ ва сифатҳои шахсии хонандагон ташхис карда мешаванд. Ташхис аз ҷониби равоншиноси Гимназия бо ёрии мушоҳидаи зуҳуроти ҳассосияти эмотсионалӣ, кунҷковӣ, рақобатпазирӣ, арзёбии экспертии маҳсули фаъолияти зеҳнӣ ва эҷодӣ, назарсанҷиҳое, ки дар онҳо на танҳо омӯзгорону равоншиносон, балки падару модарон низ иштирок менамоянд, гузаронида мешавад. Зимни ташхиси лаёқатмандӣ хусусиятҳои психологию педагогии хонандагони муассиса ошкор

гардида, ин амал имкон медиҳад, ки муносибат ва шавқу рағбати онҳо ба намудҳои гуногуни фаъолият ва фанҳои таълимӣ муайян карда шаванд.

Чунон ки қайд кардем, саҳми роҳбари синф низ дар ташхис ва муайянсозии самтҳои лаёқатмандӣ муҳим буда, омӯзгорони Гимназия аз рӯи пурсишномаи Климов, ки дар дафтари кории роҳбари синф (муаллифаш Акрами Абдулҳамид, ББК 74.204+74.00А14) оварда шудааст, кор мегиранд. Е.А.Климов вобаста ба алоқа ва муоширати зарурии табиӣ самтҳои лаёқатмандӣ ва касбҳои муосирро ба панҷ навъ ҷудо кардааст: инсон-табиат, инсон-техника, инсон- аломатҳо; инсон-образи бадеӣ, инсон-инсон [59, 82].

Вобаста ба муносибату муошироти инсон бо ҷанбаҳои табиат сатҳҳои лаёқатмндӣ ва касбу ихтисосҳои зерин имконияти ҳастӣ доранд:

- инсон-табиат: растанипарварӣ, ҳайвонотшиносӣ ва хоҷагии ҷангал;
- инсон-техника: ҳамаи касбҳои алоқаманд ба техника;
- инсон-аломатҳо: касбҳои алоқаманд бо ҳисобу китоб, рақам ва ишораҳои ҳарфӣ, ихтисосҳои ба мусиқӣ алоқаманд;
- инсон-образи бадеӣ: ҳамаи касбҳои эчодӣ;
- инсон-инсон: касбҳои алоқаманд бо хизмат ва муошират бо одамон.

Аксарияти роҳбарони синфҳо дар Гимназия маҳз аз пурсишномаи Климов кор мегиранд, зеро барои гузаронидани он вақт нисбат ба дигар усулҳо камтар сарф мешавад. Хонандагон танҳо тасдиқоти зеринро интихоб карда, дар идома омӯзгор аз рӯи посуххо самти лаёқатмандиро муайян мекунад [59, 84] :

1. Ман растанӣ ва ҳайвонҳоро дӯст медорам, дар бораи онҳо бисёр мехонам, бо шавқ ҳаёт ва инкишофи онҳоро мушоҳида намуда, ба калонсолон дар нигоҳубини онҳо кумак мерасонам (Инсон-табиат).

2. Ман омӯзиши сохти механизмҳо, дастгоҳҳо ва мошинҳоро дӯст медорам, бо шавқу завқ дар бораи онҳо мехонам, баъзе аз онҳоро таъмир

мекунам, ягон асбоб месозам, ки он таваҷҷуҳи дӯстон ва калонсолонро ҷалб мекунад ва ба онҳо писанд аст (Инсон-техника).

3. Ман фикру андешаҳои худро дар шакли хаттӣ фаҳмо ва муфассал баён карда метавонам, одатан, дар корҳои хаттӣ кам хато мекунам, бо шавқ кроссворду чайнвордҳо ва ребусҳоро ҳал мекунам, забонҳои хориҷиро бе душворӣ меомӯзам, бо шавқу завқ дуру дароз ягон чизро ҳисобу китоб мекунам, нақша мекашам, китобу мақолаҳои илмӣ-оммавӣ, танқидӣ ва публитсистиро мехонам (Инсон-аломатҳо).

4. Ман ба театр, музей ва намоишгоҳо рафтанро дӯст медорам, дуру дароз метавонам мусиқӣ гӯш кунам, расм кашам, китоб хонам, дар худфаъолиятии бадеӣ фаъолона иштирок мекунам, эҷодиёти бадеии ман ба атрофиён писанд аст, калонсолон мегӯянд, ки ман дар соҳаи санъат истеъдод дорам (Инсон-санъат).

5. Ман бо одамон ба осонӣ шинос мешавам, бо кӯдакон гузаронидани вақт, машғул шудан ва кумак карданро дӯст медорам, қариб ҳеҷ гоҳ бо ҳеҷ кас баҳс намекунам, ихтилофҳои байни ҳамсолон ва хурдсолонро ба осонӣ бартараф мекунам, дар бисёр ҳолатҳо ба бегонагон ёрӣ мерасонам, аксаран метавонам фикру андешаҳои худро ба дигарон талқин кунам (Инсон-инсон).

Усули Климов барои муайян кардани самти лаёқатмандии хонандагон усули нисбатан сода буда, дар зинаҳои ибтидоӣ истифода бурда мешавад. Барои марҳилаҳои баъдӣ, пеш аз хатми Гимназия истифодаи пурсишномаи дифференсиалӣ-ташхисии Е. А. Крилов бештар мувофиқ аст, ки онро фақат равоншиноси муассиса мегузаронад [158, 150].

Дар **зинаи сеюм** – муайянсозии самтҳои лаёқатмандӣ барномаҳои инфиродии рушди шахсӣ ва муваффақияти хонандагон бо назардошти шавқу рағбат ва интихоби фаъолияти зеҳнӣ ва эҷоди онҳо таҳия гардида, онҳо ба гурӯҳҳо тақсим карда мешаванд.

Вале на дар ҳама ҳолат самтҳои лаёқатмандии хонандагон, махсусан агар лаёқатмандӣ ниҳонӣ бошад, бо истифода аз усулҳои болозкир дар муддати кӯтоҳ муайян карда мешавад. Баъзе мавридҳо муайянсозии самтҳои лаёқатмандӣ вақти зиёд ва мушоҳидаҳои бардавомро тақозо менамояд.

**Дар зинаи чорум**, баъд аз муайянсозии самтҳои лаёқатмандӣ, хонандагон ба дарсҳои иловагии ҳатмӣ, интихобӣ ва маҳфилҳо ҷалб карда мешаванд.

Нуктаи нозук дар фаъолияти Муассисаи давлатии таълимии "Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқат" ин аст, ки вазъи таъминоти моддӣ-техникӣ имкон намедиҳад, ки хонандагон ҳамаи дарсҳои иловагӣ ва маҳфилҳоро шахсан интихоб кунанд. Яъне, онҳо наметавонанд, ки баъд аз дарсҳои асосӣ дар маҳфил ё дарси иловагии дилхоҳашон иштирок намоянд, зеро ҷадвали дарсӣ ва реҷаи рӯз на танҳо бо назардошти самтҳои лаёқатмандии хонандагон, балки ҳамзамон бо назардошти шумораи синфхонаҳо, ҷойи нишаст ва шумораи омӯзгорони фаннӣ тартиб дода шудааст. Дар баробари ин дар Гимназия шароити кофӣ барои давоми рӯз истироҳат намудани хонандагон таъмин нест. Ба ҳамин хотир бо мақсади давоми рӯзи таълимӣ, аз соати 8:00 то 16:00, аз меъёр зиёд монда нашудани хонандагон, маҳфилҳое ташкил шудаанд, ки ба бештар кардани фаъолияти ҷисмонӣ ва истироҳати зеҳнӣ нигаронида шудаанд, ки дар ин бораи поёнтар маълумоти бештар дода мешавад.

Ҳамин тариқ, ҳамаи дарсҳои иловагӣ ва маҳфилҳоро дар Гимназия ба таври зайл гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст (расми 11):




**Расми 11. Гурӯҳбандии дарсҳои иловагӣ ва маҳфилҳо дар Гимназия**

Дар соли таҳсили 2022-2023 дар Гимназия 22 маҳфил ва дарсҳои иловагӣ роҳандозӣ гардидаанд, ки аз рӯи гурӯҳбандии дар боло анҷом ёфта, маҳфил ва дарсҳои зерин ба гурӯҳҳои зерин рост меоянд (ҷадвали 2) :

***Ҷадвали 2. Рӯйхати маҳфил ва дарсҳои иловагӣ***

| № | Номи маҳфил ё дарси иловагӣ | Барои кадом синфҳо пешбинӣ гардидааст |
|---|---|---|
| **Маҳфилҳо ва дарсҳои иловагии фаннии ҳатмӣ-тавсиявӣ** | | |
| 1 | Практикуми забони русӣ | 2-11 |
| 2 | Практикуми забони англисӣ | 3-11 |
| 3 | Забони хитоӣ | 5-7 |
| 4 | Забони фаронсавӣ | 5-7 |
| 5 | Инкишофи нутқ | 2-9 |
| 6 | Таърих | 5-11 |
| 7 | Ҳуқуқ | 8-10 |
| 8 | Забони тоҷикӣ | 2-11 |
| **Маҳфилҳое, ки ба бештар кардани фаъолияти ҷисмонӣ ва истироҳати зеҳн нигаронида шудаанд** | | |
| 9 | Сайри ҷаҳон | 5-9 |
| 10 | Сайри таърих | 5-9 |
| 11 | Ҳунаромӯзӣ | 3-9 |
| 12 | Этика | 5-9 |
| 13 | Асосҳои рушди шахсият | 5-9 |
| 14 | Биологони наврас | 7 |
| 15 | Шоҳмот | 8-9 |
| 16 | Шашка | 5-7 |
| 17 | Ғунчаҳои умед | 2-6 |
| 18 | Муъҷизаи табиат | 4-7 |

| Маҳфил ва дарсҳои иловагии интихобӣ | | |
|---|---|---|
| 19 | Дӯзандагӣ | 5-11 |
| 20 | Барномасоз | 5-11 |
| 21 | Конститутсияи ҶТ | 5-11 |
| 22 | Асрори элемент | 8-11 |

Ҳамин тариқ, бо назардошти вазъи мавҷудаи моддӣ-техникӣ, шумораи омӯзгорон ва хонандагон, ҷойи нишаст, қобилиятҳои амалии хонандагон ва имкониятҳои онҳо дар Гимназия реҷаи зерин сохта шудааст (ҷадвали 3):

***Ҷадвали 3. Реҷаи баргузории машғулиятҳо***

| № | Вақт | Машғулият |
|---|---|---|
| 1 | 8:00 – 8:45 | Дарси асосӣ аз рӯи барнома ва стандартҳои давлатӣ |
| 2 | 8:45 – 8:55 | Танаффус |
| 3 | 8:55 – 9:40 | Дарси асосӣ аз рӯи барнома ва стандартҳои давлатӣ |
| 4 | 9:40 – 9:50 | Танаффус |
| 5 | 9:50 – 10:35 | Дарси асосӣ аз рӯи барнома ва стандартҳои давлатӣ |
| 6 | 10:35 – 10:45 | Танаффус |
| 7 | 10:45 – 11:30 | Дарси асосӣ аз рӯи барнома ва стандартҳои давлатӣ |
| 8 | 11:30 – 11:40 | Танаффус |
| 9 | 11:40 – 12:25 | Дарси асосӣ аз рӯи барнома ва стандартҳои давлатӣ |
| 10 | 12:25 – 12:40 | Танаффуси калон |
| 11 | 12:40 – 13:25 | Дарси асосӣ аз рӯи барнома ва стандартҳои давлатӣ /Маҳфилҳое, ки ба бештар кардани фаъолияти ҷисмонӣ ва истироҳати зеҳн нигаронида шудаанд |
| 12 | 13:25 – 13:35 | Танаффус |
| 13 | 13:35 – 14:20 | Маҳфилҳо ва дарсҳои иловагии фаннии тавсиявӣ |
| 14 | 14:20 – 14:30 | Танаффус |
| 15 | 14:30 – 15:15 | Маҳфил ва дарсҳои иловагии интихобӣ |
| 16 | 15:15 – 16:00 | Машғулиятҳои озоди инфиродӣ |

**Зинаи панҷум**. Масъулияти назорати раванди рушд додани лаёқатмандии хонандагон низ ба ӯҳдаи муовини директор оид ба таълим, муовини директор оид ба илм, инноватсия ва ҳаракати олимпӣ, роҳбари гурӯҳи идоракунии сифати таҳсилот, роҳбари синф ва равоншиноси муассиса вогузор гардидааст.

**Зинаи шашум**. Чораандешӣ ҷиҳати татбиқи лаёқатмандии хонандагон ҷузъи муҳимми кор бо хонандагони болаёқат буда, барои ин дар Гимназия як қатор шароитҳо фароҳам оварда шудаанд.

Мавҷуд будани лабораторияҳои биология, химия, физика, майдончаи ҳарбӣ, синфхонаи лингафонӣ, маркази компютерӣ, маркази тестӣ ва ғайра ба хонандагон имконият медиҳанд, ки дониш ва лаёқатмандиҳои худро озмоянд ва татбиқ намоянд. Дар навбати худ ҳамаи ғояҳои пешниҳоднамудаи хонандагон дастгирӣ ёфта, хонандагон барои татбиқи онҳо ба муассисаҳои дигар ё конфронсу симпозиумҳо сафарбар карда мешаванд.

**Зинаи ҳафтум**. Дар баробари дастгирии психологиву муаррифи васеи дастовардҳои хонандагон дар Гимназия барои хонандагони болаёқат, аз ҷумла онҳое, ки дар озмуну олимпиадаҳо ғолиб меоянд, як қатор имтиёзҳои моддӣ дода шудаанд, аз ҷумла:

- хонандагоне, ки дар олимпиадаҳои фанниву зеҳнӣ дар миқёси шахр ғолиби яке аз ҷойҳои ифтихорӣ мегарданд, аз пардохти 50%-и маблағи шартномаи дарсҳои иловагии Гимназия озод карда мешаванд;
- хонандагоне, ки дар олимпиадаҳои фанниву зеҳнӣ дар миқёси ҷумҳурӣ ғолиби яке аз ҷойҳои ифтихорӣ мегарданд, аз пардохти маблағи шартномаи дарсҳои иловагии Гимназия пурра озод карда мешаванд;

**Зинаи ҳаштум**. Зимни арзёбии ҷамъбастии кор бо хонандагони болаёқат тамоми нишондиҳандаҳои таълимӣ ва фаъолияти хонанда(гон), аз ҷумла идомаи таҳсилоти касбӣ ба инобат гирифта мешаванд.

## 2.2. Такмили донишу маҳорати хонандагони болаёқат дар ҷараёни таълими иловагӣ

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти иловагӣ”, таҳсилоти иловагӣ – низоми таълиму тарбия, ки дар асоси барномаҳои таълимии иловагӣ амалӣ шуда, ба омӯзиши илм, техника ва технологияи муосир, эҷодкорӣ, дарёфти ихтисоси нав, бозомӯзӣ, такмили ихтисос, ки онҳоро шахс метавонад ҳангоми таҳсил дар мактаб, пас аз хатми мактаб ва баъди гирифтани диплом ба таври ройгон ё пулакӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва касбӣ берун аз барномаҳои асосии таълимӣ ё дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ бе маҳдудият омӯзад, равона карда шудааст [70].

Таҳсилоти иловагӣ ҷузъи таркибии низоми таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, мақсади он инкишофи қобилияти зеҳнию эҷодӣ ва истеъдоди таълимгирандагон, қонеъ гардонидани рағбат, эҳтиёҷоти маънавӣ ва талаботи онҳо ба интихоб ва гирифтани касб ҳангоми фориғ будан аз таълим дар муассисаҳои таълимӣ мебошад.

Дар асоси банди 2 Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти иловагии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2018, №93 тасдиқ шудааст, таҳсилоти иловагии таълимгирандагон бо дар назар доштани майлу рағбати онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва ибтидоии касбӣ ё дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ, ки дар шакли Академияи хурди илмҳо, марказҳо, аз ҷумла марказҳои эҷодии кӯдакону наврасон, қасрҳо, хонаҳои эҷодии кӯдакону наврасон, стансияҳо, студияҳо, мактабҳои санъат, муассисаҳои таълимии ибтидоии махсуси бадеӣ, мактабҳои касбии варзишӣ, ҳунарӣ, мусиқӣ, мактабҳои варзишии кӯдакону наврасон, мактабҳои махсуси варзишии захираҳои олимпии кӯдакону наврасон, клубҳо, аз ҷумла клубҳои тарбияи ҷисмонию варзишии маҳалли зист, клубҳои тарбияи ҷисмонию варзишии маъюбон, варзишгоҳҳои кӯдакона,

муассисаҳои солимгардонӣ фаъолият менамоянд, дар асоси барномаҳои таҳсилоти иловагӣ амалӣ мегардад [103].

Таҷрибаи таҳия ва татбиқи барномаи умумии таҳсилоти иловагӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии типи нав бо назардошти самтҳои асосии фаъолияти таълимӣ нишон медиҳад, ки ин усул яке аз воситаҳои беҳтарсозии сатҳу сифати таҳсилот буда, барои кор бо хонандагони болаёқат имкониятҳои бештар медиҳад. Ба ибораи дигар, дарсҳои иловагӣ, асосан, бо мақсади ҳамроҳии лаёқатмандӣ ба роҳ монда мешаванд.

Дар адабиёти равоншиносиву педагогӣ тафсирҳои гуногуни мафҳуми «ҳамроҳӣ» муайян шудаанд. А.Б. Запорожетс ҳамроҳиро ҳамчун муносибатҳои иҷтимоию педагогӣ маънидод мекунад, ки он дар асоси инсталлятсия бо хонандагон ба роҳ монда мешавад [51, 23]: «Ман ҳамеша бо шумо ҳастам, шуморо мушоҳида мекунам ва ба шумо ёрӣ мерасонам». А.Н. Леонтев ва Ф. Перлс мафҳуми «ҳамроҳӣ»-ро ҳамчун раванди мақсадноки «таҳкими иловагии» фаъолияти хонандагон шарҳ медиҳад, ки он ба қонеъ гардонидани талаботи хонандагон ба фаъолияти барояшон муваффақ, саркарда аз супоришҳои қолабӣ ва иҷрои такрории онҳо то ба масъалаҳои зеҳнӣ ва фаъолияти эҷодӣ равона гардидааст [81, 386]. Ф. Гудман бошад, ин мафҳумро бо раванди мақсадноки фаъолияти омӯзгор алоқаманд медонад, ки ташхис, ислоҳ (эҳсосот, тафаккур, хотира, нутқ, таваҷҷуҳ ва ғайра), ташхиси такрорӣ ва таҳлили натиҷаҳои фаъолиятро дар бар мегирад [49, 266-277].

Л.Н. Захарова категорияи «ҳамроҳӣ»-ро ба таври дигар шарҳ медиҳад. Тибқи шарҳи ӯ, ин фаъолияти омӯзгорон мебошад, ки ба қобилияти дидан ва ташаккул додани сифатҳои арзишманди хонандагон асос ёфтааст, ки ҳам ҷиҳатҳои назариявӣ (санҷишҳо, саволномаҳо, усулҳо ва ғайра) ва ҳам блокҳои амалиро (амалӣ кардани назария дар фаъолият бо субъектҳои раванди таълим: хонандагон, падару модарон,

омӯзгорон) дар бар мегирад ва ба худмуайянкунии ахлоқии хонандагон дар ҷамъият мусоидат мекунанд [7, 43-67].

Ба фаҳмиши мо, дастгирӣ – мушоҳида, кумак ва барқарор кардани муносибатҳои иҷтимоию педагогӣ барои мутобиқ намудани хонандагон ба ташаккули қобилиятҳо дар намудҳои фаъолияте, ки ба онҳо таваҷҷуҳ доранд, бо мақсади рушди истеъдод ва худшиносии муваффақ дар ҷомеа мебошад.

Омӯзиши мушкилоти рушди истеъдод имкон дод, ки таърифҳои кории мафҳумҳои зерин таҳия карда шаванд:

1) «дастгирии педагогии рушди истеъдоди хонандагон» – ташкили ҳамкории мусбати омӯзгор ва хонандагон дар раванди муттаҳидсозӣ ва ғанӣ гардонидани блокҳои асосӣ, иловагӣ ва алоҳидаи таълим дар корҳои синфӣ ва беруназсинфӣ, васеъ намудани доираи муоширати хонандагон тавассути ҷалби намудҳои гуногуни фаъолияти эҷодӣ, мувофиқ кардани қобилият ва истеъдоди онҳо дар заминаи муассисаҳои гуногун;

2) «дастгирии психологӣ» ин муайян кардани хусусиятҳои психологии фардӣ, дараҷаи рушди лаёқатмандӣ вобаста ба синну сол ва муайян намудани мушкилоти равонии хонандагони болаёқат ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон ҳал кардани баъзе мушкилоти психологии хонандагони болаёқатро дар самти муошират бо омӯзгорону ҳамсолони худ дар назар дорад;

3) «дастгирии психологию педагогии рушди истеъдоди хонандагон» ин ҳамгироии низоми дастгирии педагогӣ ва психологии раванди таълиму тарбияи хонандагони болаёқат дар шароити муассисаҳои таълимӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин самт гузаронидани мониторинги инфиродии сатҳи қобилиятҳои зеҳнии хонандагон ва дар натиҷаи он таҳия намудани барномаи мушаххаси таълимӣ ба манфиат мебошад.

Ҳамроҳии лаёқатмандӣ дар Муассисаи давлатии таълимии “Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе”, асосан, тавассути дарсҳои иловагӣ, маҳфилҳо ва сафарбарсозии хонандагон ба марказҳои шаҳрӣ ва ноҳиявии “Дарёфт ва рушди истеъдодҳо” сурат мегирад. Тибқи Ойинномаи Гимназия, барномаҳои таълимии асосӣ ва иловагии Гимназия барои ҳал кардани масъалаҳои зерин равона карда мешаванд:

- амалӣ гардонидани барномаҳои таҳсилоти асосӣ ва миёнаи умумӣ бо мақсади мукаммал омӯхтани фанҳои равияҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ бо омӯзиши амиқи забонҳои хориҷӣ;

- муҳайё кардани шароити мусоид барои инкишофи тарбияи ахлоқӣ, ҷисмонӣ, эстетикии шахс ва дақиқназар ба воя расидани хонанда;

- дар сатҳи баланд таъмин намудани тайёрӣ барои аз худ кардани дониши амалӣ аз фанҳои равияҳои ҷамъиятӣ, гуманитарӣ бо омӯзиши амиқи забонҳои хориҷӣ;

- интихоби касб ва амалӣ кардани он бо омӯзиши амиқи фанҳои равияҳои ҷамъиятӣ, гуманитарӣ бо омӯзиши амиқи забонҳои хориҷӣ;

- ташаккул додани малакаҳои мустақилият ва фаъолияти эҷодкорӣ дар соҳаи таълими фанҳои равияҳои ҷамъиятӣ, гуманитарӣ бо омӯзиши амиқи забонҳои хориҷӣ;

- амалӣ гардонидани имконияти таҳсилоти босифат аз фанҳои равияҳои ҷамъиятӣ, гуманитарӣ бо омӯзиши амиқи забонҳои хориҷӣ ва ҳамгироии фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ.

Дар моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти иловагӣ” омадааст, ки таҳсилоти иловагӣ аз рӯи самтҳои зерин амалӣ карда мешавад [70]:

- илмию техникӣ, ки азбар намудани маҳорату малакаҳои техникию технологӣ, васеъ намудани ҷаҳонбинии илмӣ, азхудкунии техникаю технологияи муосир ва илмҳои дақиқ, инчунин ба кори фаъолонаи илмию таҳқиқотӣ тайёр шудани таълимгирандагонро таъмин менамояд;

- таҷрибавию амалӣ, ки барои ҷалб намудани таълимгирандагон ба фаъолияти илмию таҳқиқотӣ, таҷрибавӣ, конструкторӣ ва ихтироъкорӣ дар соҳаҳои гуногуни илму техника, фарҳангу санъат, инчунин фароҳам овардани шароит барои худтакомули эҷодӣ, ошкор сохтан ва инкишофу дастгирии истеъдодҳои ҷавон мусоидат мекунад;

- ҷамъиятию гуманитарӣ, ки инкишофи қобилияту истеъдод, малака ва маҳорати амалии таълимгирандагонро дар самти азхудкунии донишҳо доир ба асосҳои илмҳои иҷтимоию гуманитарӣ ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ таъмин мекунад;

- китобдорию китобшиносӣ, ки барои боло бурдани шавқи маърифатӣ, фарҳангию иттилоотӣ ва такмили малакаю маҳорати таълимгирандагон бахри муайян ва мустаҳкам кардани мавқеи онҳо дар ҷаҳони муосири иттилоотӣ нигаронида шудааст;

- экологию табиатшиносӣ, ки азбар намудани донишҳоро дар бораи муҳити зист, ташаккули маърифати экологии шахс, дар бораи масъалаҳои экологӣ ва таҷрибаи ҳалли онҳо, андӯхтани донишу малакаро дар соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла гулпарварӣ, ҷангалпарварӣ, боғдорӣ, занбӯриасалпарварӣ ва ҷалб кардан ба кори амалии ҳифзи табиат ва дигар самтҳои биологиро пешбинӣ менамояд;

- сайёҳию кишваршиносӣ, ки ҷалби таълимгирандагонро барои омӯзиши таърихи кишвар ва маҳалли зист, тамаддуни ҷаҳонӣ, объектҳои ҷуғрофӣ, таърихию фарҳангӣ ва зуҳуроти ҳаёти иҷтимоӣ, азбар кардани малакаҳои амалӣ ва маҳорати сайёҳию кишваршиносӣ таъмин менамояд;

- бадеию эстетикӣ, ки инкишофи истеъдоду қобилияти эҷодии таълимгирандагон, азбар намудани малакаҳои амалӣ ва дар соҳаи фарҳангу санъати ватанӣ ва ҷаҳонӣ дониш андӯхтани онҳоро таъмин менамояд;

- тарбияи ҷисмонию варзишӣ, ки инкишофи қобилияти ҷисмонии таълимгирандагон, шароити зарурӣ барои солимии мукаммал, обутобёбӣ, истироҳату фароғат, машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ва

варзиш, тайёр кардани захираҳои варзишӣ барои дастаҳои мунтахаби миллӣ, азбар кардани малакаҳои тарзи ҳаёти солимро таъмин менамояд;

- ҳарбию ватандӯстӣ, ки тарбияи ҳисси ватандӯстӣ, дарки масъулияти шаҳрвандӣ ва дараҷаи зарурии тайёрии таълимгирандагонро ба хизмати ҳарбӣ таъмин мекунад;

- солимгардонию гигиенӣ, ки таъмини шароити заруриро барои истироҳати бофароғат, азбар намудани донишҳо оид ба тарзи ҳаёти солим, азхуд намудани малакаи беҳдошти саломатии шахсӣ ва ташаккули фарҳанги гигиении шахсро пешбинӣ менамояд.

Дар параграфи 2.1. ҳамаи маҳфилҳо ва дарсҳои иловагӣ, ки дар Гимназия бо мақсади ҳамроҳии лаёқатмандӣ ҷорӣ карда шудаанд, аз рӯи шакли баргузории машғулиятҳо гурӯҳбандӣ карда шудаанд. Дар навбати худ, вобаста ба муҳтавои дарсҳои иловагӣ ва маҳфилҳо ҳамаи онҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

1. Дарсҳои иловагӣ ва маҳфилҳое, ки ба рушди шахсияти хонанда ва омӯзиши роҳҳои дарк ва татбиқи падидаҳои лаёқатмандӣ нигаронида шудаанд.

2. Дарсҳои иловагӣ ва маҳфилҳое, ки барномаи асосии таълимро идома дода, ба тақвияти донишҳои фаннии хонандагон нигаронида шудаанд (ҷадвали 4).

***Ҷадвали 4. Рӯйхати дарсҳои иловагӣ ва маҳфилҳо оид ба ба рушди шахсияти хонанда ва татбиқи падидаҳои лаёқатмандӣ***

| № | Номи маҳфил ё дарси иловагӣ | Дар кадом синфҳо гузаронида мешавад |
|---|---|---|
| **Дарсҳои иловагӣ ва маҳфилҳое, ки ба рушди шахсияти хонанда ва омӯзиши роҳҳои дарк ва татбиқи падидаҳои лаёқатмандӣ нигаронида шудаанд** | | |
| 1 | Асосҳои рушди шахсият | 5-9 |
| 2 | Этика | 5-9 |
| 3 | Ғунчаҳои умед | 2-6 |
| 4 | Муъҷизаи табиат | 4-7 |
| 5 | Инкишофи нутқ | 2-9 |
| 6 | Барномасоз | 5-11 |
| 7 | Дӯзандагӣ | 5-11 |
| 8 | Шашка | 5-7 |
| 9 | Шоҳмот | 8-9 |

| | | |
|---|---|---|
| 10 | Ҳунаромӯзӣ | 3-9 |
| **Маҳфилҳо ва дарсҳои иловагие, ки барномаи асосии таълимро идома дода, ба тақвияти донишҳои фаннии хонандагон нигаронида шудаанд** | | |
| 11 | Забони хитой | 5-7 |
| 12 | Забони фаронсавӣ | 5-7 |
| 13 | Практикуми забони англисӣ | 3-11 |
| 14 | Практикуми забони русӣ | 2-11 |
| 15 | Таърих | 5-11 |
| 16 | Сайри ҷаҳон | 5-9 |
| 17 | Сайри таърих | 5-9 |
| 18 | Биологони наврас | 7 |
| 19 | Забони тоҷикӣ | 2-11 |
| 20 | Ҳуқуқ | 8-10 |
| 21 | Конститутсияи ҶТ | 5-11 |
| 22 | Асрори элемент | 8-11 |

**Барномаҳои таълими иловагии гурӯҳи якум**. Равоншиноси Гимназия дар якҷоягӣ бо Кумитаи падару модарон кӯдакони боистеъдодро дастгирӣ намуда, барои татбиқи шавқу қобилиятҳои онҳо чӣ дар мактаб ва чӣ дар оила шароити мусоид фароҳам оварда, инчунин курсҳои “Асосҳои рушди шахсият” ва “Этика ва эстетика”-ро амалӣ намуд.

Курсҳо (маҳфилҳо)-и “Асосҳои рушди шахсият” ва “Этика ва эстетика” нисбат ба дигар дарсҳои иловагӣ ва маҳфилҳо аз барномаи таълими асосӣ тафовут дошта, моҳияти таълими онҳо бештар ба рушд додани қобилияти фикрронӣ, ба талаботи кӯдаки лаёқатманд мувофиқ гардонидани муҳтавои таълим, бедорсозии шавқи онҳо нисбат ба татбиқи лаёқатмандӣ ва роҳнамоии онҳо барои рушди мустақилонаи лаёқатмандӣ нигаронида шудааст.

Курсҳои мазкур ҳамчун маҳфилҳои ёрирасон барои муайянсозӣ, ҳамроҳӣ ва рушд додани қобилиятҳои хонандагони болаёқат хизмат мекунанд. Масалан, дар курси “Асосҳои рушди шахсият”, ки барои хонандагони синфҳои 5-11 ташкил шудааст, хонандагон вобаста ба синну сол салоҳиятҳои зеринро бояд аз худ кунанд (ҷадвали 5).

*Ҷадвали 5. Барномаи таълимии курси “Асосҳои рушди шахсият”*

| Синф | Салоҳиятҳо |
|---|---|
| 5 | - воқеа ва ҳодисаҳои атрофро дарк мекунанд ва нисбат ба онҳо дуруст мавқеъгирӣ карда метавонанд;<br>- худро ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеа медонанд;<br>- қарор қабул карда метавонанд;<br>- дар вазъиятҳои фавқулода дуруст амал мекунанд;<br>- фарҳанги либоспӯширо риоя мекунанд;<br>- қоидаҳои тарзи ҳаёти солимро риоя мекунанд. |
| 6 | - дар назди худ мақсад гузошта метавонанд;<br>- фикри мустақил доранд;<br>- фаъолияти худро таҳлил ва арзёбӣ карда метавонанд;<br>- худтакмилдиҳиро меомӯзанд;<br>- масъулиятҳои худро дарк ва иҷро меамоянд;<br>- бо атрофиён ҳамкорӣ ба роҳ монда метавонанд;<br>- ба худхизматрасонӣ одат мекунанд. |
| 7 | - хато ва ғалатҳои худро дарк мекунанд;<br>- барои интихоби касб омода мешаванд;<br>- аз лиҳози ҷисмонӣ ва зеҳнӣ худро мустақилона такмил медиҳанд;<br>- маълумоти гирифтаро таҳлил мекунанд;<br>- фарҳанги истифодаи технологияи навро аз худ мекунанд;<br>- муносибати худро нисбат ба ҳодисаҳои атроф баён мекунанд. |
| 8 | - роҳу усули расидан ба ҳадафҳои худро медонанд ва дар ин роҳ қарорҳои дуруст қабул мекунанд;<br>- дар рафти фаъолият хусусиятҳои коммуникативӣ, ташкилотчигӣ ва ташаббускорӣ нишон медиҳанд;<br>- фаъолияти худ ва равандҳои ҷомеаро таҳлил карда метавонанд;<br>- дар корҳои ҷамъиятӣ фаъол мешаванд;<br>- меъёрҳои фарҳанги миллӣ ва ҷаҳониро риоя менамоянд. |
| 9 | - қарорҳои дуруст қабул мекунанд;<br>- қобилиятҳои пешсаф буданро нишон медиҳанд;<br>- эҳсоси худро дарк ва идора мекунанд;<br>- мавқеи шаҳрванди фаъолро касб мекунанд;<br>- даромади пулӣ дошта метавонанд;<br>- эҷодкор мешаванд. |

Барномаи таълимии мазкур лоиҳавӣ буда, як сол аст дар Гимназия ҷорӣ карда шудааст. Он дар ҳамкории равоншиноси муассиса бо роҳбарони синфҳо ва роҳбари Маркази рушди касбият таҳия гардида, машғулиятҳо дар он қолабӣ не, балки бештар озод гузаронида мешаванд. Табиист, ки барои омӯзонидани салоҳиятҳои мазкур ба хонандагон барномаи таълимии алоҳида фарогири мавзуъҳо барои ҳар синф дар алоҳидагӣ таҳия карда мешавад. Барои намуна дар зер барномаи

таълимии “Асосҳои рушди шахсият” барои синфҳои 9 оварда мешавад (ҷадвали 6).

***Ҷадвали 6. Барномаи таълимии “Асосҳои рушди шахсият” барои синфҳои 9***

| № | Мавзуъ | Машғулият | Соат |
|---|---|---|---|
| **Боби 1. Ҳаёти сазовор ва зиндагии осоишта** | | | **7** |
| 1 | Зинда бош, эй Ватан! | Таблиғи тараққиёти кишвар. | 1 |
| 2 | Номи нек бояд касб кард | Меҳрубонӣ ва хайрхоҳӣ. Иштирок дар корҳои ҷамъиятӣ. | 1 |
| 3 | Талаботи нав дар асри нав | Маҳоратҳои аввалияе, ки ҳар нафар бояд дошта бошад. Ҳар рӯз бояд як қадам пеш рафт. | 1 |
| 4 | Бетарафӣ – бешарафӣ | Дар раванди рушди кишвар ва ислоҳоти ҷомеа тамошобин не, иштирокчӣ бояд буд. | 1 |
| 5 | Шуғл ва менеҷменти вақт | Шарҳи мафҳуми “тайм-менеҷмент” ва қоидаҳои он. Шуғл (хобби). | 1 |
| 6 | Оила – ҷое, ки туро ҳамеша интизоранд | Расидан ба қадри наздикон. Қадамҳои нахустин ба ҳаёти мустақил. | 1 |
| 7 | Нутқи бурро – муаррифгарӣ истеъдодҳо | Аҳаммият ва роҳҳои рушд додани нутқ ва “паблик-спикинг”. | 1 |
| **Боби 2. Илм ва инноватсия** | | | 7 |
| 8 | Мағзҳои бузург | Маълумот дар бораи инсонҳое, ки ихтироот ва омӯзишашон дунёро тағйир доданд. | 1 |
| 9 | Фирефта намешавам! | Афзалиятҳои донишандӯзӣ. Таҳлили иттилоот. Роҳҳои гирифтор нашудан ба ҳиллаву найранги бадхоҳон. | 1 |
| 10 | Ҷомеаи ба илм асосёфта | Дарёфти муваффақият. Тараққиёти илму техника. | 1 |
| 11 | Инноватсия – муҳаррики ҷомеа | Асрори зиндагӣ дар асри илму техника | 1 |
| 12 | Тафаккури интиқодӣ | Таҳлил ва арзёбии вазъият. Мулоҳизаҳо доир ба тафаккури интиқодӣ. | 1 |
| 13 | Хусусиятҳои пешсафӣ (лидерӣ) | Маҳоратҳои идоракунӣ. Берун аз “маҳдудаи форам” (зона комфорта) будан. | 2 |
| **Боби 3. Орзу, ҳадаф, муваффақият** | | | 9 |
| 14 | Ҷиҳатҳои рушдкарда ва заифи мо | СВОТ-таҳлил. Рушд додани шахсият. | 1 |
| 15 | Муваффақият чист? | Тарс аз оянда ва бартараф кардани он. Рад кардан – омили пешравӣ. | 2 |
| 16 | Пастиву баландиҳои ҳаёт | Шикастҳо дар роҳи муваффақ шудан. Дуруст муайян кардани ҳадафҳо. | 2 |
| 17 | Эътимод ба худ | Эътимод ба худ – неруи муъҷизабор. | 1 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 18 | Талабот ба таваҷҷуҳ | Гӯш кардани атрофиён. Эҳтиёҷоти иҷтимоӣ. Пирамидаи Маслоу | 1 |
| 19 | Кӣ мешавам? | Интихоби касб. Касбҳои серхаридор. | 1 |
| 20 | Орзу бисёр дорад дил ҳанӯз | Аҳаммияти орз кардан. Эътимод ба амалишавии орзуҳо. | 1 |
| **Боби 4. Пул, сарват ва ҳаёти муносиб** | | | 11 |
| 21 | Асосҳои тиҷорат | Қоидаҳои умумии машғул шудан ба тиҷорат. | 1 |
| 22 | Бизнес-ғоя. | Ғояҳои мувофиқ ба талаботи ҷомеа. Коркарди ғояҳо. Таҳлили ғояҳо. | 2 |
| 23 | Фрилансерӣ ва даромади иловагӣ | Роҳҳои сода ва осони пул кор кардан. Онлайн-маркетинг. | 2 |
| 24 | Омилҳои муфлискунандаи одамон | Шарҳи мафҳуми “муфлис шудан”. Нақли саргузаштҳо доир ба мавзуъ. | 2 |
| 25 | Истифодаи оқилонаи сарват | Сарвати воқеӣ чист? Сарватро дар кадом роҳҳо бояд сарф кард? | 2 |
| 26 | “Формулаи ҳаёти муносиб” | Суҳбат атрофи мавзуъҳои гузашта. | 2 |

Дар маҷмуъ, вазифаи ҳамаи дарсҳои иловагӣ ва маҳфилҳои гурӯҳи якум дар Муассисаи давлатии таълимии “Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе” инҳоянд:

- муайян намудани қобилиятҳои инфиродӣ, сифатҳои шахсӣ ва таҳияи барномаҳои инфиродӣ барои рушди шахсият ва муваффақияти хонандагон;

- ташаккули шавқу ҳаваси хонандагони болаёқат ба омӯзиши амиқи фанҳои таълимӣ ва дастгирии педагогиву психологии раванди кор бо хонандагони болаёқат;

- инкишоф додани истеъдоди хонандагон тавассути истифодаи намудҳо ва шаклҳои гуногуни чорабиниҳои маърифатӣ ва зеҳнӣ ҳам дар дарсҳои асосӣ ва ҳам дар дарсҳои иловагӣ;

- дастгирии психологию педагогии хонандагони болаёқат дар раванди таҳсилот.

**Барномаҳои таълими иловагии гурӯҳи дуюм.** Ба барномаҳои таълими иловагие, ки барномаи асосии таълимро идома дода, ба тақвияти донишҳои фаннии хонандагон нигаронида шудаанд, 12 дарси

иловагӣ ва маҳфилҳо ворид мегарданд. Дар ҷараёни ин машғулиятҳо хонандагон, асосан, сатҳи забондонии худро беҳтар намуда, донишҳои дар рафти дарсҳои асосӣ азхуднамудаашонро тақвият медиҳанд.

Ҳамзамон зимни ташкили дарсҳои иловагӣ, ки дар ҳамкорӣ бо кумитаи падару модарон ба роҳ монда мешавад, хусусиятҳои синнусолӣ низ ба эътибор гирифта мешаванд. Барои мисол, дарсҳои иловагӣ дар синфҳои ибтидоӣ бештар ба гузаронидани машғулиятҳои дидактикӣ ва баланд бардоштани ҳавасмандии хонандагон нигаронида шудаанд.

Дар синфҳои болоӣ, махсусан синфҳои 10-11, таълими иловагӣ ба омодасозии хонандагон барои таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ равона гардида, аз машғулиятҳои омӯзишии шавқовару фаъол ба дарсҳои мукаммал бо омӯзиши амиқи мавзуъҳо мегузаранд. Барои мисол дар зер барномаи таълими дарси иловагӣ аз фанни забони тоҷикӣ дар синфи 10-ро баррасӣ менамоем (ҷадвали 7):

***Ҷадвали 7. Барномаи таълими дарси иловагӣ аз фанни забони тоҷикӣ дар синфи 10***

| № | Номгӯи мавзуъҳо | Мундариҷаи мавзуъҳо | Миқ. соат |
|---|---|---|---|
| 1 | Муқаддима. Қисматҳои грамматика. | Маълумот дар бораи грамматика, бобҳои грамматика, фарқияту умумияти онҳо. | 1 |
| 2 | Калима ҳамчун воҳиди нутқ. Маънои луғавӣ ва грамматикии калима. | Маълумот дар бораи калима, сохт ва шакли грамматикии калима, маънии калима, умумияти сохту таркиби калима. | 1 |
| 3 | Роҳҳои калимасозӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик. Вандҳои калимасозу шаклсоз дар забони тоҷикӣ. | Шарҳу баёни мавзуъ. Навъҳои калимасозӣ. Васоити калимасозу калимабанд. | 1 |
| 4 | Навъҳои калимаҳо. Гурӯҳбандии калимаҳо ба ҳиссаҳои нутқ. | Ба гурӯҳҳо ҷудо кардани бандҳо вобаста ба дараҷаи калимасозӣ: сермаҳсул, каммаҳсул, бемаҳсул | 1 |
| 5 | Маълумоти умумӣ доир ба исм. Гурӯҳҳои маъноӣ - грамматикии исм. Категорияҳои исм. | Баёни моҳияту мундариҷаи мавзуъ. Назари муҳаққиқон дар ин бобат. Таснифоти В.В.Виноградов. | 1 |
| 6 | Категорияи муайяниву номуайянӣ дар исм. Нишонаҳои грамматикии он. | Маълумоти муфассал оид ба мавзуъ. Нишон додани мавқеи аломати –е дар бобати номуайянӣ. Мавқеи ҷонишинҳои ким–кӣ, фалон, фалонӣ дар ин бобат. | 1 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| **7** | Категорияи шумора дар исм. Воситаҳои ифодаи он. | Мавзуъро ба шогирдон муфассал фаҳмондан. Доир ба воситаҳои ифодаи шумора овардани далелҳо. | 1 |
| 8 | Сохти исмҳо. Исмҳои сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ. | Ба шогирдон моҳияти мавзуъро пурра баён кардан, барои нишон додани умумияту тафовути онҳо мисолҳо овардан | 1 |
| 9 | Роҳҳои калимасозии исм. Роҳҳои морфологӣ-синтаксисӣ ва синтаксисӣ-морфологии исмсозӣ | Васоити исмсоз, мавқеи васоити исмсоз дар калимасозии исм. Нишон додани мавқеи роҳи морфологӣ-синтаксисӣ ва синтаксисӣ-морфологии исмсозӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик. | 1 |
| 10 | Вандҳо ва мавқеи онҳо дар исмсозӣ. Сохташавии исмҳо тавассути пешванди ҳам- | Шарҳу баёни батафсили мавзуъ. Овардани далелҳо. Назари олимон дар ин бобат. | 1 |
| 11 | Пасвандҳои маънисози исм. Пасвандҳои шаклсози исм: -ҳо ва -он (-ён,-вон,-гон). | Таснифоти пасвандҳо аз рӯи маънӣ, нишон додани моҳияти онҳо дар калимасозӣ, дараҷаи исмсозии онҳо дар забони тоҷикӣ. Нишон додани мавқеи пасвандҳои -ҳо ва -он. Шарҳ додани ҷойи муодилҳои пасванди -он дар таркиби исмҳо. | 1 |
| 12 | Вазифаҳои синтаксисии исм | Баён намудани ҷойи исм дар синтаксис ва вазифаҳои он: мубтадо, хабар, пуркунанда, ҳол ва муайянкунанда шудани исм. | 1 |
| 13 | Сифат ва хусусиятҳои морфологии он. | Фаҳмонидани муносибати сифат бо исм, фарқи он аз дигар ҳиссаҳои нутқ. | 1 |
| 14 | Хелҳои сифат: сифатҳои асливу нисбӣ | Таърифи сифатҳои асливу нисбӣ, умумият ва фарқи онҳо. | 1 |
| 15 | Дараҷаҳои сифат | Дараҷаҳои оддӣ, муқоисавӣ (қиёсӣ), олӣ ва аломатҳои морфологии онҳо. | 1 |
| 16 | Сохти сифатҳо ва калимасозии сифат. Пешвандҳову пасвандҳои сифатсоз. | Маълумот оид ба сифатҳои сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ. Оид ба пасвандҳои сифатсоз муфассал маълумот додан. Ҷудо кардани пасвандҳову пешвандҳои сифатсоз. | 1 |
| 17 | Ба сифати аслӣ табдил ёфтани сифати нисбӣ | Ба шогирдон бо далелҳо фаҳмонидани мазмуну муҳтавои мавзуъ. | 1 |
| 18 | Вазифаҳои синтаксисии сифат. | Ба вазифаи муайянкунанда, хабари номӣ, ҳол ва мубтадо омадани сифатҳо | 1 |
| 19 | Шумора ва хелҳои он. | Ба вазифаи аъзоҳои ҷумла омадани шумора.Таҳлил. | 1 |
| 20 | Нумератив ва хелҳои он аз ҷиҳати маънӣ | Гурӯҳбандии нумеративҳо аз нигоҳи маънӣ. | 1 |
| 21 | Сохти шумора ва вазифаи шумора дар синтаксис | Таҳлили ҷумла доир ба сохти шумораҳо. Ба вазифаи сараъзоҳои ҷумла омадани шумора. | 1 |
| 22 | Ҷонишин ҳамчун ҳиссаи нутқ. Хусусиятҳои морфологии ҷонишин. | Ба ҷои исм омадани ҷонишин.Овардани мисолҳо. | 1 |
| 23 | Хелҳои ҷонишин аз рӯи маъно ва ҷиҳати услубии онҳо. Сохт ва имлои | Аз матн ёфтани хелҳои ҷонишин. | 1 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | ҷонишин. Вазифаи синтаксисии ҷонишин | | |
| 24 | Феъл ва категорияҳои грамматикии он. Асосҳои феъл. | Муайян намудани асосҳои феъл дар матн. | 1 |
| 25 | Бандакҳои феълӣ ва хабарӣ. Шахсу шумора дар феъл. Тасрифи феълҳо. | Нишон додани бандакҳои феълию хабарӣ дар матн ва муайян намудани фарқи онҳо. | 1 |
| 26 | Замонҳои феъл. Тарз ва намудҳои феъл. Шаклҳои тасрифнашавандаи феъл. | Таҳлили ҷумла доир ба замонҳои феъл | 1 |
| 27 | Сиғаҳои феъл ва шаклҳои грамматикии онҳо. | Дар матн муайян сохтани сиғаҳои феъл. | |
| 28 | Зарф ва хелҳои он. Калимасозии зарф ва пешванду пасвандҳои зарфсоз. Вазифаи синтаксисии зарф. | Аз матн ёфтани хелҳои зарф. Вандҳои зарфсози забони тоҷикӣ ва дараҷаи зарфсозии онҳо. | 1 |
| 29 | Ҳиссаҳои номустақили нутқ. Пешоянду пасояндҳо ва мавқеи онҳо дар ҷумла. | Таҳлили ҷумла доир ба ҳиссаҳои номустақили нутқ. | 1 |
| 30 | Пайвандакҳо ва хелҳои онҳо. Вазифаи пайвандакҳо дар таркиби ҷумла. | Аз матн ёфтани хелҳои пайвандакҳо. | 1 |
| 31 | Ҳиссача ва хелҳои он. | Таҳлили ҷумла | 1 |
| 32 | Нидо ва хелҳои маъноии он. | Таҳлили ҷумла доир ба ҳиссаҳои номустақили нутқ | 1 |

Мавзуъҳои мазкур дар барномаи асосии таълимӣ низ ҷой дошта, ба таври давомодор омӯзонида мешаванд. Масалан, дар ҷадвали боло мавзуи 28-ум – “Зарф ва хелҳои он. Калимасозии зарф ва пешванду пасвандҳои зарфсоз. Вазифаи синтаксисии зарф” дар барномаи асосӣ дар синфи 7-ум давоми 5 соат таълим дода мешавад, аммо дар барномаи таълими иловагии мазкур барои чунин мавзуи васеъ ҳамагӣ як соат пешбинӣ гардидааст, яъне барномаи иловагӣ бо фишурдасозии барномаи асосӣ таҳия гардидааст.

## 2.3. Механизми омодасозии хонандагон ба олимпиадаҳои фаннӣ ва озмунҳои зеҳнӣ тавассути таълими иловагӣ дар Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе

Ҳаракати олимпӣ имрӯз яке аз самтҳои муҳимми кор бо кӯдакони лаёқатманд мебошад. Иштироки хонандагон дар олимпиадаҳо, пирӯзиҳои онҳо имрӯз яке аз меъёрҳои баҳодиҳии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ ва фаъолияти омӯзгор низ ба ҳисоб меравад. Иштирок дар ҳаракати олимпӣ барои хонандагон хеле муҳим аст, зеро он: ба худшиносии онҳо мусоидат мекунад, донишҳои фанниро муайян, васеъ ва амиқтар мекунад, имкон медиҳад, ки хонанда доир ба касби оянда қарор қабул кунад.

Тибқи Низомномаҳои Олимпиадаи фаннии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сенябри соли 2022, №13/33 тасдиқ карда шудааст, мақсади ташкил, баргузорӣ ва натиҷагирии Олимпиадаҳои фаннӣ дарёфт ва рушди хонандагони боистеъдод аст, ки инкишофи зеҳнии онҳо ба самти фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ нигаронида шудааст, мебошад [85].

Дар асоси Низомномаи мазкур вазифаҳои олимпиадаҳои фаннӣ чунин ифода карда шудааст:

- муҳайё намудани шароити мусоид ҷиҳати дарёфт барои рушди хонандагони боистеъдод ва дастгирии мунтазами онҳо;
- ҳавасманд намудани омӯзгорони эҷодкор, нововар ва дорои малакаи баланди касбӣ, ки дар омода намудани ғолибони олимпиадаҳо саҳм доранд;
- рушди қобилиятҳои эҷодӣ ва тафаккури зеҳнию мантиқии хонандагони боистеъдод, роҳнамоии онҳо ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ;
- фароҳам овардани шароити мусоид барои ташаккули донишҳои илмии хонандагон;

- шиносоии бештари хонандагон ба дастовардҳои нави фанҳои табиӣ-риёзӣ ва тарғиби донишҳои илмӣ дар байни хонандагон;

- ташкили заминаи мусоид барои ташаккули тафаккури илмию мантиқии хонандагон ва бедор намудани завқи онҳо дар ҳалли масъалаҳои ғайристандартӣ;

- саҳмгузорӣ дар рушди қобилияти истифодаи донишҳои назариявӣ ва татбиқи он дар амалия;

- мусоидат дар интихоби бошууронаи касб ва давом додани таҳсил дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот;

- хонандагон ба ҳаракати олимпӣ бо мақсади омода намудани онҳо дар олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ;

- интихоб ва муайян намудани дастаҳои мунтахаби ҷумҳурӣ барои иштирок дар олимпиадаҳои байналмилалӣ [85].

Олимпиада на танҳо тавассути омодасозии хонандагон донишҳои фаннии онҳоро баланд мебардорад, балки ҳамзамон хонандагон барои амиқ омӯхтани фанҳои интихобкардаашон ҳавасманд мегарданд.

Мақсадҳои асосии олимпиадаҳо барои хонандагон:

- муайян кардани кӯдакони лаёқатманд;
- инкишоф додани шавқи хонандагон ба омӯзиши фанҳо;
- баланд бардоштани сатҳи зеҳнии донишҷӯён;
- фароҳам овардани шароити зарурӣ барои дастгирии кӯдакони лаёқатманд.

Баръакси озмунҳо, навиштани иншо ё мақолаҳои илмӣ, олимпиадаҳо доираи васеи донишҳоро дар курси мушаххаси мактабӣ фаро мегиранд ва ба ташаккули эрудитсияи васеъ мусоидат мекунанд, ки ҳар як омӯзгор барои он кӯшиш мекунад.

Чунон ки дар параграфи 2.1. қайд шудааст, омодасозии хонандагон барои иштирок дар озмуну олимпиадаҳои сатҳҳои гуногун дар рафти дарсҳои иловагӣ ва маҳфилҳо дар дохили Гимназия ва ба машғулиятҳои омӯзишии Муассисаи давлатии таълимии “Маркази дарёфт ва рушди

истеъдодҳои шаҳри Душанбе” сафарбар намудани хонандагони хоҳишманд сурат мегирад.

Бояд қайд намуд, ки тайи панҷ соли охир шумораи ҳайати захираи олимпии Гимназия 23 маротиба бештар гашта, аз 12 нафар ба 276 нафар расид. Зиёд шудани иштирокчиёни олимпиадаҳои фаннӣ ва озмунҳои гуногуни зеҳнӣ баёнгари он ҳастанд, ки кор дар самти дарёфт ва рушди истеъдодҳо дар Гимназия дуруст ва роҳ монда шудааст ва дар ин ҷода саҳми дарсҳои иловагӣ низ хеле калон мебошад.

Зиёдшавии шумораи ҳайати олимпии Гимназияи дар диаграммаи зерин оварда шудааст (диаграммаи 1):




***Диаграмма 1. Шумораи афзоиши ҳайати олимпии Гимназия***

Бо назардошти он ки Гимназия хонандагонро аз рӯйи малакаю истеъдод ва майлу рағбаташон ба фанҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ бо омӯзиши амиқи забонҳои хориҷӣ ҷалб менамояд, ҳиссаи нисбатан зиёди хоҳишмандони иштирок дар олимпиадаҳо фанҳои гуманитарӣ-ҷамъиятиро интихоб менамоянд.

Таносуби интихоби фанҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ ва фанҳои дақиқ аз ҷониби хонандагон давоми 5 сол дар диаграммаи 2 нишон дода шудааст:




***Диаграммаи 2. Таносуби интихоби фанҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ ва фанҳои дақиқ аз ҷониби хонандагон давоми 5 сол***

Хонандагони Гимназия дар доираи дарсҳои иловагӣ барои иштирок дар олимпиадаҳои фаннӣ ва озмунҳои зеҳнии зерин омода карда мешаванд (расми 12):

***Расми 12. Омодагии хонандагони Гимназия барои иштирок дар олимпиадаҳои фаннӣ ва озмунҳои зеҳнӣ***

- Озмун ва олимпиадаҳои дохилигимназиявӣ ва даври муассисавии озмун ва олимпиадаҳои ноҳиявӣ, шаҳрӣ ва ҷумҳуриявӣ
- Озмун ва олимпиадаҳои ноҳиявӣ ва даври ноҳиявии озмунҳо ва олимпиадаҳои шаҳрӣ ва ҷумҳуриявӣ
- Озмун ва олимпиадаҳои шаҳрӣ ва даври шаҳрии озмун ва олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ
- Озмунҳои ҷумҳуриявӣ
- Озмунҳои байналмилалӣ

**Озмунҳои дохилимуассисавӣ**. Мақсади асосии ташкил ва гузаронидани озмунҳои зеҳнии дохилимуассисавӣ ин пеш аз ҳама дарёфт намудани хонандагоне, ки қобилияти зеҳнии баланд доранд. Яке аз дигар ҳадафҳои он ин ҳавасманд намудани чунин хонандагон барои ширкат варзидан дар марҳилаҳои баъдии олимпиадаҳои фаннӣ ва озмунҳои зеҳнӣ ба ҳисоб меравад. Маҳз тавассути ҳамин гуна озмунҳо аввалин аломатҳои истеъдоднок будани хонандагон маълум карда мешавад. Озмунҳои мазкур метавонанд бо пешниҳоди мудирони кафедраҳо дар асоси фармоиши директори Гимназия гузаронида шаванд. Давоми солҳои 2020-2022 дар Гимназия озмунҳои зерин гузаронида шуданд (ҷадвали 8):

***Ҷадвали 8. Рӯйхати озмунҳои дохилимуассисавӣ***

| № | Номи озмун | Барои кадом гурӯҳи синфҳо |
|---|---|---|
| 1 | Ҳисобдони беҳтарин | 2-4 |
| 2 | Хонандаи сол | 2-11 |
| 3 | Забондон | 5-11 |
| 4 | Шаҳри ман дар аксҳо | 5-11 |
| 5 | Ворисони Сино | 10-11 |
| 6 | Иқтисодчии наврас | 11 |
| 7 | Ҳуқуқшинос | 8-11 |
| 8 | Хаттоти беҳтарин | 1-11 |

**Озмунҳои ноҳиявӣ**. Ин озмунҳо, асосан, ба мавзуъҳои алоҳида бахшида шуда, дар арафаи иду ҷашнвораҳо гузаронида мешаванд. Онҳо на танҳо ба дарёфти истеъдодҳо, балки ба таблиғи илму фан, чеҳраҳои илму адабиёт ва эҳсоси худшиносиву ватанпарастӣ нигаронида шудаанд.

**Озмун ва олимпиадаҳои шаҳрӣ**.

Солҳои охир дар шаҳри Душанбе дар муқоиса бо солҳои қаблӣ шумора ва намуди олимпиадаҳои фаннӣ зиёд гардида, сол то сол теъдоди

иштирокчиёни онҳо афзуда истодаанд. Хонандагони Муассиса пайваста дар олимпиадаҳои сатҳи ноҳиявӣ, шаҳрӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ фаъолона ширкат меварзанд.

**Олимпиадаи даставии “Истеъдод”.** Олимпиадаи мазкур бахшида ба эълон гардидани солҳои 2020-2040 “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” гузаронида шуда, мақсади баргузор намудани олимпиада ҳавасманд намудани хонандагон барои омӯзиши амиқи фанҳои дақиқ ва дарёфту рушди қобилиятҳои онҳо дар ин самт, инчунин дар байни хонандагон тарғиб ва паҳн намудани донишҳои илмӣ-амалӣ аз фанҳои математика, химия, физика, биология, технология ба ҳисоб меравад. Олимпиада аз фанҳои зерин баргузор мегардад:

- математика (алгебра, геометрия)
- химия;
- физика (астрономия);
- биология (ботаника, экология);
- география;
- технологияи иттилоотӣ.

Дастовардҳои хонандагон дар олимпиадаи шаҳрии даставии “Истеъдод” дар ҷадвали зерин оварда шудаанд (ҷадвали 9):

***Ҷадвали 9. Дастовардҳои хонандагон***
***дар олимпиадаи шаҳрии даставии “Истеъдод”***

| **Натиҷаҳои иштирок дар олимпиадаи шаҳрии даставии “Истеъдод”** | |
|---|---|
| **Соли таҳсил** | **Ғолибон** |
| 2020-2021 | 4 нафар |
| 2021-2022 | 9 нафар |
| 2022-2023 | - |
| **Ҳамагӣ** | **13 нафар** |

**Олимпиадаи хонандагон «Забон донӣ – ҷаҳон донӣ».** Дар ин олимпиада хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ки ҳатман донандаи се забон – забони тоҷикӣ, забони англисӣ ва забони русӣ буда,

бо ин забонҳо қобилияти эҷодӣ, тахайюлот ва маҳорати худро ба таври шифоҳиву хаттӣ баён карда метавонанд, барномаҳои таълимиро пурра аз худ намудаанд ва берун аз барномаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ аз уҳдаи иҷрои талаботи супоришҳои олимпиада мебароянд, иштирок карда метавонанд.

Олимпиада аз рӯйи супоришҳои зерин гузаронида мешавад:

Даври 1. Санъати суханварӣ

Даври 2. Диктанти интерактивӣ

Даври 3.Тахайюлоти эҷодӣ. ”Ҳикояро идома диҳед”

Дар даври якум ба ҳар як довталаб номи мавзуъ пешниҳод мегардад. Хонанда бояд ба се забон: забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ фикрашро баён кунад. Барои омодагӣ 40 дақиқа ва барои баромад кардани ҳар як довталаб 6 дақиқа ҷудо карда мешавад. Ба довталабон 5 мавзуъ пешниҳод мегардад. Номи мавзуъ дар як вақт ба ҳар як довталаб бо се забон дода мешавад. Хонанда як мавзуъро интихоб намуда, ба се забон бе воситаи ёрирасон баромад мекунад. Ҳакамон ҳуқуқ доранд, ки ба довталаб саволи иловагӣ диҳанд.

Даври дуюм диктанти интерактивӣ буда, зимни он дар як вақт ба тамоми довталабон иборат аз матни тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ пешниҳод мегардад. Диктант дар ҳаҷми 120 калима аст. Дар матн ба ҷои нуқтаҳо аз вариантҳои пешниҳодшуда дурусташро гузоштан лозим аст.

Даври сеюм – тахайюлот дар эҷоди матн (аз рӯи усули Кейс-стади “Case-study”) ба таври зайл гузаронида мешавад: Ба довталабон се порчаи хурд аз асари маъруф бо се забон пешниҳод мегардад. Идомаи матни додашуда аз довталаб талаб карда мешавад. Ӯ бояд бо тахайюлоти шахсии худ давоми матнро эҷодкорона ба итмом расонад.

Дастовардҳои хонандагон дар олимпиадаи шаҳрии “Забон донӣ – ҷаҳон донӣ” дар ҷадвали зерин оварда шудаанд (ҷадвали 10):

*Ҷадвали 10. Дастовардҳои хонандагон дар олимпиадаи шаҳрии “Забон донӣ – ҷаҳон донӣ”*

| Натиҷаҳои иштирок дар олимпиадаи шаҳрии “Забон донӣ – ҷаҳон донӣ” | |
|---|---|
| **Соли таҳсил** | **Ғолибон** |
| 2021-2022 | 1 нафар |
| 2022-2023 | |

**Озмун ва олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ**.

**Олимпиадаи фаннии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.**

Олимпиадаи мазкур аз ҳама маъмул ба ҳисоб рафта, ҳамасола даврҳои муассисавӣ, ноҳиявӣ, шаҳрӣ ва ҷумҳуриявии он гузаронида шуда, ғолибони ин олимпиада аз имкониятҳои хос бархӯрдоранд. Вазифаҳои олимпиадаи мазкур инҳо мебошанд:

- муҳайё кардани шароити мусоид барои дастгирӣ ва рушди хонандагони боистеъдод;

- бедор намудани шавқу ҳаваси хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба омӯзиши амиқи фанҳои таълимӣ;

- дарёфти хонандагони болаёқат ва рушди қобилияти зеҳнӣ ва эҷодии онҳо;

- ташвиқи хонандагони боистеъдод ба корҳои илмӣ, таҳқиқотӣ ва ихтироъкорӣ;

- ташаккули тафаккури илмӣ ва мантиқии хонандагон, бедор намудани завқи онҳо дар ҳалли масъалаҳои ғайриодӣ;

- рушди қобилияти истифодаи донишҳои назариявӣ ва татбиқи он дар амалия;

- ташаккули донишҳои илмии хонандагон;

- шиносоии бештари хонандагон ба дастовардҳои нави илмҳои табиию риёзӣ ва ҷамъиятию гуманитарӣ, тарғиби донишҳои илмӣ дар байни хонандагон;

- мусоидат намудан ба хонандагон дар интихоби бошууронаи касб ва давом додани таҳсил дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот;

- ҷалби хонандагон ба ҳаракати олимпӣ ҷиҳати иштирок дар олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ;

- интихоб ва муайян намудани дастаҳои мунтахаби ҷумҳурӣ барои иштирок дар олимпиадаҳои байналмилалӣ.

Олимпиадаи фаннии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ аз фанҳои зерин баргузор мегардад:

- забон ва адабиёти тоҷик (барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии таълимашон ба забони тоҷикӣ);

- забони давлатӣ (тоҷикӣ) барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии таълимашон бо забони ғайридавлатӣ);

- забони русӣ – (барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии таълимашон бо забони ғайрирусӣ);

- забон ва адабиёти рус (барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии таълимашон бо забони русӣ);

- забони англисӣ;

- таърих (таърихи халқи тоҷик, таърихи умумӣ);

- асосҳои давлат ва ҳуқуқ (ҳуқуқи инсон);

- биология (экология);

- химия;

- география;

- математика (алгебра, геометрия);

- физика (астрономия);

- технологияи иттилоотӣ.

Олимпиадаи мазкур анъанавӣ ва маъмултарин ба ҳисоб рафта, хонандагон барои иштирок дар он бештар ҳавасманданд. Дар ҷадвали зер маълумот дар бораи натиҷаҳои иштироки хонандагони Гимназия дар даврҳои ноҳиявӣ, шаҳрӣ ва ҷумҳуриявии он бо нишон додани гурӯҳи фанҳо оварда мешавад (ҷадвали 11):

***Ҷадвали 11. Натиҷаҳои иштироки хонандагони Гимназия дар даврҳои ноҳиявӣ, шаҳрӣ ва ҷумҳуриявии олимпиадаҳои фаннӣ***

| Сол | Даври ноҳиявӣ | | Даври шаҳрӣ | | Даври ҷумҳуриявӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Гуманит. | Дақиқ | Гуманит. | Дақиқ | Гуманит. | Дақиқ |
| **2018-2019** | 16 | 11 | 4 | 1 | 1 | - |
| **2019-2020** | 22 | 14 | 12 | 7 | 3 | 2 |
| **2020-2021** | 38 | 25 | 32 | 15 | 24 | 8 |
| **2021-2022** | 39 | 19 | 31 | 16 | 43 | 23 |
| **2022-2023** | 57 | 22 | | | | |

Тамоюли зиёд шудани шумораи натиҷаҳои мусбати иштирок дар олимпиадаҳо аз рӯи гурӯҳи фанҳо (дар миқёси шаҳри Душанбе) дар диаграммаи 3 нишон дода шудааст:




***Диаграммаи 3. Тамоюли зиёд шудани шумораи натиҷаҳои мусбати иштирок дар олимпиадаҳо аз рӯи гурӯҳи фанҳо***

**Олимпиадаи номии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.**

Мақсади баргузор намудани Олимпиадаи мазкур – дарёфт ва рушди хонандагоне мебошад, ки инкишофи зеҳнии онҳо ба самти

фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ нигаронида шуда, он аз рӯйи фанҳои зерин гузаронида мешавад:

- фанни физика (астрономия);
- фанни химия;
- фанни математика;
- фанни биология (экология);
- фанни география;
- фанни технологияи иттилоотӣ.

Сохтани барномаҳои компютерии алоҳида барои ҳалли мисолу масъалаҳои пешниҳодшуда дар яке аз забонҳои барномасозӣ ва муаррифии кори дурусти онҳо пурра ба воситаи компютер бе истифодаи саволу масъалаҳои тестӣ сурат мегирад.

**Олимпиадаи даставии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.**

Олимпиадаи мазкур бо мақсади иҷрои вазифаҳои зерин гузаронида мешавад:

- муҳайё кардани шароити мусоид барои дастгирӣ ва рушди хонандагони боистеъдод;
- бедор намудани шавқу ҳаваси хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба омӯзиши амиқи фанҳои таълимӣ;
- дарёфти хонандагони болаёқат ва рушди қобилияти зеҳнӣ ва эҷодии онҳо;
- ташвиқи хонандагони боистеъдод ба корҳои илмӣ, таҳқиқотӣ ва ихтироъкорӣ;
- ташаккули тафаккури илмӣ ва мантиқии хонандагон, бедор намудани завқи онҳо дар ҳалли масъалаҳои ғайриодӣ;
- рушди қобилияти истифодаи донишҳои назариявӣ ва татбиқи он дар амалия;
- ташаккули донишҳои илмии хонандагон;

- шиносоии бештари хонандагон ба дастовардҳои нави илмҳои табиию риёзӣ ва ҷамъиятию гуманитарӣ, тарғиби донишҳои илмӣ дар байни хонандагон;

- мусоидат намудан ба хонандагон дар интихоби бошууронаи касб ва давом додани таҳсил дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот;

- ҷалби хонандагон ба ҳаракати олимпӣ ҷиҳати иштирок дар олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ.

Олимпиада аз фанҳои зерин баргузор мегардад:

- забон ва адабиёти тоҷик (барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии таълимашон бо забони тоҷикӣ);

- забони русӣ (барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии таълимашон бо забони ғайрирусӣ);

- забони англисӣ;

- таърих (таърихи халқи тоҷик, таърихи умумӣ);

- асосҳои давлат ва ҳуқуқ (ҳуқуқи инсон);

- биология (экология);

- химия;

- география;

- математика (алгебра, геометрия);

- физика (астрономия);

- технологияи иттилоотӣ.

## 2.4. Корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба самаранокии ташкили раванди таълими иловагӣ ва арзёбии натиҷаҳои он

Пас аз омӯзиши натиҷаҳои ташкил ва баргузории дарсҳои иловагӣ ва маҳфилҳои гурӯҳи якум – дарсҳои иловагӣ ва маҳфилҳое, ки ба рушди шахсияти хонанда ва омӯзиши роҳҳои дарк ва татбиқи падидаҳои лаёқатмандӣ нигаронида шудаанд, дар ҳамкорӣ бо роҳбарони синфҳо ва равоншиноси муассиса дар соли таҳсили 2021-2022 , хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз рӯи шавқу ҳавас ва қобилияташон ба самтҳои зерин тақсим карда шуданд: бадеӣ ва эстетикӣ - 34%, варзиш ва солимгардонӣ - 15%, ҳунарҳои санъатӣ - 14%, фаннӣ - маърифатӣ – 15%, техникӣ – 5%, забоншиносӣ – 11%, иҷтимоӣ – 5%.

Дар баробари ин маълум гардид, ки 14% хонандагон ба гурӯҳи хонандагони дорои лаёқатмандии ошкор, 21% хонандагон бо аломатҳои истеъдод дар самтҳои гуногун, 43% хонандагон ба гурӯҳи хонандагони дорои истеъдоди ниҳон тааллуқ доранд.

Хонандагони синфҳои 5-9, ки ба фаъолиятҳое, ки барои онҳо муваффақ буданд, машғул шуда, ба гурӯҳҳои зерин ҷудо карда шуданд: варзиш ва солимгардонӣ – 26%, бадей-эстетикй – 21%, бадеию ҳунарӣ – 15%, фанню маърифатӣ – 19%, техникӣ – 10%, иҷтимоӣ – 7%, забоншиносӣ – 4%.

Ба гурӯҳи хонандагони дорои нишонаҳои маълуми лаёқатмндӣ 5%,; хонандагони дорои аломатҳои истеъдод дар самтҳои гуногун – 64%; наврасони дорои истеъдодҳои ниҳонӣ – 31%-и хонандагон ҷудо карда шуданд.

Хонандагони синфҳои болоӣ (синфҳои 10-11) дар марҳилаи ҷустуҷӯй-таҳқиқотӣ мутаносибан ба самтҳои зерин тақсим карда шудаанд: эстетикӣ – 22%, фаннӣ-маърифатӣ – 21%, варзиш ва солимгардонӣ – 20%, тасвирӣ-ороишӣ ва татбиқӣ – 17%, иҷтимоӣ – 9%, техникӣ – 7% , забоншиносӣ – 4%.

Дар синфҳои 10-11 4% хонандагон ба гурӯҳи хонандагони дорои нишонаҳои аёни лаёқатмандӣ; 68% хонандагони дорои аломатҳои истеъдод дар самтҳои гуногун; 28% хонандагони дорои истеъдоди ниҳонӣ ҷудо карда шуданд.

Дар марҳилаи дуюми дастгирӣ (роҳнамоӣ)-и психологию педагогӣ ташхис ва мониторинги қобилиятҳои инфиродӣ ва сифатҳои шахсии хонандагон гузаронида шуда, ёрии психологию педагогӣ ба хонандагон барои зуҳури қобилиятҳои онҳо ва интихоби фаъолияти шавқманд барои бомуваффақият амалӣ кардани онҳо дар ҷамъият, расонида шуд. Бо ин мақсад мо барномаҳои таҳияшаванда ва ҳамгирошудаи таҳсилоти умумиро таҳия кардем, ки мундариҷаи онҳо барои худшиносии хонандагони синну соли гуногун дар фаъолиятҳои муваффақ ва ҷолиб барои онҳо имконият фароҳам овард, ки ба густариш, таҳким ва муттаҳидсозии донишҳои зеҳнӣ, қобилият ва маҳорати эҷодии хонандагон мусоидат кард. Барномаҳои таълимии иловагӣ ба хонандагон имкон доданд, ки қобилиятҳои худро боз ҳам нишон диҳанд, шавқу рағбатҳои маърифатӣ ва эҳсосиро инкишоф ва рушд диҳанд.

Бо мақсади фароҳам овардани шароит барои зуҳур ва таҳкими минбаъдаи қобилиятҳо дар раванди ташаккули истеъдоди хонандагон тавассути татбиқи намудҳо ва шаклҳои гуногуни фаъолияти зеҳнӣ ва эҷодӣ дар асоси ҳамгироии дарси таълимӣ, корҳои беруназсинфӣ ва системаи таҳсилоти иловагӣ, барномаҳои таълимии инноватсионӣ ва курсҳои интихобӣ барои фанҳои гуногуни таълимӣ ва соҳаҳои илмии дониш бо назардошти шавқу завқи маърифатӣ ва эҷодии муайяншуда таҳия карда шуданд.

Барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз барномаҳои давлатӣ 10 барнома, барои мактаббачагон дар синфҳои 5-9 – 12 барнома аз фанҳои сиклҳои гуманитарӣ, физикаю математика ва табиатшиносӣ ва барои хонандагони синфҳои болоӣ 39 барномаи курсҳои интихобӣ дар асоси

ҷузъҳои минтақавӣ, ки ба интихоби профили таълимӣ нигаронида шудаанд, таҳия шудааст.

Нававарии барномаҳои таълимӣ, бар хилофи барномаҳои анъанавӣ, аз мавҷудияти ҷузъи минтақавии таълим, мазмуни васеътар ва умқи фанҳои омӯхташуда, шаклу усулҳои гуногуни таълим, тарбия ва рушд иборат буд (замимаи 5).

Барномаҳои иловагии таълимӣ бо назардошти қобилият, шавқу рағбат ва хоҳиши хонандагон ва волидони онҳо тартиб дода шуданд, ки шумораи онҳо дар синфҳои ибтидоӣ 8, дар синфҳои асосӣ (5-9) 50, дар синфҳои болоӣ (10-11) 22 барномаро ташкил медиҳад. Мо тахмин мекардем, ки татбиқи мазмуни барномаҳо бо хонандагони синну соли гуногун ба онҳо имкон медиҳад, ки талаботи «сернашуда»-и таълимиро қонеъ гардонанд. Кумаки психологию педагогие, ки мо ба хонандагони гимназия расонидем, ба қаноатмандӣ аз интихоби фаъолияти бомуваффақият барои онҳо ва устувории шахс, ташаккули худтанзимкунии эҷодӣ ва ҳассосияти бошуурона ба падидаҳои нав дар раванди мутобиқшавии онҳо (арт-терапия, тарбияи қобилиятҳои эвристикӣ ва дарки ҳиссиёту ҳолати дигарон, машғул шудан ба намудҳои гуногуни фаъолият ва ғайра) нигаронида шуда буд.

Ҳамзамон дар рафти кори таҷрибавӣ мазмуни барномаҳои таълимӣ, берунаазсинфӣ ва иловагӣ ислоҳ карда шуданд (замимаи 5). Рушди истеъдоди хонандагон тавассути татбиқи намудҳо ва шаклҳои гуногуни фаъолияти зеҳнӣ ва эҷодӣ дар асоси ҳамбастагии дарс, корҳои берунаазсинфӣ ва системаи таълими иловагӣ ҷузъи муҳимми дастгирии психологию педагогӣ буд.

Дар баробари ин, мо вазифаҳои зеринро иҷро кардем: захираи донишро аз рӯи фанҳо бо роҳи зиёд кардани шумора ва бештар намудани мазмуни онҳо васеъ намудем, ба барвақт омӯхтани забони хориҷӣ мусоидат намудем, тарзу усулҳои пурмаҳсули кори таълиму тарбияро инкишоф додем; кунҷковӣ ва хоҳиши омӯхтанро тавассути

машғул шудан ба корҳои гуногун инкишоф додем; усулу малакаҳои самараноки кори таълимро ба амал бароварда, тасаввурот, сифатҳои маърифатӣ, эҳсосӣ-ихтиёрӣ, ахлоқӣ ва эстетикии шахсият ва қобилиятҳоро инкишоф додем; майлу хоҳиши фаъолияти гурӯҳӣ ва коллективиро тарбия кардем.

Муваффақиятноктарин дарсҳое буданд, ки дар онҳо технологияҳо барои тафриқа ва фардикунонии мазмуни таълим бо назардошти қобилият ва сифатҳои шахсияти хонандагон истифода мешуданд, аз ҷумла фантазияҳо, экскурсияҳо, конкурсҳо, сюжетҳо, «Кайҳон ва ман», «Созу наво», «Майдони муъҷизаҳо», «Чаро, барои чӣ?» бозиҳои нақшофарӣ, таъмид, дилеммаҳо, презентатсияҳо, банамоишгузориҳо, спектаклҳо, ҳикояҳои детективӣ, дарси компютерӣ ва бинарӣ, «Доночаҳо», «Бозиҳои мантиқӣ», «Саёҳат ба сарзамини дониш ва заковат» ва ғайра.

Бо расонидани кумаки равонӣ ва педагогӣ ба хонандагон мо шавқи бошуурона ба фаъолияти муваффақонаи хонандагон, қобилияти муоширати оптималӣ бо дигарон ва фаҳмидани онҳо, рушди малакаҳои рефлексия ва ташаккули сифатҳои умумибашарӣ ва инсонӣ (вазифа, виҷдон, адаб, масъулият, меҳрубонӣ, эҳтиром ва ғайра)-ро ташаккул додем. Технологияҳои бозӣ ба пайдо кардани малакаҳои рафтори боваринок дар шароити душвор, нишон додани дақиқият ва диққат дар иҷрои вазифаҳои мушаххас, фаврият, огоҳӣ ва таҳлили натиҷаҳои фаъолияти онҳо дар байни хонандагони синфҳои 1-4 мусоидат карданд.

Кӯдакони лаёқатманд на ба як фан, балки ба як силсила фанҳо шавқу рағбат зоҳир намуда, баъзан дар бисёр соҳаҳои дониш қобилияти баланди ақлӣ доранд. Барои инкишоф додани қобилиятҳои гуногунҷабҳаи хонандагон дарсҳои ҳамгирошуда аз рӯи фанҳои гуногун гузаронида шуданд: «Тасвири баҳор дар осори классикон» (забони модарӣ – мусиқӣ), «Шаҳри ман дар аксҳо» (сайри ҷаҳон – санъати тасвирӣ), “Гулҳои рангинкамон” (барномасозони ҷавон – санъати

тасвирӣ), “Саёҳат ба сарзамини рақамҳо” (практикуми забони англисӣ - математика), “Дандони бемор, кариесаҳои даҳшатовар ва Блендамеди ҷасур” (тарбияи ҷисмонӣ – биологони наврас – сайри таърих ) ва ғайра.

Ҳангоми ташкили дарсҳои факултативӣ, гурӯҳӣ ва инфиродӣ ба хонандагон имконият дода мешуд, ки фаъолияти зеҳнӣ ё эҷодиро, ки ба фардикунонии раванди таълим, фароҳам овардани шароит барои кор бо хонандагон аз рӯи нақшаҳои инфиродӣ мусоидат мекунад, озодона интихоб кунанд. Бо ин мақсад қисми тағйирёбандаи барномаи таълимии асосӣ истифода шудааст.

Барномаи таълимӣ барои хонандагони синфҳои 5-9 барои ҳафтаи шашрӯзаи корӣ бо рӯзи шашуми ҳатмии сарбории тағйирёбанда пешбинӣ шудааст. Дарсҳои факултативӣ, гурӯҳӣ ва инфиродӣ дар гурӯҳҳо ташкил карда шуда, сарфи назар аз шумораи хонандагони гурӯҳ маблағгузорӣ карда мешуданд.

Раванди азхудкунии забонҳои хориҷӣ дар шароити Гимназия наврасонро ба рушди зеҳнӣ ва эҷодии шахсият (технологияи таълими коммуникатсионӣ аз фарҳанги хориҷӣ – Е. И. Пассов) водор карда, барои иштирок дар муоширати байнифарҳангӣ шароит фароҳам овард [131, 192]. Хонандагон ҳангоми омӯхтани забони дуюм суханро азхуд намуда, барои қабул ва интиқоли иттилоот имкониятҳои иловагӣ пайдо намуда, талаботи муоширатро бо забони хориҷӣ қонеъ мегардонанд. Асоси зеҳнии забонии омӯзиши ду ва зиёда забонҳо ба рушди ҷаҳонбинии умумӣ ва забонии хонандагон, азхудкунии системаи истилоҳот, хониш ва малакаи кор бо адабиёти махсуси забони хориҷӣ ва иштирок дар ҷамъияти илмии хонандагон шароит фароҳам овард.

Истифодаи алгебра, геометрия, физика, химия, биология ва дигар технологияҳои интенсификатсияи таълим дар асоси моделҳои схематикӣ ва рамзии маводи таълимӣ дар дарсҳо ба ҳар як хонанда имкон дод, ки таҷрибаи шахсӣ ва қобилияти худро тавассути татбиқи қайдҳои инфиродӣ ва истинодҳои инфиродӣ нишон диҳад. Барои рушди

истеъдоди хонандагони синфҳои 5-9 ба раванди таълим дохил намудани чорабиниҳои лоиҳавӣ, ки ҳавасмандии рушди истеъдодро ташкил медиҳанд, аҳаммияти муҳим дорад. Омӯзиши лоиҳавӣ дар таълими география, забонҳои хориҷӣ ва таърих истифода мешуд. Мавзуъҳои фаъолиятҳои лоиҳавӣ бо як ё якчанд фанҳои барномаи таълимӣ, инчунин бо рӯйдодҳо ва мушкилоти воқеияти атроф зич алоқаманданд. Ҳамин тавр, лоиҳаҳои эҷодии хонандагони синфи 11 дар мавзуъҳои «Никоҳ дар фаҳмиши ҷавонони муосир», «Ҷиноят ва ҷазо: дирӯз ва имрӯз», «Таъсири достонҳои детективӣ ва романтикии ошиқона ба замони муосир», «Зӯроварӣ ва таҷовуз дар васоити ахбори омма», «Мо тарзи ҳаёти солимро интихоб мекунем!», «Шаҳрвандии фаъоли ҳамсолони ман», «Банақшагирии буҷаи оилаи ҷавон», «Таҳлили талабот ва пешниҳод дар бозори меҳнат», «Нақшаи тиҷорати истеҳсоли молу хизматҳои гуногун» ва ғайра хеле шавқовар ва пурмазмун буданд. Ин шакли ташкили кори мактаббачагон, ки дар фанҳои гуногуни таълим истифода мешавад, ба хонандагони синфҳои болоии болаёқат имкон дод, ки таҳсилро дар якҷоягӣ бо ҳамсолони худ идома диҳанд ва дар муносибатҳои маъмулии иҷтимоӣ боқӣ монанд, ҳамзамон дониши худро сифатан амиқтар гардонанд ва захираҳои худро дар соҳа муайян кунанд. Ин робитаро бо мутахассисони боистеъдод таъмин намуда, хонандагони синфҳои 10-11 ба корҳои таҳқиқотӣ ҷалб карда шуданд. Ҷалби хонандагони синфҳои болоӣ ба чорабиниҳои лоиҳавӣ барои ошкор намудани неруи зеҳнӣ ва эҷодии онҳо имкониятҳои номаҳдуд фароҳам оварда, ба фаъолияти таҳқиқотӣ замина гузошта, руҳияи эҳсосии олими ҷавонеро, ки таҳқиқоти илмӣ мебарад, ба вуҷуд овард.

Омӯзиши лаёқатмандии хонандагони синфҳои 1-11 тариқи ташхис, мушоҳидаи педагогӣ, омӯзиши ҳуҷҷатҳои мактабӣ, суҳбат бо омӯзгорони фаннӣ, роҳбарони синфҳо ва волидон гузаронида шуд. Хусусиятҳои синну сол ва психологию педагогии рафтор, инкишофи шахсият ва муносибат бо дигарон, шавқу рағбат ба фаъолияти

маърифатӣ ва эҷодӣ, майли худшиносӣ дар соҳаҳои гуногуни дониш ва эҷодкорӣ ба қайд гирифта шудаанд.

Дар раванди таълим бо мақсади ташаккули лаёқатмандӣ шаклҳои гуногуни дарс ҷорӣ карда шуданд: видеодарсҳо, дарсҳо-видеосаёҳатҳо, дарсҳо-баҳсҳо, дарсҳо бо иштибоҳҳои пешбинишуда бо хоҳиши хонандагон, бозиҳо дар амал, диспутҳо, панорамаҳо, парадоксҳо, дурнамоҳо, ҷустуҷӯҳо, ҳалли мушкилот, тарҳрезӣ, таҳқиқот, мизҳои мудаввар, ҳисоботи эҷодӣ, ҳамлаи ақлӣ, истифодаи усулҳои ҳалли эҷодии масъалаҳо, семинарҳо, дарсҳои компютерӣ аз навъҳои самараноки дарсҳо ба шумор меравand, ки ба рушди истеъдоди хонандагон мусоидат мекунанд. Ин ба татбиқи яке аз шартҳои зарурии дастгирии психологию педагогии хонандагон дар зуҳур ва рушди истеъдоди онҳо – фароҳам овардани шароит барои вазъиятҳои инкишоф ва зиндагии ҳолатҳои махсуси равонӣ (микробуҳрон) ҳамчун муҳити мусоиди таълимӣ мусоидат намуд, ба зуҳурот ва инкишофи табиати эҷодии истеъдод замина мегузорад. Дар баробари ин мо фаҳмидем, ки ангезаҳои асосии рушди қобилиятҳо ҷузъҳои муҳимми шахсӣ ва иҷтимоӣ мебошанд, ки аз хоҳиши дар микроҷомеа муҳим ва барои дигарон фоидаовар будан шаҳодат медиҳанд.

Ба инкишофи бомуваффақияти истеъдоди хонандагони синфҳои 11, чунон ки таҳқиқоти мо нишон дод, дарсҳои иқтисодиёт, ки дар онҳо хонандагони Гимназия аксар вақт ҳамчун мутахассис баромад мекарданд, мусоидат кард. Коршиносон дар машқҳои панҷдақиқагии иқтисодии «Иқтисоди фароғатӣ» иштирок намуданд ва ҳар як коршинос дар давоми сол мустақилона дарсро таҳия намуд ва гузаронид. Хонандагони боистеъдод дар синфҳои 5–7 дар мавзуъҳои: «Таърихи пайдоиши пул», «Нақши савдо дар иқтисодиёти мамлакат» ва ғайра машғулиятҳои шавқовар гузарониданд, ки он барои омӯзгорон дар ошкор кардан ва инкишоф додани кӯдакони лаёқатманд, дастгирӣ ва назорати минбаъдаи пайвастаи пешрафти онҳо муҳим буд. Хонандагон дар

фаъолияти бомуваффақият таассуротпазирӣ, ҳассосият, эҳсосоти мусбатро ҳангоми иҷрои вазифаҳои эҷодӣ (макет, моделсозӣ, истинод ва ғайра) нишон доданд.

Яке аз усулҳои ҷолиби рушди истеъдоди хонандагон супоришҳои эҷодӣ буд, ки ҳангоми омӯзиши бисёр фанҳои таълимӣ истифода мешуданд. Инак, дар дарси география хонандагони синфҳои панҷум афсонаҳои таърихии маҳалли «Ватанам – Тоҷикистон!», «Дар як соат дар шаҳри ман чиро дидан мумкин?», «Саёҳат дар осорхонаҳои пойтахт», паёмҳои «Дар ҷаҳони ҷолиб», пурра кардани маводи мавзуъ, тартиб додани масъалаҳои фароғатии ҷуғрофӣ, кроссвордҳо, ребусҳо ва муаммоҳоро тайёр карданд. Чунин дарсҳо ва ҳамроҳии иловагӣ дар вуҷуди наврасон шавқу рағбат ва дарки зарурати машғул шудан ба фаъолияти илмӣ-таҳқиқотиро ташаккул медод. Таҳлили посуххо нишон дод, ки ба онҳо мустақилият дар тасмимгирӣ ва интихоби самти фаъолият, инъикос ва зуҳури мустақилият, афзалияти кори инфиродӣ ва эътимод ба худ ва ниҳоят зуҳури худшиносӣ дар фаъолияти зеҳнӣ ва эҷодӣ хос аст.

Дастгирии психологию педагогии хонандагон барои рушди минбаъдаи истеъдод ва интихоби траекторияи ҳаёти инфиродӣ омӯзиши махсус буд. Хонандагон дар давоми соли таҳсил озодона мувофиқи шавқу ҳавас, қобилият ва нақшаҳои ҳаёташон якчанд курсро интихоб карданд. Ба хонандагони синфи 9-и Гимназия имконият дода шуд, ки пас аз хатми таҳсил дар мактаби асосӣ ба синфи 10-уми Гимназия гузаранд ё дар омӯзишгоҳҳои миёнаи касбию техникӣ таҳсилро давом диҳанд.

Воситаи самарабахши дастгирии хонандагони синфҳои болоӣ дар рушди истеъдод омӯзиши курсҳои интихобӣ буд, ки ба профили таълимии зинаи болоии Гимназия дохил мешаванд. Ба хонандагон 5 самти таҳсилоти махсус пешниҳод карда шуд: табиӣ ва техникӣ; иқтисод ва география; филология, педагогика ва санъат; ҷомеашиносӣ ва ҳуқуқ; тиб, биология ва варзиш. Аз профилҳои таълимии ба хонандагони

синфҳои болоӣ пешниҳодшуда беш аз 52% хонандагон профилҳои гуманитариро интихоб карданд ва хонандагони боқимонда тақрибан баробар профилҳои табиатшиносӣ ва физикаю математикаро интихоб карданд. Таҳлили посуххои гирифтаи хонандагони синфҳои болоӣ фаъолияти эҷодӣ, мустақилият дар тасмимгирӣ ва интихоби самти фаъолиятро нишон дод, ки дар байни онҳо қобилияти худро дар фаъолияти забонӣ, фаннӣ-маърифатӣ, техникӣ ва ғайра амалӣ кардан мехостанд.

Ҳамоҳангсозии рушди истеъдод дар фаъолияти таълимӣ бо таълими иловагии беруназсинфӣ дар зинаи миёна ва болоии таҳсилот тавассути маҳфилҳо ва чорабиниҳои фаннӣ (гимназиявӣ, олимпиадаҳои ноҳиявӣ, шаҳрию вилоятӣ ва конференсияҳои илмию амалӣ, идҳо, ҳафтаҳои фаннӣ, экскурсияҳо, викторинаҳо) пурра карда шуд. Ҳамин тавр, маҳфилҳои фанние, ки дар Гимназия амал мекунанд, аз як тараф, дониши дар синф гирифтаи хонандагонро васеъ карда бошанд, аз тарафи дигар, ба ташаккули қобилияти эҷодию таҳқиқотӣ дар машғулиятҳои гуногун мусоидат мекарданд.

Барои ташкили фаъолияти илмии хонандагони синфҳои боло ҷамъияти илмии хонандагон – иттиҳодияи ихтиёрии эҷодии хонандагони синфҳои 5-11 ташкил карда шуд. Дар раванди кори илмӣ хонандагон доир ба соҳаҳои алоҳидаи илм дониши худро такмил дода, қобилияти интеллектуалӣ ва эҷодии худро инкишоф медоданд, таҳти роҳбарии омӯзгорони Гимназия ва омӯзгорони Академияи хурди илмҳо малакаю маҳорати кори илмӣ-таҳқиқотӣ ба даст меоварданд. Мақсад аз фаъолияти ҷамъияти илмии хонандагон боз ҳам ошкор намудани қобилияти хонандагони Гимназия мебошад. Дар ҷараёни корҳои илмӣ, омода намудани маърузаҳо, тезисҳои маърӯзаҳо дар конфронс омӯзгорон шавқу завқи хонандагонро ошкор намуда, ба ташаккули эҷодкорӣ, тафаккури таҳлилӣ, малакаҳои муоширát, суханварӣ ва корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ мусоидат намуданд.

Ҳамкории омӯзгорон ва хонандагони ҷамъияти илмӣ дар шаклҳои гуногун ба роҳ монда мешуд: машғулиятҳои гурӯҳӣ барои хонандагони Гимназия таҳти роҳбарии омӯзгорони фанҳо; машваратҳои индивидуалӣ, ки омӯзгорони Гимназия ва омӯзгорони мактабҳои олӣ мегузаронанд; олимпиадаҳо аз фанҳои таълимӣ дар сатҳҳои гуногун; марафонҳои зеҳнӣ, бозиҳо, озмунҳо, брейн-рингҳо барои рушди шавқу завқи маърифатӣ ва қобилиятҳои эҷодӣ.

Натиҷаи фаъолияти муҳаққиқони ҷавон иштирок дар конфронсҳои илмию амалӣ буд, ки дар рафти онҳо маҳсули фаъолияти зеҳнӣ ва эҷодии худро муаррифӣ намуданд. Беҳтарин асарҳо бо диплому сертификатҳо мукофотонида шуда, ба маҷмуаҳои корҳои эҷодии асарҳои хонандагон «Интеллекти оянда» дохил карда шуданд. Дастгирии психологию педагогии инкишофи истеъдоди кӯдакон дар ин марҳила ташхиси зеҳнӣ, эҷодкорӣ, ҳавасмандкунӣ, ҳиссиётӣ, ихтиёрӣ, шахсияти хонандагон; тарбияи равонӣ ва пешгирии ҳолатҳои психогенӣ; ҷустуҷӯи имкониятҳои нигоҳ доштани сатҳ ва суръати инкишофи истеъдод; пайгирии инкишофи зеҳнӣ ва эҷодии ҳар як кӯдакро дар бар мегирад. Яке аз воситаҳои дастгирӣ ва ташаккули истеъдодҳои ҷавон маҷмуи чорабиниҳои психологию педагогӣ ва иҷтимоӣ буд, ки ба кӯдакон, падару модарон ва омӯзгорон нигаронида шудаанд. Дар рушди истеъдоди мактаббачагон, ба гуфтаи омӯзгорон, эътирофи дастовардҳои ҷомеа назаррас аст, ки ба ин иштирок дар конфронсҳои илмию амалӣ, озмунҳои эҷодӣ, фестивалҳо, намоишгоҳҳо ва озмунҳои сатҳҳои гуногун мусоидат мекунанд.

Дар инкишофи маърифатии хонандагони лаёқатманд дарсҳои факултативӣ аз фанҳои зерин ҷолиб ва назаррас буданд: забони хориҷӣ (хитоӣ ё немисӣ) (синфҳои 5-11), забони русӣ (синфҳои 6-11), адабиёт (синфҳои 5-11), математика (синфҳои 5-11), иқтисодиёт (синфҳои 7-9), география (синфҳои 7-10), биология (синфҳои 5-11), табиатшиносӣ (синфҳои 5-7), химия (синфҳои 8-11). Барои татбиқи профилактикаи

«нарм» интихоби касби оянда аз ҷониби хонандагони зинаи асосии таълим дар Гимназия курсҳои тайёрии пешакии профилӣ («Таълим ва касб» (синфҳои 7-9), «Таблиғот» (синфҳои 5-7), «Интихоби касби оянда» (синфҳои 6-8), «Асосҳои журналистика» (синфҳои 8-9) ва ғайра) гузаронида шуданд, ки ба худмуайянкунии муваффақ дар интихоби профили таълим мусоидат карданд.

Дар озмоиши педагогӣ инчунин падару модароне иштирок намуданд, ки муддати муайян фаъолияти фарзандони худро мушоҳида мекарданд ва бо ташаббуси онҳо аз рӯи барномаҳои «Ман ва саломатии ман» (синфҳои 1-4); «Таърихи кишвари ман» (синфхои 3-4); «Геометрияи визуалӣ» (синфҳои 3-4); «Фарҳанги мардумӣ» (синфҳои 1-4); «Ҷаҳони иқтисод» (синфҳои 1-4); «Рақси эстрадаи муосир» (синфҳои 1-4); «Ритм» (синфҳои 1-4); «Санъати тасвирӣ ва кори бадеӣ» (синфхои 1-4) ва ғайра машғулиятҳои иловагии пулакӣ ташкил карда шудаанд (Замимаи 6). Дар раванди ҳамроҳӣ ва дастгирии рушди хонандагон на танҳо омӯзгорон, балки падару модарон низ иштирок мекарданд: интихоби фарзандонро дастгирӣ менамуданд, ба кӯдак бештар диққат медоданд, оид ба масъалаҳое, ки душвориҳо ба вуҷуд меоваранд, маслиҳат медоданд, дар чорабиниҳои зеҳнӣ, эҷодӣ ва варзишӣ ширкат меварзиданд, дар омода кардани презентатсияҳо ва ғайра кумак мекарданд. Ин ҳамроҳии волидон ба хонандагон имкон дод, ки дар таҳсил ба натиҷаҳои баланди инфиродӣ ноил шаванд.

Бо мақсади васеъ намудани имкониятҳои таълим ва қонеъ гардондани эҳтиёҷоти «қонеънагардидаи» хонандагони гимназия бо ташаббуси хонандагон ва падару модарони онҳо барои хонандагони синфҳои 5-9-уми гурӯҳҳои гуногун дарсҳои иловагии забони русӣ (синфҳои 5-9) адабиёт (синфҳои 5-7, синфҳои 9), забони хориҷӣ (синфҳои 5-7, 9), математика (синфҳои 5-9), таърих (синфҳои 6-9), ҷамъиятшиносӣ (синфҳои 5, 8, 9), география (синфҳои 6-9), физика (синфҳои 6-9), химия

(синфҳои 7-9), биология (синфҳои 5-9), иқтисодиёт (синфҳои 5-9), информатика (синфхои 5-7, 9) ташкил ва гузаронида шуданд.

Хонандагони синфҳои болоии гурӯҳҳои истеъдодҳои гуногун имкон доштанд, ки дар дарсҳои иловагӣ аз забони русӣ (синфи 10), адабиёт (синфҳои 10-11), забони хориҷӣ (синфҳои 10), математика (синфҳои 10-11), таърих (синфхои 10-11)), ҷамъиятшиносӣ (синфҳои 10-11), география (синфҳои 10-11), химия (синфҳои 10-11), биология (синфҳои 10-11), физика (синфҳои 10-11), информатика (синфҳои 10-11), рассомӣ (синфҳои 10-11) ройгон ширкат варзанд (замимаи 6). Дар раванди кори тарбиявӣ бо хонандагони синфҳои 1-11 дастгирии психологию педагогӣ барои рушди истеъдоди хонандагон дар фаъолиятҳои гуногун расонида шуд.

Мазмуни чорабиниҳои таълимие, ки дар синфҳои ибтидоӣ амалӣ карда мешаванд, ба рушди худшиносӣ, худкашфсозӣ ва худтатбиққунии хонандагон, дарки худ ва «ман»-и онҳо дар коллектив мусоидат мекард. Дар рафти чорабиниҳои: «Паради дониш бо гирифтани унвони «Академики фахрӣ», «Рӯзи донишманд», «Модар, падар, ман – оилаи варзишӣ», «Саёҳат ба салтанати тирамоҳӣ», «Дар олами рангу наво», «Рӯзи орзубин», «Ҷустуҷӯи пешсафон», «Хонаи эҷодкор», «Шаҳри устодон», «Одитарин – ғайриоддӣ», «Рассоми оянда», мусобиқаҳои ранга ва ғайра сатҳи зеҳнияти хонандагон баланд карда шуд. Хонандагон инъикос кардан ва таҳлил намуданро ёд гирифтанд, қобилияти худсарона танзим кардани рафтор ва ангезаҳои таълимро ташаккул доданд, эҳтиёҷоти устувори маърифатӣ, шавқу рағбат, усулҳо ва малакаҳои кори таълимро ташаккул доданд ва муносибати маърифатиро омӯхтанд.

Фаъолияти таълимӣ бо наврасон ва хонандагони синфҳои болоӣ (синфҳои 5-11) аз ҷиҳати мундариҷа боз ҳам амиқтар буд. Хонандагони Гимназия бо иштирок дар чорабиниҳои гуногун: лагерҳои тобистона, «Мактаби иқтисодӣ» (синфҳои 10), озмунҳои лоиҳаҳои экологӣ (синфҳои

10), идҳо: «Ситораҳо ва истеъдодҳо» (синфҳои 5-7), «Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Рӯзи даъват», «Ҷамъомади сайёҳон», «Олими ҷавон», «Шурои хонандагони мактабҳои миёна», «Бозиҳои сарватманд» (синфҳои 8-9), «Истеъдод ва касби оянда», «Комёбиҳои ҷавонон» (синфҳои 6-8), озмуни лоиҳаҳои иҷтимоии «Некӣ кун» (синфҳои 8-11) ва ғайра қобилият ва истеъдоди худро ошкор намуданд. Ин ба худшиносии қобилиятҳо ва истеъдодҳо, фаъолияти ташаккулёфта, тахайюли эҷодӣ, зарурати муайян кардан ва бартараф намудани душвориҳо бо мақсади худтатбиққунӣ бо роҳи фаро гирифтан ба соҳаҳои гуногуни фаъолият оварда расонид.

Дастгирии психологию педагогии хонандагон бо мақсади васеъ намудани имкониятҳои хонандагони синфҳои 1-11-и гурӯҳҳои гуногуни лаёқатманд ва фарогирии онҳо ба корҳои фароғатии беруназсинфӣ, ки шавқ доранд, амалӣ карда шуд. Ҳамкории субъектҳои таълими Гимназияи бисёрсоҳа бо муассисаҳои ғайригимназиявӣ, ки ҳайати омӯзгорон барои рушди минбаъдаи истеъдоди хонандагон дастгирӣ ва ҳамроҳӣ мекарданд, аҳаммияти калон дошт:

- дарсҳо дар иттиҳодияҳои шавқовар дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ;
- дарсҳо дар иттиҳодияҳои шавқманд дар муассисаҳои фарҳангӣ;
- роҳнамоии касбӣ ва синфҳои тайёрӣ дар мактабҳои олӣ.

Ҳамин тариқ, барои рушди бомуваффақияти истеъдоди хонандагони гурӯҳҳо ва категорияҳои синну солашон гуногун, худмуайянкунии бомуваффақият дар ҷомеа ҳамкориҳои мутақобила ҳам бо субъектҳои гимназия ва ҳам бо субъектҳои берун аз гимназия амалӣ карда шуданд, ки барои қонеъ гардонидани худшиносии зеҳнӣ ва эҷодӣ имкони бештар фароҳам меоранд. Дастгирии психологию педагогии рушди истеъдоди гурӯҳҳо ва категорияҳои синнусолии хонандагон бо ҳамгироии фаъолияти омӯзгорон, равоншиносон, падару модарон ва дигар субъектҳои муҳити таълимии Гимназия пешбинӣ шудааст.

Дар рафти фаъолияти тарбиявию маърифатӣ шароите фароҳам оварда шуд, ки ба хонандагони гурӯҳҳои гуногуни истеъдод имкон медиҳад, ки қобилияту истеъдоди худро дар шаклҳои гуногуни фаъолиятҳои таълимӣ, беруназсинфӣ ва фароғатӣ нишон диҳанд. Яке аз ҷузъҳои дастгирии психологию педагогии рушди истеъдоди хонандагон фаъолияти иттиҳодияҳои методии омӯзгорони фаннӣ ва роҳбарони синфҳо буд, ки дар натиҷа роҳнамоии назариявӣ ва методӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ, ташкили банки методикаи кор бо хонандагони болаёқати синну соли гуногун, омӯзгорон ва падару модарон мебошад.

Роҳбарони синфҳо хусусиятҳои фаъолияти тарбиявиро омӯхта, ташхис ва мониторинги инкишофи истеъдоди хонандагонро дар гурӯҳҳои синну соли гуногун гузаронида, хусусиятҳои психологию педагогии кӯдаконро (ҳассосияти эмотсионалӣ, кунҷковӣ, рақобатпазирӣ) ошкор намуданд. Дар асоси натиҷаҳои ташхиси маҳорати зеҳнии хонандагон роҳбарони синфҳо якҷоя бо омӯзгорони фаннӣ усул ва шаклҳои кори инфиродӣ бо хонандагони болаёқати синну соли гуногун дар дарс ва корҳои беруназсинфиро муайян карданд. Дар баробари ин омӯзиши мавқеи ҳар як хонанда дар коллективи синф ва мушкилоти имконпазири муомила бо дигарон бо истифода аз усулҳои фаъоли таълим (тренингҳо, ҳолатҳои бозӣ, муҳокима, суҳбат ва ғайра) муҳим буд. Роҳбарони синф дар рафти ин машғулият усулҳои гуногуни фаъолияти тарбиявиро татбиқ намуданд: «Методикаи маданияти муошират ва ҳиссиёт» (А.А. Востриков) бо хонандагони синфҳои 1-5; «Худтакмилдиҳии хонандагона» (Г. К. Селевко) бо хонандагони синфҳои 6-9; «Методикаи фаъолияти гурӯҳӣ» ва «Грамматикаи ахлоқӣ» бо хонандагони синфҳои 7-9 (Н.Е. Шуркова), «Муколамаи ахлоқии хонандагони синфҳои болоӣ» бо хонандагони синфҳои 10-11 (А.И. Шемшурина) ва ғайра [161, 37-39]. Фаъолияти роҳбарони синфҳо дар

Гимназия ба ташаккули дониш ва истеъдодҳои хонандагон равона карда шудааст.

Дастгирии психологию педагогии рушди истеъдоди хонандагони синну соли гуногун муттаҳидшавии талошҳои омӯзгорон, равоншиносон ва волидони хонандагонро пешбинӣ мекунад. Мақсади ҳамкории коллективи педагогии Гимназия бо падару модарони хонандагон омӯзиши ҳар як кӯдак, ошкор кардан ва инкишоф додани қобилияту истеъдод ва сифатҳои инсондӯстии шахсият дар вуҷуди ӯ буд. Ин ҳамкории мутақобила ба принсипҳои эътимоду эҳтироми мутақобила, дастгирӣ ва кумаки дуҷониба, таҳаммулпазирӣ асос ёфта, ба омӯзгорон ва волидон дар фароҳам овардани шароит барои рушди бароҳати кӯдакони лаёқатманд, ташаккули сифатҳо ва хислатҳои шахсияти зарурӣ мусоидат намуд. Дар баробари ин маҷлисҳои падару модарон, лексияҳо, конференсияҳои тематикӣ, баромадҳо дар бораи таҷрибаи тарбияи оилавӣ оид ба инкишофи истеъдод ва қобилиятҳои хонандагон гузаронида мешуданд.

Ҳамин тариқ, дастгирии психологию педагогии рушди истеъдод як раванди мақсадноки таъмини якпорчагии рушди хонандагони синфҳои болоӣ, аз ҷумла ташхис ва мониторинги қобилиятҳо ва сифатҳои инфиродӣ оид ба расонидани ёрии равонӣ ва бехатарии рушди равонии хонандагон мебошад, ки ба ташаккули малакаҳои муошират барои барқарор кардани муносибатҳои боэътимоди байни омӯзгор ва хонандагон, васеъ намудани доираи муошират ва фароҳам овардани шароит барои ҷалби хонандагон ба намудҳои фаъолияте, ки ба онҳо таваҷҷуҳ доранд, мусоидат мекунад. Мазмуни дастгирии психологию педагогии рушди истеъдоди хонандагони гурӯҳҳо ва синну соли гуногун, ки аз ҷониби мо дар шароити гимназияи бисёрсоҳа амалӣ карда мешавад, имкон дод, ки тамоми фанҳои таълимӣ муттаҳид карда, иқтидори эҷодӣ ва зеҳнии гимназия ошкор карда шавад.

## Хулосаҳои боби II

Таҳлили низоми банақшагирии таҳсилоти иловагӣ, роҳу усулҳои такмили донишу маҳорати хонандагони болаёқат дар ҷараёни таълими иловагӣ, омӯзиши механизми омодасозии хонандагон ба олимпиадаҳои фаннӣ ва озмунҳои зеҳнӣ тавассути таълими иловагӣ ва инчунин кори таҷрибавӣ-озмоишӣ дар самти ташхис ва рушд додани лаёқатмандии хонандагон дар шароити муассисаҳои типи нав барои ба таври зайл хулосабарорӣ кардан мусоидат намуд:

